Ороми Понғозӣ

# Девон

Тошкент – 2016

## Таїимаи ҳоли шоир

**Исомиддин Шарофиддинов – Ороми Понғозӣ дар соли 1910 дар деҳистони Понғози ноҳияи Ашт (воқеъ дар вилояти Суғди кунунӣ), дар хонаводаи марде косиби равшанфикр бо номи Мулло Шарофиддин ба дунё омадааст. Мулло Шарофиддин, ки бо касби косиб°мӯзадӯз°таъмини маъош мекард, ҳамзамон аз улуми динӣ ва адабӣ низ огоҳии хубе дошт ва аз ин рӯ, ба таълим ва тарбияти фарзандонаш аҳамияти бисёр медод. Мулло Шарофиддини косиб соҳиби чаҳор писар ва як духтар буд, ҳавлии начандон бошукӯҳ, вале бофайзу баракат дошт: чаҳор дар хонаи чӯбдара, ҳавлии масоҳаташ тақрибан 60 метри мураббаъ, гирдогирди ҳавлӣ заруриёти зиндагии хонавода – ошхона, танӯрхона, суфача, ҳаммомхона, таҳоратхона, саисхона, оғилхона, ҳезумхона, каҳдон силсилавор ҷойгир шуда буданд. Дарвоза дар самти шарқии ҳавлӣ воқеъ гардида буд. Ҳавлӣ аз мобайн роҳрав дошт, ки ба дарвоза мерасонд ва ду қисмати ҳавлӣ дар фаслҳои баҳору тобистон ҳамеша сарсабз мешуд: Мулло Шарофиддин ва ҳамсараш Шарифамоҳ парвариши гулу гиёҳро низ дӯст медоштанд. Дар берун, аз пушти дарвоза ҷӯйбори начандон калоне ҳамеша ҷорӣ буд. Дар канори ҷӯйбор ду бех дарахти себи сангсеб, ки замоне шояд падараш корида буд, пасу пеш ҳосил медоданд. Сатҳи ҳавлӣ, ошхонаву танӯрхона ҳамеша покизаву озода, саранҷому сариштa буд: ҳамсари муҳтарамааш ҳар рӯз як бор ҷорӯб мезад.**

**Зиндагии аксари мардум дар он даврон ниҳоят содда ва фақирона буд. Вазъияти молии Мулло Шарофиддин низ аз вазъи иқтисодии оммаи васеъи мардум хеле фарқ намекард: мисли сарвари ҳар хонавода, зимистонҳо косибӣ мекард ва дар мавсимҳои баҳору тобистону тирамоҳ бештар дар як порча замини Боғи баҳории худ воқеъ дар мавзеъи Зарвот, ки дар канор деҳа, тақрибан, 3-4 километр дуртар аз хона, дар қисми шимолии деҳаи Понғоз, дар доманаи Кӯҳи Сиёҳ, дар поёнтари мавзеъи Чиҳил духтарон ҷойгир шуда буд, ба кори деҳқонӣ ва зиръоат машғул мешуд. Деҳқонӣ ва маърифатдӯстӣ ба ӯ аз падараш мерос монда буд. Ба ҳар сурат, зиндагии орому осуда ва пурмазмун, шароити мутавасситаеро барои аҳли хонаводааш фароҳам оварда буд.**

**Мулло Шарофиддин дар лаҳзаҳои фароғат аз кор, дар суфачаи зери тути калони воқеъ дар канори чапи ҳавлӣ чаҳорзону зада менишаст ва бачаҳояшро гирди худ фаро хонда ба тиловати Қуръони карим ё ба қироъати ашъори Шайх Саъдиву Хоҷа Ҳофизу Мирзо Бедил мепардохт. Садои дилнишин, қироъати ҳунармандонаи падар дар қалби кӯчаки**

**фарзандон меҳру муҳаббатеро ба иймону эътиқод, ба каломи бадеъ ва илму маърифат бедор мекард. Хусусан, писаронаш Назриддину Саҳобиддин ва Исомиддин тиловату қироъати падарро муштоқона интизорӣ мекашиданд, Аҳмадїон дар гаҳвора мехобид. Ин буд, ки ин ҳар се писар, дар ҳамон синни туфулият сураҳое аз Қуръон ва порчаҳое аз ашъори Ҳофизу Бедилро азбар намуда ва ҳатто каму беш хондану навиштанро ҳам ёд гирифта буданд. Писари калонӣ Назриддин "Ҳафтяк"хон ва "Чаҳор китоб"хон шуда буд. Назриддин ва Саҳобиддин илова ба таълими динии падар дар хона ва мактаби кӯҳна, таҳсилоти ибтидоиро дар мактаби сабки русӣ (рус-тузем), ки дар Понғоз кушода шуда буд, гирифтанд. Аз таҳсил дар ин гуна мактаб Исомиддини хурдсол низ бебаҳра намонд.**

**Исомиддин, ки пас аз гузашти солҳо худро бо тахаллуси "Ором", (Ороми Понғозӣ) муъаррифӣ кард, дар ҳамин гуна як хонаводаи бомаърифат, дар ҳамин гуна як шароити миёна ба дунё омад ва тарбият гирифт. Аммо ин зиндагонии осудаву ором ва бомароми хонавода зиёд Дере ҳам нагузашт, ки тӯфони ҳаводис ба Понғоз ҳам расид: дар муддати хеле кӯтоҳ ҳукумат ба дасти аскарони сурх гузашт, мусодира намудани молу мулки сарватмандон, таъқибу озори рӯҳониёну диндорон, қулоққунии заминдорону муллоён шурӯъ шуд. Аз сӯйи дигар, дар водии Фарғона барои ҳифзи ору номус, дину эътиқод ва хоки аҷдодӣ аз зулму истибдоди мустабидони ҷадид – шӯравиён, ҷунбиши сиёсии озодихоҳони Ватан шурӯъ гардид, ки аз сӯйи мардуми оддӣ ва тарафдорони ҳукумати нав "босмачӣ" ва "босмачигарӣ" ном гирифт. Мутаассифона, дар канори муҳофизони воқеъии Ватан ва фидоиёни дину эътиқод гурӯҳҳо ва дастаҳое низ ба вуҷуд омаданд, ки зери ниқоби мубориза алайҳи сурхҳо, ба деҳоту қишлоқҳои гирду атроф ҳуҷум мекарданд ва даст ба тороҷи молу мулки мардуми бечора мезаданд. Ҳатто аз таҷовуз ба зану фарзанди мардум низ рӯ намегардонданд. Дар соли 1919 буд, ки дар қишлоқи Ошоба – яке аз ҳамсоядеҳоти Понғоз, ҳамин гуна як дастаи ғоратгар бо раҳбарии Раҳмонқул-қӯрбошӣ шакл гирифт ва Понғозу деҳаҳои гирду атрофро тахти ташвишу таҳликаи ҳамешагӣ гузошт. Дастаи воқеъан босмачии Раҳмонқул-қӯрбошӣ ҳар вақт, ки ба Понғоз ҳуҷум мекард, молу маноли деҳқонону косибони онро ба ғорат мебурд, ҳар касеро, ки саркашӣ менамуд, ваҳшиёна ҷазо медодба номуси занону духтарони онҳо низ таҷовуз мекард, ё духтаре соҳибҷамолро дуздида мебурд. Зулму бедодии Раҳмонқул-қӯрбошӣ аз ҳад гузашт, корд рафта ба устухон расид. муйсаедони деҳистони Понғоз ҷамъ омада бо ҳам**

машварат карданд, қарор шуд, ки бар алайҳи босмачиёни Раҳмонқул-қӯрбошӣ гурӯҳи “муҳофизин”-и худӣ – муҳофизони воқеъии шарафу номус ва молу мулки Понғоз ташкил дода шавад. Яке аз ҷавонмардони паҳлавони деҳа – Ашурмат, ки баъдан бо номи “Ашурмат-қӯрбошӣ” шинохта шуд, раҳбарии гурӯҳи муҳофизинро бар дӯши худ гирифт. Он гоҳ ниёзе ба мирзо – котиб пайдо шуд. Кори мирзоӣ, ҳисобу китоби молу мулк ва арзу доди хаттии мардуми деҳаро касе бояд ба дӯш мегирифт, ки ҳам соҳиби хату савод, ҳам соҳиби инсофу диёнат бошад. Фоли қисмат ба номи Мулло Шарофиддини аҳли савод зада шуд, зеро ҳам мардум ва ҳам калонсолони деҳистон ӯро ба унвони муносибтарин шахс дар ин кор пазируфта буданд. Муҳофизини Понғоз шабу рӯз дар фикри дифоъ ва ҳимояти деҳистони худ буданд: то ҷое, ки имкон дошт, бо шамшеру милтиқҳои ба даст овардаашон мусаллаҳ шуданд, дар ҳар ҷо-ҳар ҷои гирду атрофи деистон дидбонҳо гузоштанд, шабҳо низ дар дастҳо машъала, гурӯҳ-гурӯҳ деҳаро посбонӣ мекарданд. Понғоз чанд рӯз ором гирифт. Вале тақрибан пас аз як ҳафта дастаи Раҳмонқул-қӯрбошӣ боз ба деҳистон ҳуҷум овард. Аммо ин дафъа кор ба муроди ӯ ҳал нашуд: ғоратгарони Раҳмонқул-қӯрбошӣ пас “юришҳои музаффарона”-и худ ба муқовиматҳои қатъӣ ва қавии муҳофизини Ашурмат-қӯрбошӣ тоб наёварда, бори аввал шикаст хӯрданд ва ақибнишинӣ карданд. Алами мағлубият ниҳоят талх буд. Раҳмонқул-қӯрбошӣ дид, ки кор бо ҷанги рӯбарӯ ҳал намешавад, роҳи макру ҳиларо пеш гирифт. Ҷосусони худро ба Понғоз фиристод ва маълум кард, ки тактикаи ҷангии муҳофизин ниҳоят пухта ва оқилона аст. Пас, ҳаракат кард, ки аз байни понғозиён ҷосус ёбад. Шахсе ҳам пайдо шуд, ки бо Ашурмат-қӯрбошиву Мулло Шарофиддини косиб адовати кӯҳна дошт ва онҳоро чашми дидан надошт. Вай бо одамони Раҳмонқул-қӯрбошӣ таъаҳҳуд кард, ки дар бораи вазъияти ҳаррӯзаи муҳофизини Понғоз гузориш хоҳад дод. Дар натиҷа, Раҳмонқул-қӯрбошӣ тавассути ин ҷосус – хоини понғозиён аз амалиёти рӯзмарраи муҳофизини понғозӣ хабардор мешуд. Дар охирин марҳила, он хоини фитнагар маҳалли зисту хоби Мулло Шарофиддинро муайян кард ва ба одамони Раҳмонқул-қӯрбошӣ гузориш дод. Одамони Раҳмонқул-қӯрбошӣ зуд ба амалиёт шурӯъ карданд ва шабонгоҳ Мулло Шарофиддинро, ки истироҳат мекард, аз ҷойи хобаш дуздида ба Ошоба – назди қӯрбошии худашон burданд.

Раҳмонқул-қӯрбошӣ Мулло Шарофиддинро хеле истинтоқ кард, ба зери зарбу лати бераҳмона гирифт ва чун итминони комил ҳосил кард, ки аз ӯ маълумоти дурусте гирифта наметавонад, оҳанпораи дар кӯраи

**оташ тафтаро ба шиками Мулло Шарофиддин зад. Шиками Мулло Шарофиддин сӯхтаву сӯрох шуд, рӯдаҳояш берун лағжиданд. Вале Мулло Шарофиддин ҳатто дар ҳамон ҳолати ҷонкоҳ ва ҷонгудоз низ мардонавор таҳаммул кард ва шаъну шарафи худро аз даст надод, бо дасти худ саллашро кушода шикамашро баст. Раҳмонқул-қӯрбошии ба хашму ғазаб омада фармон дод, ки Мулло Шарофиддинро дар ҳамон ҳолати ниҳоят вазнин пойи пиёда аз Ошоба то деҳистони Ашт бубаранд. Аз деҳаи Ошоба то Ашт 40 километрӣ роҳ буд. Мулло Шарофиддин маҷбур шуд дар тӯли чанд шабонарӯз бо азоби алим ин роҳи дарозро пойи пиёда, афтону ғелон, гуруснаву ташна, пешопеши савораҳои гургмизоҷи Раҳмонқул-қӯрбошӣ тай кунад. Ваҳшиёни Раҳмонқул-қӯрбошӣ ниҳоят, вақте ки ба деҳистони Ашт расиданд, дар бозори он ҷо дар ҳузури мардум падари шоирро қатл карданд. Аштиён ҷасади ба хун оғуштаи Мулло Шарофиддинро кафанпеч карда ҷаноза хонданд ва дар қабристони худ ба хок супурданд. Пас аз чанд рӯз хабари ваҳшиёна кушта шудани Мулло Шарофиддини Мӯзадӯз ба Понғоз расид ва хешовандону дӯстони наздикаш ба Ашт рафта бар сари хоки мазораш дуои фотиҳа хонда омаданд. Он вақт соли 1920 буд ва Мулло Шарофиддин 40 сол дошт. Зани ӯ бева ва панҷ фарзандаш ятим монд. Дар он замон писари калонӣ Назриддин 14 сола, писари дуввумӣ Саҳобиддин 11 сола, Исомиддин 8 сола, хоҳараш Бахринисо 5 сола ва писари аз ҳама хурдӣ – Аҳмадҷон 2 сола буданд. Дар он даврони ниҳоят ноорому вазнин модар тамоми сангиниҳои рӯзгорро ба дӯши худ бардошт, ба хотири ин ки орзӯи шавҳари раҳматияш ҷомаи амал пӯшад, фарзандонро аз таҳсили илм бознадошт, баръакс, онҳоро ба омӯхтани илму ҳунар ташвиқ намуд.**

**Исомиддини 8 сола субҳи барвақт бо бародаронаш аз хоби ширин бедор мешуд ва ба модараш кӯмак мерасонд: гоҳ ҳамроҳи бародаронаш барои чаронидани бузу гӯсфанд ба саҳро мерафт, гоҳ обёриву алафдаравӣ ва ҳезумкашӣ мекард. Бародарон пас аз кору заҳмату машаққатҳои сангини рӯзона шабҳо гирди чароғ ҷамъ омада ба хондану навиштан машғул мешуданд.**

**Модар фарзандонро ба мактаби нави ибтидоӣ, ки акнун шӯравиҳо ташкил намуда буданд, супурд. Исомиддин ва бародаронаш таҳсилро дар мактаби шӯравӣ идома доданд. Исомиддини тезҳуш ва хушҳофиза аз навҷавонӣ ба касби муаллимӣ дил баст. Пас аз саводомӯзӣ як муддат дар мактабҳои Понғоз, Бободархон ва Регар муаллимӣ кард. Бо вуҷуди ин ки замон дигар шуда ва қиёфаи фарҳангии мардум низ дигар шуда буд, ба**

сабаби саводи хуби диниву дунявӣ доштанаш, мардуми деҳистон ба Исомиддини ҷавон “Мулло” хитоб мекарданд ва ин ҳолат ҳокӣ аз меҳру муҳаббат ва эътирофи ҳамдеҳагон буд.

Кушта шудани Мулло Шарофиддин ба дасти босмачиён мувофиқи табъи дастандаркорони ҳукумати шӯравӣ буд ва ин ҳолат барои пешрафти Исомиддину бародаронаш дар оянда мусоидат кард. Ин буд, ки ӯ дар солҳои 1937-1938 дар донишкадаи ториху ҷуғрофиёи Дорулфунуни Осиёи Миёна (САГУ), ки дар шаҳри Тошканд воқеъ буд, таҳсил кард ва пас аз бо муваффақият ба поён расонидани таҳсилот ба зодгоҳаш баргашт. Дар мактаби Понғоз аз фанҳои ториху ҷуғрофиё дарс дод ва дар тӯли 25 соли охир, то соли 1972 ба унвони директори мактаб фаъолият дошт. Шоир дар тӯли ин солҳо шогирдони зиёдеро тарбият кард, ҷавонписарон ва ҷавондухтарони боистеъдодро ба роҳи илму ҳунар ҳидоят намуд. Бино бар ин, дар баъзе аз ғазалҳо ва маснавиҳояш ба ин нукта ишора намуда ва худро ба унвони “булбули боғи дабистон”, “посбони гул”, “меъмори чаманзор” муъаррифӣ намудааст:

Мулло Исомиддин дар солҳои 1933-1943 дар ноҳияи Орҷоникидзеобод (Кофарниҳон, Ваҳдат) низ ба унвони муаллим дар курсҳои маҳви бесаводӣ фаъолият нишон дод. Дар ҳамин давра дар деҳаи Чӯянгарони мавзеъи Кофарниҳон писарбачае бо номи Табар, ки фарзанди як марди қулоқшуда буд, ба ҷони Мулло Исомиддин суиқасд кард. Як шеъри 8 байтии Мулло Исомиддин, ки “Шум гиёҳед, бойу муштзӯр” ном дорад ва бо байти: (матлаъ)

Қасди ҷонам кардаӣ, хуни даҳон шав, эй Табар,

Душмани инсон шумо аҷдоду авлод сар ба сар! -

шурӯъ мешавад, ба ҳамин муносибат навишта шудааст. Вале ин, ки ӯ шеъри мазкурро дар ҳамон сол, ки 23 сола буд, навиштааст ё пас аз гузашти солҳо (тақрибан, дар солҳои 60-уми асри гузашта), маълум нест. Зеро дар дастнависи шоир низ соли таълифи шеър сабт нашудааст. Дар ҳар сурат, аз ин ки шоир дар ҳошияи шеър аз ин заҳри қотил “бо чӣ азоб сиҳат ёфтан”-и худро таъкид кардааст, маълум мешавад, ки тамоми умр он азоби алимро фаромӯш накардааст.

Исомиддин Шарофиддинов дар ин давра хонадор шуд, соҳиби чанд фарзанд гардид, дар байни халқ обрӯ ва эътибори баланд пайдо кард, ҳамчун табиби мардумӣ маъруф шуд, агарчӣ камтар, вале ба ҳар ҳол ба

**унвони як шоир дар сатҳи ноҳия ва вилоят шинохта шуд. Мулло Исомиддин марди қуръонхон ва ҳадисдон буд, аз баски дар давраи бачагӣ ва навҷавонӣ таълимоти диниро низ фаро гирифта буд, ба унвони “мулло” низ обрӯву эътибори вижае дошт. Фарзандони шоир тарбият ва номи падарро ҳалол карданд: писари калонии шоир – Анварҷон Исомиддинов аввал дар Донишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе, сипас дар давраи аспирантура дар Ленинград (Сапнк-Петербург), пас аз он дар давраи докторӣ дар шаҳри Маскав таҳсил намуд. Аввал дараҷаи номзадии улум, сипас дараҷаи илмии доктории улуми тиббиро дарёфт намуд, китобҳои зиёд таълиф кард, соҳиби унвони профессори тиббиёт гардид. Писари дуввум – Фарҳод Исомиддинов аз поённомаи илмии худ дар мавзӯъи “Муқоисаи достони “Лисон ут-тайр”-и Амир Алишери Навоӣ бо достони “Мантиқ ут-тайр”-и Шайх Фаридидини Аттор” бо муваффақият дифоъ намуда дараҷаи номзадии улуми филологиро ба даст овард ва солҳо ба унвони дотсент дар Донишгоҳи Давлатии омӯзгории вилояти Тошканд аз фанҳои забону адабиёти форсии тоҷикӣ тадрис намуд. Як давраи тӯлонӣ ба унвони мудири кафедраи ҳамин донишгоҳ фаъолият нишон дод ва шогирдони бисёреро тарбият намуд, як силсила китобҳои дарсӣ ва илмиву адабии худро ба чоп расонид. Барои заҳамоташ дар таълифу таҳқиқи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба дарёфти унвони профессории Академияи Улуми Байналхалқӣ мушарраф гардид.**

**Духтарони шоир – Ҳалима ва Ҳанифа кадбонуҳои бообрӯи хона, соҳиби набераву аберахо дар Ангрен гардиданд.**

**Писари хурдии шоир – Тоҳирҷон солҳост, ки ба унвони раиси як корхона дар ноҳияи Ашт фаъолият нишон медиҳад.Баъди солҳои сиюми асри бист, дар шаҳри Ангрен кони ангишт ба кор сар кард, лекин коргар намерасид, бинобарон аз шаҳру деҳаҳои ҳамсоя одамонро ба кор даъват карданд ва як гурӯҳ одамон аз Понғоз ҳам омада дар кони ангишт кор мекарданд. Писари дуввуми шоир Фарҳод Исомиддинов, ки дар соли 1968 издивоҷ карда ва соҳиби ду фарзанд гашта буд, баъди ба дидорбинии хоҳарони худ омада буд ба кор даъват шуд ва соли 1973 бо оилаи худ ба Ангрен кӯчида омад. Дертар ӯ соҳиби шаш фарзанд гашт, (чаҳор писар, ду духтар). Духтарони шоир Ҳалимаву Ҳанифа низ бо хонаводаҳояшон ба ин шаҳрак зиндаг° доштанд. Азбаски аз Понғоз то шаҳраки Ангрен фосила он қадар ҳам дур набуд (ҳамагӣ 40 километр), Ороми Понғозӣ то охири умр барои дидори фарзандонаш ба ин шаҳрак меомад ва чанд рӯз дар ҳалқаи фарзандону наберагонаш ташнагии дидор**

мешикаст. Вай ба мардуми меҳмоннавози Ўзбекистон иродат ва эҳтироми хосе дошт, шаҳрҳои зебо ва табиъати дилангези онро хеле дўст медошт.

Ороми Понғозӣ дар канори соҳиби улуми динӣ ва дунявӣ будан, дар лаҳзаҳои фароғат аз фаъолиятҳои педагогиву ичтимоъӣ, ба сурудани ашъор ба забонҳои форсӣ-точикӣ ва ўзбекӣ пардохтааст. Дигар аз машғулиятҳои дўстдоштаи шоир ҳунари хушнависӣ ё худ хаттотӣ будааст. Чунон ки аз таҳқиқи дастнавиштаҳои шоир бармеояд, вай ашъорашро бо алифбоҳои форс°-араб° таълиф намуда, сипас онҳоро дар се дафтар ба кирилл° баргардонидааст. Бо ҳавсала ва муҳаббати тамом, бо ҳусни хати зебо ва хоно китобат карда ва дар се дафтари дастнависи худ боқӣ гузоштааст. Ҳамчунин, шеърҳои чудогонаеро ба забонҳои форсиву ўзбекӣ аз шоирони клоссику муъосир низ хушнависӣ намудааст. Баъзе аз он китобатҳо аз як сў ба унвони намунаҳои хуби санъати хаттотии Ороми Понғозӣ, аз сўйи дигар ба унвони як санади ториxиву адабӣ аҳамияти вижае доранд.

Ороми Понғозӣ ба шоирони маъруфи давр чун Мирзо Турсунзода ва Чустии Намангонӣ (Набихон Хўжаев – 1904-1983) на танҳо иродати хос дошт, балки то ҳадде ошноӣ ва ҳамкории адабӣ низ доштааст. Ў бо нависандаи халқии Тоїикистон Їалол Икром°, ки дўсти наздики писпри табибаш Анварїон риштаи дўст° дошт аз наздик шинос буд. Ин аз ашъоре, ки ў ба Мирзо Турсунзода бахшидааст, низ пайдост. Аз миёни дастнависҳои шоир ду баргае ба даст омад, ки покнависи як ғазали Чустӣ бо радифи "Ўргулай" бо ду хат – арабӣ ва кириллӣ мебошад. Он ғазал дар танқиду мазаммати баъзе духтарони бешарму ҳаёи он даврон суруда шуда ва ба шарҳи зайл аст:

Деб эдик ташлаб ниқобингни, кўзинг оч, ўргулай,

Юз очиб келдинг, бироқ салкам яланғоч, ўргулай.

Дар поёни ғазал санаи "26.12.1969" сабт шудааст, ки торихи ба риштаи назм кашида шудани шеъри мазкури Чустиро нишон медиҳад. Пас аз он ин сатрҳо рақам шудааст: "Рўбардоркунанда-хаттот Шарофиддинов Исомиддин. 4.02. 1970". Ғазали фавқ, бидуни шакку шубҳа, шеъри Чустист. Зеро ин, аз як сў, аз тарафи Ором низ таъкид шуда ва аз сўйи дигар, дар он сабки баён ва ҳачви намакини Чустӣ ба таври мушаххас эҳсос мешавад. Чустӣ ин ғазалро ба эҳтимоли қавӣ дар яке аз давраҳои дўстонаи шоирону адабдўстони доираи адабии Наманган

**филбадоҳатан суруда ва онро тақрибан пас аз 38 рӯз Исомиддин Шарофиддинов – Ороми Понғозӣ ё аз забони худи Чустӣ ё аз дафтари ӯ рӯбардор кардааст. Ба эҳтимоли қавӣ, ин ғазали танқидӣ дар матбуъоти даврии шӯравӣ чоп нашуда ва ба девони ғазалиёти шоир низ дохил карда нашудааст. Ҳатто, ба эҳтимоли бештар, мумкин аст ҳамин дастнависи Ором танҳо нусхае аз ғазали мазкури Чустӣ бошад. Худи ҳамин як саҳна аз рӯзгори Ором нишон медиҳад, ки ӯ бо доираҳои адабии Намангону Фарғонаву Тошканд иртиботи хубе дошта ва бо шоирони он рӯзгори ин доираҳои адабӣ низ дӯстӣ ва ошноии хубе доштааст.**

**Исомиддин Шарофиддинов – Ороми Понғозӣ умри бобаракате дида ва дар торихи 1 январи соли 1997 дар синни 86 солагӣ бо ин ҷаҳон дар иҳотаи панї фарзанди їигарбандаш падруд гуфтааст. Илоҳо рӯҳаш ором, оқибаташ обод бошад.**

## ГАНҶИ ҒАЗАЛ

***Ғазалиёти форсӣ-тоҷикии Ороми Понғозӣ***

### МАЪШУҚИ ПОКАМ

Ба номат ҳамди беҳад мефиристам, маъшуқи покам,
Агар мушки рухат боди сабо орад, фараҳнокам.

Сиришкам жола меборад чунон ки абри найсоне,
Шудам дар мадҳи ту гӯё, ба шабҳо дида намнокам.

Либоси гулгунат дар тан, ба каф шамшер, тайёрӣ,
Агар маҳрам набошам, пора кун ин синаи чокам.

Ҳамеша маҳрами розат, санам, аз ту намегардам,
Илоҷам чист, мақбулат наям,яъне, ки нопокам.

Адолатпарвар эй шоҳи ҷаҳон, султони ҷононҳо,
Мабодо гар хатое кардаам, бахшой, ғамнокам.

Макотиб чун навишт аз сарнавиштам ошиқи ночор,
Фиғону нолаҳо аз дил кашида дар сари хокам.

Инону ихтиёрам рафта, чун ман масту ҳайронам,
Макун, Ором, фикре ғайри васли духтари токам.

### ГУЛ

Месароям, аз чаманзори висолат чида гул,
Дида рӯйи гулъузоратро, зи худ шармида гул.

Бо ту шодам, дилбарам, дар байни гулҳои чаман,
Дида шодии маро, дар зери лаб хандида гул.

Бӯйи мӯйи анбарафшонат чаманро маст кард,
З-ин ҷиҳат мастона атрангез шуд рақсида гул.

Хайли мурғон дар навою булбулон дар сӯзу соз,
Дар миёни дилфигоронаш ба худ болида гул.

Гашта Ороми ту ҳам мурғи ғазалхони Ватан,
Аз ғазалхонии ӯ дар хештан печида гул.

*1960*

## ПАРВОНААТ МАН

Ба тоҷат дилбарам, парвонаат ман,
Ту шамъӣ дар шабу парвонаат ман.

Муҳаббат дар дили ман лона монда,
Ҳамон мастонаи майхонаат ман.

Далерона қадам мондам ба васлат,
Ба сидқи ин дилат ҳамхонаат ман.

Илоҳӣ, матлабам маҳрам намоӣ,
Ту гул, он булбули девонаат ман.

Муҳаббат дард агар буду азобе,
Табиби ишқаму дармонаат ман.

Нигоҳе кун, манам бечора Ором,
Шуда булбул зи ишқ, афсонаат ман.

*1960*

## МОҲИ ТОБОНАМ ШАВӢ

Як шабе, эй маҳлиқо, дар кулба меҳмонам шавӣ,
Меҳрубонам, мӯнисам, дилбанди ҷононам шавӣ.

Булбулон дар ҳайрат аз ҳусну ҷамолат, эй санам,
Дорам уммеде, ки як шаб моҳи тобонам шавӣ.

Дар таманнои рухат парвонасон сӯзад дилам,
Кош, танҳо як шабе шамъи шабистонам шавӣ.

Дар чаманзори висол илҳоми қалби ман туӣ,
Месароям васфи ту, дилдор, ҷононам шавӣ.

Булбулони субҳи васлат дар ғазалхонӣ мудом,
Субҳдам, эй ғунча, кош, Ором бар ҷонам шавӣ.

*1960*

## АҶАБ ҲОЛЕ...

Аҷаб ҳоле зи васлат дорам имшаб,
Чу булбул то саҳар бедорам имшаб.

Шукуфта ғунчаи гулҳои хандон,
Ба хидматҳои гул пуркорам имшаб.

Ба дил мепарварам меҳри гулеро,
Шудам овораи гулнорам имшаб.

Ба ёди ғунчаи сурхи гули нор,
Саҳар гардиду ман бедорам имшаб.

Зи гулҳои муаттар масту рақсон,
Аҷаб мастона ҳоле дорам имшаб.

Хушо, эй дил, ки шодам дар диёрам,
Зи атри ғунчаҳо саршорам имшаб.

Равам бар сайри гулшан ҷаста, Ором,
Чу булбул нағмаҳо бардорам имшаб. *1960*

## МЕҲМОНАМ ШАВӢ

Мӯниси умрам, баҳорам, ёри ҷононам шавӣ,
Дилбару дилдодаам, бар кулба меҳмонам шавӣ!

Шоҳбозам, аз ту шодам,бар гулистонам биё,
Сарви озоди чаман, пайванди ҷононам шавӣ.

Дар дилам мепарварам шавқи висолат рӯзу шаб,
Бо сабо бар мулки дил илҳоми девонам шавӣ.

Ошиқат ман, дар гулистони диёр, эй нозанин,
Интизорат мешавам,  чун ғунча хандонам шавӣ.

Орзӯйи васли ту умре диламро чун ғизост,
Дар шаби торики ҳиҷрон моҳи тобонам шавӣ.

Булбулу гул ҳамдаму хонда ғазал дар ин диёр,
Меҳрубони ман туам, эй кош, дармонам шавӣ.

Меҳри ту мепарварам, Ором, андар қалби худ,
Дар диёри бошукӯҳам, кош, султонам шавӣ. *1960*

**ЭЙ ЁРИ ГУЛАНДОМ**

Дилро ба сари зулфи зарафшони ту бастам,
Ҷон бар лаби лаъли шакаристони ту бастам.

Эй қомати дилҷӯйи камолоти гулистон,
Бо мӯҳри ту лаб бар ҳама фармони ту бастам.

Бар лавҳи дилам меҳри ту сад нақш кашидаст,
Ман аҳди азал бо хати паймони ту бастам.

Бар ҳусну ҷамолат шудаам волаву шайдо,
Чашм аз ҳама ҷуз рӯйи гулистони ту, бастам.

Ороми вафодори туям, маҳрами розат,
Ман риштаи ҷонро ба хати ҷони ту бастам.

*1960*

**ГУЛОБ ОМАД**

Зи васлат, эй санам, қалби ҳазин дар изтироб омад,
Ду зулфи анбарат мушку рухат ҳамчун гулоб омад.

Ба гардан зулфи занҷири ту буд, эй сунбули ларзон,
Кушодам дида бар васлат, вале дастат ҳиҷоб омад.

Ба бӯят ман чунон мастам, зи васфат булбули зорам,
Баҳори гулшани умрам, нигорам бо шитоб омад.

Давои дарди ишқам шав, табобат кун, давое кун,
Зи ҳаҷрат ашки борони ду чашми ман ҳубоб омад.

Адабсозӣ кунам бо худ, чунон дар дил ҳаё дорам,
Зи чашмони хумор илҳоми ин созу рубоб омад.

Зи васлат ман чунон шодам, даруни боғу бӯстонат,
Ба сайри гулшани соҳибҷамолон печу тоб омад.

Дар ин маҳмилкашӣ, Ором, ёри ҷони ман мебош,
Ҳамегӯям, ки гӯё дар бадан як ҷони ноб омад.

*1960*

## ҲАР ЛАҲЗА ҚУРБОНАТ ШАВАМ

Дар гулистони Ватан, ёро, гулафшонат шавам,
Сарви нози маҳҷабин, ҳар лаҳза қурбонат шавам.

Чашмҳоят нур бахшад бар чаманзори Ватан,
Амр деҳ, то булбулосо ман ғазалхонат шавам.

Изн деҳ, эй шоҳи хубон, дар тамоми зиндагӣ,
Ман ҳамеша гӯш бар ҳар амру фармонат шавам.

Сидқи дил, ихлоси дил дам аз висолат мезанад,
Мисли бод, эй шодии ҷон, кокулафшонат шавам.

Бандаи гулзори васлат мешавад Ороми мо,
Пар зада дар гулшанат, мурғи хушилҳонат шавам.

*1960*

## ОФАТИ ҶОН ОМАДА

Шӯхи ман – сарви равон сайри гулистон омада,
Ҳамраҳи сад нозанин бо нози чандон омада.

Мутрибу раққосаву соҳибҷамолон бешумор,
Дар миён он нозанин товусхиромон омада.

Дар миёни гулъузорони ҷаҳон зеботарин,
Мушки гулҳои гулистони баҳорон омада.

Рақс-рақсон сӯйи ман оҳиста чашмак мезанад,
Чашми шаҳло, тири мижгон қотили ҷон омада.

Саҷда карда лолагулҳо, рафта дар пеши рухаш,
Дар висолаш боғу бӯстон дурри ғалтон омада.

Дидаи дилро кушода ошиқаш – Ороми мо,
Ханҷари теғи нигоҳаш қотили ҷон омада.

*1960*

**КОКУЛПАРЕШОНАМ, БИЁ!**

Гулшанорои ҷаҳон, сарви гулистонам, биё,
Нозанин, зебосанам, доруву дармонам, биё!

Холи зебои рухат шӯъла ба ҷонам мезанад,
Дилнавоз, ороми ҷон, шамъи шабистонам, биё!

Дар гулистони рухат гуллолаҳоят зарфишон,
Хуштакаллум, хушзабон, эй шаккарафшонам, биё!

Гар биёӣ, ҷони ман дар зери поят мафраш аст,
Хушназар, хушхулқу хӯ, хушаҳду паймонам, биё!

Кафтари мурғи дилам парвонасон пар мезанад,
Аз паёми субҳи гул, булбул шуда, ҷонам, биё!

Сар ба гардун мебарад аз ишқи ту Ороми мо,
Шӯхи дилҷӯйи чаман, кокулпарешонам, биё!

*1960*

**ТЕҒИ НИГОҲ**

Шудам бар гулҷамолат ошиқи зор,
Кунам ҳалқа ба гардан зулфи зуннор.

Ҳамеша матлаби ман дидани туст,
Мисоли андалебе дар чаманзор.

Кушо бар рӯйи ман даргоҳи васлат,
Ғуломи ҳалқа бар гӯши туям, ёр!

Манам дар боғи васлат боғбоне,
Чаро пас медиҳӣ бо хорам озор?

Ба қатлам мекашӣ теғи нигоҳат,
Надорам тоқат аммо ман ба пайкор.

Биё, булбулсифат нағма сароям,
Чу мутриб ё муғаннӣ бар ту, дилдор!

Чӣ хуш, бисмил шавам, Ором, дар васл,
Сар аз даргоҳи ӯ ҳаргиз мабардор!

*1960*

**ВАСФИ ВАТАН**

Лола гар аз боғу бӯстони Ватан сар мезанад,
Офтоби оламоро дар чаман бармезанад.

Мурғи бӯстони висоли субҳидам андар баҳор,
Бар сари гулҳои зебои чаман пар мезанад.

Доимо шодам зи халқи бахтёри деҳаам,
Кафтари субҳи диёрам дар ҷаҳон ҷар мезанад.

Содиқам Ором, андар гулшану гулзори ишқ,
Ҳарфи дил бар қалби душман теғи ханҷар мезанад.

*1960*

**ЁДИ ДАБИСТОНАМ ГИРИФТ**

Изтироби ишқи ҷонон аз гиребонам гирифт,
Ақлу ҳушамро ҳамон сарви хиромонам гирифт.

Ҷону тан дар изтиробу дил кабоб аз сӯзи ишқ,
Рӯҳи Маҷнуни фироқ аз даври домонам гирифт.

Мекашад майли ҷунун бар водии зарди фироқ,
Чун тавон кардан, ки дарде пеши дармонам гирифт.

Зулмати дил мефизояд дар баҳори гулшанам,
Матлаби оҳу фироқи дашти ҳиҷронам гирифт.

Дар шабистони висолам моҳтоби безавол,
Толеъи бахту камолу хайру эҳсонам гирифт.

Нолаву зорам фузуд, Ором, чун мадҳуш ман,
Андалебе дар наво, ёди дабистонам гирифт.

*1960*

**ТАМОШО КУН**

Ба чашми ошиқӣ ҳусни диёрамро тамошо кун,
Дар айёми назар фасли баҳорамро тамошо кун.

Ҳамеша дар Ватан шодам, ҳамеша бо вай ободам,
Муҳаббатбор боғу киштзорамро тамошо кун.

Каноре бекарон дорад, мусаффо осмон дорад,
Биёву дашту саҳро, кӯҳсорамро тамошо кун.

Ба дилбар гуфтани аҳволи ишқамро ҳаё кардам,
Биё, сабру қарори устуворамро тамошо кун.

Ба дил мефахрам, Оромо, диёре бебаҳо дорам,
Фаровон ҳосиловар пахтазорамро тамошо кун.

*1960*

**БИШНАВЕД**

Дӯстон, шарҳи фироқ аз қалби зорам бишнавед,
Нолаву оҳанги зори ин дуторам бишнавед.

Сарбаланде кас надида дар ҷаҳон монанди най,
Зери по бӯрё шуд он  акнун, шиорам бишнавед.

Ман-маниву кибр бошад ҷоҳилӣ дар зиндагӣ,
Ҳарфи меҳр аз мардумони хоксорам бишнавед.

Ҷонфизо фавворaҳои илму ирфон дар Ватан,
Дӯстиву сулҳҷӯӣ аз диёрам бишнавед.

Синаи бекина, Ором, оварад сидқу сафо,
Илму ирфони диёри беканорам бишнавед.

*1960*

**ЧАШМОНИ ХУММОРАТ**

Ба боғистони васлат мешавам дарбони гулзорат,
Ҳамеша даста-даста чида гулҳои чаманзорат.

Гулу себаргаро дар мақдамат, эй ёр, хоҳам рехт,
Камар бастам барои хидмати чашмони хуммoрат.

Саҳаргоҳон даруни гулшани пургул манам ҳозир,
Бубин, ин дастаи гулғунчаҳо монанди тӯморат.

Кушода ғунчаҳо дар вақти ин субҳи гулистонам,
Қатори ошиқонат мешавам ман ошиқи зорат.

Зи шавқи ин чаман гулбарги зебо мекунад ханда,
Ба завқи гулшанат ман мешавам ёри вафодорат.

Саҳаргоҳон чу булбул нағмапардозам ба гулшанҳо,
Манам дар гулшани васлат ҳамон як булбули зорат.

Шудам, Ором, субҳе гирди гул монанди парвона,
Бибӯям мушки ноб аз оразат, эй гул, чу хумморат. *1960*

**ОМАДАНД**

Як шабе дар хоби нозам меҳрубонон омаданд,
Пешу пас ду тан ба чашмонам намоён омаданд.

Он яке чаққону пуршаст, Ҷомии хуб тундмизоҷ,
Дигаре солор, Маъдан, бахри меҳмон омаданд.

Ҷомӣ аз китфам гирифта, карда Маъдан пурсупос,
Дилнавозу мушфиқон аз баҳри сомон омаданд.

Ҳам ҷавон гаштанду ҳам пирони пурдон, дастгир,
Ханда бар лаб, ҳамчу фарзона намоён омаданд.

Аз ҳаё дар пеши устодон нагуфтам рози дил,
Ҳоли ман ошуфта дида бас ғазалхон омаданд.

Карда сӯҳбатҳои ширин, хонишу савту наво,
Бар сарам, Ором, ҳамчун тоҷи шоҳон омаданд.

*1961*

**ХУРШЕДИ ТОБОНАМ ТУӢ**

Эй нигоро, дар ҷаҳон, хуршеди тобонам туӣ,
Умри зебо, боғу бӯстону гулистонам туӣ.

Аҳду паймон бастаам, аз шаръи ту берун наям,
Давлати Дорову Искандар, намоёнам туӣ.

Ишқи ту дар қалби ман бошад мудом, эй нозанин,
Андалеби хушнавои боғу бустонам туӣ.

Вирди дил гашта ҳамеша васфи ту, эй моҳрӯ,
Аз шараф дорӣ зиё, шамъи шабистонам туӣ.

Бесабаб не, хондаам ман достони ишқи ту,
Имтиҳон дорам ман, эй Ором, ҷононам туӣ.
*1961*

## ТӮТИИ ШИРИНМАҚОЛ

Тоқати гуфтан надорам васфи ту, эй хушвисол,
Қуввату дармон бирафту қоматам шуд ҳамчу дол.

Як назар кун бар мани ошуфтаи васли нигор,
Дар ҳавои гулшани дил тӯтии ширинмақол.

Сарви боло, наргиси шаҳло мисоли гулбаҳор,
Бар миён сунбул мисоли турраи мӯйи кашол.

Бахту иқболат муборак, кавкаби тиллои кор,
Қумрии майдони меҳнат, сарвари соҳибҷамол.

Орзӯи васли ту дар қалби ман, эй нозанин,
Бедсон melарзаму гуфтан ба ту амри маҳол.

Бо шуҷоъат, бо маҳорат хушкалому дилнавоз,
Ҷони Ором аз садоқат шод шуд, соҳибҷамол!

*1961*

## МЕСАРОЯМ

Месароям васфи дилбар, байни гулҳо ҳар мудом,
Рангу бӯи хоси доранд гулҳо ҳар кадом.

Раставу пайваста сабза, лолазорони чаман,
Хониши савти ҳазорон дар гулистон ҳар мақом.

Лашкари ҳусни рухат тороҷсози мулки дил,
Андалебам, месароям васфи ту ҳар субҳу шом.

Бода нӯшам масту ҳайрон аз ҷамоли дилбарам,
Гаштаам сайди ғизоле, ман ҳамеша қайди дом.

Шоҳи хубон, сарвари гулҳои раънои чаман,
Аз нигоҳи нозанинат ошиқонат гашта ром.

Мурғи хушхони ғазалхон, дилнишин савти ҳазор,
Ошиқи рӯйи гулат Ором гашта субҳу шом.

*1961*

**ЧАРО ЁРАМ НАЁМАД?**

Ба назди ман чаро ёрам наёмад,
Дилу ҷон, бахти бедорам наёмад?

Ҳамеша ёди ман дар кӯйи ёр аст,
Чаро боре мададгорам наёмад?

Ба сайри гулшани ёрам давидам,
Чаро гулчеҳра, гулёрам наёмад?

Дилу ҷон дар ҳавои он гуландом,
Табассум карда дилдорам наёмад.

Куҷо ҷӯям, чӣ созам чораи дил?
Тасаллои дили зорам наёмад.

Ба гардун мерасад ин нолиши ман,
Чаро лайлисифат ёрам наёмад?

Ҳама шому саҳар менолам, Ором,
Давои қалби беморам наёмад.

*1961*

**РАҚАМ РЕЗАД**

Ягон нуқта агар ҳарфе аз ин чоки қалам резад,
Ҳама анбар чу мола рӯйи саҳни ин ҳарам резад.

Агар товусхироми гулшанам аз ҷо ба по хезад,
Насими мушки анбарсои кокул то қадам резад.

Гулистони баҳори ин Ватан ранге дигар дорад,
Навои булбулон дар гулшану боғаш на кам резад.

Ватан раққосаҳо дорад, хиромон, остинафшон,
Ҳама раққосаи ҳиндӣ аз он ашки алам резад.

Биёву хома гир, Ором, бинвис он чӣ дил гӯяд,
Тақозоям дирам не, бар сарам лутфу карам резад.

*1965*

## ДАР ВАСФИ ПАДАРАМ

Субҳи мавлудам шараф-шон, шайхи беҳамто, Падар,
Эй ба зебоӣ ба олам Юсуфи барно, Падар.

Дар ҳаётам ҳомиву пушту паноҳ, имдоди ман,
Қиблагоҳам, мушфиқам, носеҳи дурифшо, Падар.

Илму ирфон раҳ намудӣ баҳри фарзандони худ,
Дар фазои ақлу биниш ҳам хирадпаймо, Падар.

Панду андарзи азизат бар дилу ҷон рӯҳбахш,
Дар адаб, ақлу хирад донотарин доно, Падар.

Равзаи рози диламро мекушоям бар ту ман,
Махзани асрори қалбам, меҳри беҳамто, Падар.

Такягоҳам, раҳнамоям, ҷоннисорам, мӯнисам,
Ҳодии меърочи ман бар олами маъно, Падар.

Ғайри ту Ором кай дида ба олам меҳрвар,
Ин чӣ хуш гӯям, Падар, бо сад таманноҳо, Падар!

*1967*

## МАРСИЯИ ВАФОТИ БАРОДАРАМ НАЗРИДДИН

Алфироқу алвидоъ, эй мӯниси ҷонам, акем,
Дар баҳори умри зебо боғу бустонам, акем!

Рафтӣ аз дунёи дун бо сад ғаму ранҷу ситам,
Пуштбону муттако, дорую дармонам, акем!

Аз падар монда ятим, чун ғунчаи дилхун шуда,
Бемаҳал гаштӣ хазон, сарви гулистонам, акем!

Маҷлисоро, хуштакаллум, тӯтии ширинкалом,
Ҳам чароғи пурзиё, шамъи шабистонам, акем!

Сарви шамшоди қадат чун бемаҳал гашта завол,
Андалеби гулшани саҳни дабистонам, акем!

Рафта дар ҳифзи Ватан ҷангидаӣ бо душманон,
Захмҳое хӯрда бар тан, марди майдонам, акем!

Бо мурувват, мушфиқӣ соҳибвасоётам будӣ,
Раҳнамо, соҳибҳидоят, ҳамдами ҷонам, акем!

Дар фироқат дилкабоб, Ороми барҷо мондаам.
Алвидоъ, эй қадрдон, шеъру ғазалхонам, акем!

*1971*

## ДИЛДОР МЕРАҚСАД

Тамошо кун, дило, як дам, ки он дилдор мерақсад,
Чу товуси баҳорӣ сарви хушрафтор мерақсад.

Гуландоме, дилороме ба сони ғунчаи хандон,
Ба зулфони чу сунбул анбарин гулнор мерақсад.

Чӣ раққосе ғазалхон бар миён заррин камар баста,
Барои ошиқон мастонаву хуммор мерақсад.

Чу тоҷи хусравон печида бар сар сунбуле ларзон,
Малакваш шоҳи хубон, кабки хушрафтор мерақсад.

Рамида, дил рабуда рақс-рақсон кард тасхирам,
Париваш, нозпарвар, сарвари асрор мерақсад.

Макун, воъиз, сифоти Лайливу Маҷнуни афсона,
Бубин, ин шоҳи хубонро, ки лайливор мерақсад.

Чу Ороми ту махмуре аз он майхонаи ишқам,
Биё, эй дил, бубин, дилдодаи ғамхор мерақсад.

*20 феврали соли 1973*

## НОЛОН ШУДАМ

Маст гардидам зи май, булбул шудам, нолон шудам,
Чун ҳилоли осмон ин лаҳза дар ҷавлон шудам.

Гул шудам, сунбул шудам, булбул шудам дар гулшане,
Аз гули раънои ӯ шармандаву ҳайрон шудам.

Ғунчаи уммеди субҳам дар дабистоне шукуфт,
Шодмон аз шавқи ӯ, афтон шудам, хезон шудам.

Сӯхтам дар оташу хокистарам гул кард, лек,
Оташи ишқам фузуд, чун лолае хандон шудам.

Пар зан, Ором,  дар дабистону гулистони диёр,
Бар дари ӯ суда сар, бо аҳду бо паймон шудам.

*1973*

**ШАРМРӮ НИГОР ОМАД**

Булбули чаман омад, фасли навбаҳор омад,
Андалеб мастона сӯйи лолазор омад.

Даста-даста гул чида, рақс карда, печида,
Дар чаман ба сад ишва шӯхи гулъузор омад.

Дар чаман чамон гоҳе, ҳам зи ман ниҳон гоҳе,
Байни лолаву сунбул шармрӯ нигор омад.

Рӯ намуда бар сӯям, майл карда бар кӯям,
Дилбари дилу ҷонам, ёри ғамгусор омад.

Ҳамнавои қалби ман, ҳамсадои қалби ман,
Савти ҷӯйбор омад, нолаи ҳазор омад.

Марҳабо, биё, Ором, ишқро зиёрат кун,
Зойири дили ошиқ – фасли навбаҳор омад.

*1977*

**ШӮХИ ЗАМОНА**

Ту, эй лайлосифат, шӯхи замона,
Рӯҳ аз барги тару қоши камона.

Чаро аз ман рабудӣ дил, дилафрӯз,
Ба ман дода зи фасли гул нишона.

Аз он сарви равони гулшани гул,
Тамошои рухат кардам баҳона.

Нидои нолаи булбул фиғонам,
Зи ҷавшан ғунчаҳо карда нишона.

Саҳаргоҳон чу булбул нола дорам,
Ман, Ором, ишқи худ карда баҳона.
*1978*

## ШИКОЯТ АЗ АЙЁМИ ПИРӢ

Ман ғарибиі бенавою бесару сомонаам,
Мубталои дарди ҳиҷрон, бедару бехонаам.

Кош, к-аз ҳолам хабар гирад ягон олиҷаноб,
Кулбаи дарду алам гашта дили вайронаам.

Дар дили озурдаам сабру қароре нест, нест,
Гӯ, мисоли андалеби дар қафас нолонаам.

Навбаҳорам шуд зимистон, субҳи Наврӯзам хазон,
Булбули паррехта, дар ошён ҳайронаам.

Рӯзгорам шуд нагун, бахтам забун, ҳолам хароб,
Сар ба сар овора гашта, дар ба дар девонаам.

Булбули шӯридаам, гум карда боғистони хеш,
Дар миёни хору хас дармонда як парвонаам.

Дар дилам дарду алам, таъну маломат бар сарам,
Дар миёни мардум, Ором, инчунин афсонаам.

*1979*

## САЛОМАМРО РАСОН

Ба ҳар сӯ медавам, гумкардароҳе дар шабистонам,
Саломамро расон, боди сабо, бар сарви бустонам.

Даруни маскани тораш чунон маҳзуну афгорам,
Баҳори лолазорам шуд кунун фасли зимистонам.

Шуда ман булбули нолон, наво дар дил шуда пинҳон,
Шикаст ойинасону шуд хазон ранги гулистонам.

Камоли маърифат аз дил намояд рӯ чӣ сон, охир,
Мисоли булбули шӯрида дар боғи дабистонам.

Асири гулшани розам, намедонам, чӣ сон нозам,
Куҷой, ғамгусори дил, ман инак дар ғамистонам.

Чунон дар қайди сайёдам, саропо доду фарёдам,
Чӣ сон ҳаққи ҳаётамро аз ин бераҳм бистонам?

Надорам як ҳаловат дар ҳаёти бесуботи худ,
Дилам хун гашта, Оромам, ба рӯз андар шабистонам.

*1979*

**ЁРАМ НАДОНИСТ**

Ҷигар кабобам, ёрам надонист,
Ҳоли харобам ёрам надонист.

Бодапарастам, минӯ ба дастам,
Банди шаробам, ёрам надонист.

Дар шоми ҳиҷрон, гирёну нолон,
Андар азобам, ёрам надонист.

Сайди шикорам аз тири мижгон,
Дар печу тобам, ёрам надонист.

Дар қайди бандам бар зулфи занҷир,
Бас дар итобам, ёрам надонист.

Чун абри найсон, ду чашми гирён,
Дида пуробам, ёрам надонист.

Ҳайрону сарсон дар водии ишқ,
Андар шитобам, ёрам надонист.

Ороми нолон, дар дашти ҳиҷрон,
Хоку туробам, ёрам надонист.

*1979*

# ДАЙРИ ДУДАР

***Маснавиҳои Ороми Понғозӣ***

## “НАСИҲАТНОМА”

### НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД

Хуш бихон, фарзанди ҷон, болу парам,
Бар сари тоҷи ҳаётам гавҳарам.

Бо ту меболад дилу ҷонам, писар,
Бо ту боғи бахти ман бидҳад самар.

Дар тағофул ғафлату шармандагист,
Пеш рафтан худ шиори зиндагист.

Гар бихоҳӣ санҷишат бидҳад самар,
Дар давоми хониши худ ранҷ бар.

Ранҷ бар ту мекушояд роҳи ганҷ,
Ганҷ кай ҳосил шавад бе ҳеҷ ранҷ?

Ҷаҳлро аз синаат ихроҷ кун,
Илмро бар сар ҳамеша тоҷ кун.

Сайру гашти беҳуда бар ту чӣ суд?
Илму дониш мақсадат оё набуд?

Толиби илму ҳунар бошӣ, чаро,
Чор солат рафту инак моҷаро?

Ё зи муштоқӣ ту сарсон мондаӣ,
З-ин сабаб дар имтиҳон дармондаӣ.

Ё ки бар майхона мойил гаштаӣ,
З-ин ҷиҳат аз имтиҳон нагзаштаӣ.

Ман – падар аз кори ту нороҳатам,
Рӯзу шаб з-ин моҷаро дар ҳайратам.

Қалби худ аз ҳарзагардӣ тоза кун,
Зиндагиятро ба илм андоза кун.

Дарсҳоятро бирав, такрор кун,
Ин хаторо баъд аз ин инкор кун.

*1961*

**НАСИҲАТЕ ДИГАР БА ФАРЗАНД**

Машав ман-ман, писар, чун боди сар-сар,
Сараш боло ҳамеша чӯби ар-ар.

Касеро дӯст дорӣ бо дили пок,
Азизаш дор дар ин арзу афлок.

Бубин, эй булбули боғи баҳорон,
Зи савти нағмаҳоят ғунча хандон.

Саногӯ булбулони боғу бустон,
Чӣ медонанд сармои зимистон?

На ҳар мурғе азизи бому дар шуд,
Ҳумои покгавҳар тоҷи сар шуд.

Зи ишқи содиқи Маҷнуну Фарҳод,
Намоянд одамон то ҷовидон ёд.

Чӣ донӣ фарқи ҳайвон то ба инсон?
Яке сифла, дигар дар тоқи кайвон.

Ту, эй фарзанд агар бошад дилат соф,
Ҳамеша ҳамраҳат мурғи кухи Қоф.

Машав аз ҷоҳилон, кимёназар шав,
Хирадманд одаме, аҳли ҳунар шав.

*1961*

**ВАСИЯТ БА ФАРЗАНД**

Ҷигарбандам, шунав аз ман насиҳат,
Насиҳат нест ин, аслан васият:

Куҷо най сар барорад холӣ аз бор,
Гурез аз паллаи он най, накӯкор.

Дарахти себро бинӣ чу сархам,
Ба бӯяш сер фарзандони Одам.

Надорад ҳосиле ҳаргиз сафедор,
Агарчӣ сарбаланд аст ин сабукбор.

Макун гарданкашӣ ҳамчун шаётин,
Фалотунӣ агар, ё худ Фалотин.

Макун асло сарафрозӣ ба мансаб,
Ки мансабро набошад нек машраб.

Чунин гӯям, умеди ман зи ту ин,
Ки аз боғи ҳаётат маърифат чин.

Ҷигарбандам туӣ, фарзона фарзанд,
Макун қалби мунаввар қайди ҳар банд.

Ба мактуби самимона назар кун,
Чу фарзона зи гумроҳӣ ҳазар кун.

Далерона зи роҳи рост рав пеш,
Дилозорӣ макун бо халқи дилреш.

Намон ҳаргиз ба ҳар гирдобу ҳар дом,
Адабхоҳи ту мебошам ман – Ором.

*1961*

**НОМА**[1]

Кунун пардозам ин нома зи оғоз,
Қуши[2] паррехта омад ба парвоз.

Ки он асрори дар пинҳон нуҳуфта,
Ягон нукта чу дастоне нагуфта.

Биолояд ба он асрори дастон,
Вафодорӣ кунад чандону чандон.

Бичӯш, илҳом, гардам нуктадонат,
Вагарна нуктаҳо пинҳон бимонад.

Манам дар печу тобу хуфта дар хоб,
Халида дар дилам як наштари ноб.

[1]Ин шеър дар асл "Бигир хома ба дастат..." унвон дорад.
[2] Қуш – мурғ, паранда.

Нишон илҳоми қалбам аз ҳадаф дод,
Равон созам кунун ин тири имдод.

Фусун хонад маранҷ, ар халқи ҷоҳил,
Чунин нодону ҷоҳил ҳамчу коҳил.

Зи дасти рӯбаҳу гурги наҳорам,
Макун шиква, дигар тоқат надорам.

Ки он рӯбоҳи маккори чарогоҳ,
Зи бӯстони ҳаёташ гашта гумроҳ.

Гурӯҳи гурги хунхорон забунанд,
Даруни сина пурғам, сарнагунанд.

Бихон он нуктаро, чун чора созам,
Бад-он сон қулфи дилро пора созам.

Манам ҳайрони он ойинаи дил,
Зи ҳайронӣ задастам пой бар гил.

Чӣ донанд ин касон дурру садаф чист?
Касону нокасон дар ин ҷаҳон кист?

Гурӯҳи аблаҳон Қуръон бихонанд,
Зи он маънӣ ягон нукта надонанд.

Ба дил буғзу адоват карда пинҳон,
Риёко(р), беҳаё дар байни инсон.

Нахонда мактаб, устоде надида,
Худашро байни халқ доно намуда.

Бипошад захр аз касбу камолаш,
Чунин аст аз азал фикру хаёлаш.

Намудаш аҳли тақво, худ риёкор,
Чу шайтони лаъини мардумозор.

Бале, ин носеҳа Ором, орост,
Насиҳатро ту бишнав аз дили рост.

*23 январи соли 1960*

**ДАР ВАСФИ МАЪДАН**

Бигӯям як-ду сатре аз дили реш,
Аз он даврони зулматовари пеш.

Ба ёд омад ҳамон даврони бадхоҳ,
Чу дуди талху тунди саргину коҳ.

Бурун оварда оби чашми мардум,
Амиру хону қозӣ ҳамчу каждум.

Раъият хору зору сина пурғам,
ҶУдо аз касбу кор, аз молу дирҳам.

Халоиқ менамуд чанд аз ситам дод,
Набуд фарёдрас бар доду фарёд.

Дар он дам Маъдани пурдоғу ҳиҷрон,
Даруни мардумон ду чашм гирён.

Бигуфто: Ин сагони ҳокиму шоҳ,
Ҳама гурганду рӯбоҳони даргоҳ.

Балои Понғазу ҳам мулки Шайдон,
Фалотун гашта дузди боғу майдон.

Халоиқ чун рама дар назди гургаш,
Чашида теғи хуношоми маргаш.

Аз ин аҳволи маъюси раъият,
Адиби мӯҳтарам – Маъдан рақам зад.

Бигуфто: Он саду сӣ гурги золим,
Ҳамон қозию аълам, хону ҳоким,

Яке гургу яке рӯбоҳи маккор,
Амалдорону дарбонони дарбор.

Чунон бедодиҳое карда афзун,
Ба хуни халқ карда даст гулгун.

Ало, устод Маъдан, шоири ҳақ,
Ҳама гуфтори ту ҳақ буд мутлақ.

**ДАР ҲАҚҚИ ҒАРАЗГӮЁН**

Ба ёронат мазан санги маломат,
Маломат оқибат орад надомат.

Саросар дар Ватан меҳнат шиор аст,
Ба меҳнат қалби инсонӣ баҳор аст.

Ҳумо парвози боло аз камӣ ёфт,
Азозил лаънате аз ман-манӣ ёфт.

Чу садҳо шахси аввал, ё ки дуввум,
Мисоли моҳу меҳр, айвони анҷум.

Падид ояд шараф пошида аз нур,
Дурахшон чун садаф, дар қалби худ дур.

Маранҷ Ором, андар сина пиҳон,
Ватан ободу ту гашта ғазалхон.

Азизон, ин ҷаҳон меҳнатсарое,
Ҳаёт з-ин ёфт бас нашъу намое.

Ҳама шоҳу гадо дар хок хуфта,
Ба ин дайри дудар падруд гуфта.

Чӣ сон буд дар замонаш Золу Рустам,
Ба разму базм хӯ бинмуда ҳар дам.

Кашокаш карда дар майдон ба ҳар тан,
Бад-ин сон гашта номи ӯ Таҳамтан.

Дар охир зери хоки ин саро шуд,
Агарчӣ паҳлавони сафдаро шуд.

Ҳама сӯ шаҳсаворони диловар,
Ба доройӣ чу Дорою Сикандар.

Ба хубӣ ёфт шӯҳрат моҳи Канъон,[3]
Ғуломи ҳусни тарсо гашт Санъон.[4]

Мусаххар кард дунёро Сулаймон,

---

[3]Моҳи Канъон – ишора ба Ҳазрати Юсуф.
[4]Санъон – ишора ба Шайх Санъон, ки ба тарсодухтаре ошиқ шуда буд.

Зи адли норасо гашта пушаймон.

Писар, акнун бигир ибрат бад-ин сон,
Зи инсон ҳаст фарқе то ба инсон.

Кунун бингар “Баҳористон”-и Ҷомӣ,
Ки андар нуктаҳояш гашта сомӣ.

Бубин, Суқроту Луқмон, ибни Сино,
Ба дарди халқ гардида мудово.

Бубар аз қиссаҳои “Ҳафт авранг”,
Аҷоиб рангу бӯеро ба ҳар ранг.

Бихон “Хамса”-й Навоиро ба тамкин,
Биёбад қалбат аз хондан-ш таскин.

Назар бар Рӯдакиву Саъдӣ андоз,
Китобатҳои Фирдавсӣ ҳамесоз.

Шараф дорад башар аз номи Сино,
Ки “Қонун”-аш ба сони кӯйи Мино.

Ҳазорон инчунин соҳибҳидоят,
Бирафта мондаанд аз худ васоят.

Ҳамон доно бувад, к-ӯ некӣ андӯхт,
Зи некӣ бехабар андар ҳаёт сӯхт.

Яке бо некномӣ дар ҷаҳон монд,
Дигар бо баднишонӣ аз даҳон монд.

Ҳаменозам зи шуғлу касбам, Ором,
Муаллим ман, дилам саршори илҳом.

*1961*

**БАҲОРИ ГУЛУ БУЛБУЛ**

Баҳори гул ҳамеша шоду хандон,
Гули сурху сафеду лола чандон.

Гаҳе сар мекашад гулҳои раъно,
Гаҳе гулҳои садбарги дилоро.

Сумангулҳо шуда рашкӣ ба сунбул,
Ба вақти нағмасозиҳои булбул.

Зи атраш дил биёбад гоҳ таскин,
Ба сони мушки тотору Хутан, Чин.

Ҳаёти булбулон бе гул набояд,
Агар булбул набошад, гул чӣ шояд?

Чаман бе гул мисоли дашту саҳро,
Хасу хошоку пур аз санги хоро.

Ҳаёти ҳар яке дорад чу гулбун,
Чу булбул парварида куртагулгун.

Гулу булбул баҳорон шоду хандон,
Зимистонаш шуда барбод чандон.

Саҳаргаҳ булбулон дар субҳи гулзор,
Чаро ғофил ту инсон аз чаманзор?

Ту ҳам монанди булбулҳо саҳар хез,
Бирав, бар ғунчагулҳоят шакар рез.

Чаман бе дасти инсон шӯразорест,
Чаман бо дасти инсон навбаҳорест.

Биёву субҳи гулшан мисли булбул,
Ғазал мехон ба гӯши ҳар яке гул.

Ба ҳалқи гул бирезӣ шарбати ноб,
Кунад аз шавқ бар ту хандаи ноб.

Зи лаъли хандаи гул дур бирезад,
Ба по раққосасон рақсида хезад.

Гулоб аз косагул менӯш майгун,
Ҳама ин косагулҳо куртагулгун.

Зи ҷоми гул майи мастона менӯш,
Ба ҷонон мешавӣ мастона ҳамдӯш.

Шуда булбул, наво месозам Ором,
Зи гул нӯшам гулобе, бишканам ком.

*17 июни соли 1964*

**БАР ГУЛ САЛОМЕ**

Салом аз ман ба барги гул, саломе,
Ки шояд гӯяд аз ишқам паёме.

Ба рамз ояд зи хобам карда бедор,
Намояд рамзи ӯ як лаҳза дидор.

Димоғамро намояд бас муъаттар,
Ҳамон гулғунчасимои суманбар.

Зи ишқ афсонае бинмуда оғоз,
Ба тори қалби ман нохун занад боз.

Гирифта дастам, аз гардан бубандад,
Ба тори мушкини мӯяш бубандад.

Дубора булбуле шайдо шавам ман,
Ба саҳни гулшанаш пайдо шавам ман.

Ба фармонаш чу Анқо пар кушоям,
Наранҷам аз ҷафояш, ҳар куҷоям.

Ҳаво додам сабо чун боду гирдоб,
Басо гирён ду чашмам карда пуроб.

Ба ҳар сӯ тохтам, ҳар сӯ давидам,
Парида бар сари кӯяш расидам.

Кашида нолаву афғон чу булбул,
Нишастам бар дари кошонаи гул.

Бигуфт: Эй бехабар, мастона булбул!
Даруни парда пинҳон ғунчаам – гул.

Бигуфтам: Ғунча, дар парда ниҳонӣ,
Вале дар қалби ман рамзе аёнӣ!

Бигуфт: Эй булҳавас, аз ишқ нозӣ,
Ба ишқи ночизат бар гул чӣ созӣ:

Ба ӯ гуфтам, ки ишқамро бибозам,
Ба фармони гулам ҳар сӯ битозам.

Бигуфто: Хезу рав бар саҳни гулзор,
Ҳама гулҳои зеборо ба даст ор!

Ба ӯ гуфтам: намехоҳам дигар гул,
Чӣ кор ояд чаман бе гул ба булбул?

Бигуфт: Эй норасида, аз куҷоӣ,
Ки бо ҷуръат ба ин гулшан дароӣ?

Бигуфтам: Булбулам, гулшан дароям,
Зи ишқат сӯхта, нағма сароям!

Бигуфт: Эй булбули дилчоку пора,
Ту, ки наврустаӣ, ишқат чӣ кора?!

Бад-ӯ гуфтам: Мазан таъну маломат,
Тасаддуқ ҷони ман бар ҳар каломат!

Бигуфто: Дам мазан аз ишқ, хомӣ,
Шаванд аз ишқ расво субҳу шоме.

Бигуфтам: Сирри ишқатро биёмӯз,
Ба тори ишқат асрори дилам дӯз.

Бигуфт: Эй навраси Маҷнуни шайдо,
Куҷо ёбам зи қалбат ишқ пайдо?

Бигуфтам: Сидқи ишқам бар ту афзуд,
Шавам ғаввос, гирам гавҳар аз рӯд.

Бигуфто: Пурхатар роҳи висолам,
Ман он гулғунчаам, як навниҳолам.

Бигуфтам: Лутф бинмою кушо дар,
Зи шавқат пар кушоям чун кабӯтар.

Бигуфт: Ар булбули ишқӣ, сано гӯ,
Мабар сирри муҳаббатро ба ҳар сӯ.

Дари ганҷи висоли гул пур аз ранҷ,
Набошад ранҷ, кай орӣ ба каф ганҷ?

Садоқат пеша кун бар ишқи покат,
Мабодо каҷравӣ созад ҳалокат.

Саҳар хезу чу булбул нағмаҳо соз,
Шавад бар гул навоҳои ту ҳамроз.

Шунидам гуфтаҳоятро, аё ёр,
Гули ноёби қалбам кардам иқрор.

Ба назди гул диламро пора созам,
Ба ҳифзи сарви нозам чора созам.

Наафтад боди сармо бар сари гул,
Бупечам бар сараш монанди сунбул.

Гаҳе созам наво чун андалебон,
Шунида пар занад кабки биёбон.

Гулам ояд ба сар печида сунбул,
Чу булбул пар занам бар шохи ин гул.

Назар созад ба ман гулғунча, хандад,
Ба ман Ором, ҷону дил бубандад...

*12 декабри соли 1965*

**ДАР ВАСФИ МОДАРАМ**

Забон дар васфи Модар печ дар печ,
Чаро дар меҳри Модар гуфтаам ҳеҷ?

Дилам лабрези меҳри Модар, аммо,
Куҷо донанда рози ин муаммо?

Қалам аз ҳайраташ гардида чун қол,
Ба авроқе кашад аз маснавӣ ҳол.

Барояш ҳар шабу ҳар субҳ пайдо,
Ба гулзораш гулу булбул ҳувайдо.

Чунин гӯям туро, Модар, туӣ ҷон,
Чӣ арзад, ҷон кунам пеши ту қурбон?

Ту, эй шабҳо ба тифлиям шуда ёр,
Муҳаббатҳо намуда бар ман ийсор.

Саҳаргоҳон ба бистар дода обам,
Ғазалҳо хонда шабҳо баҳри хобам.

Мудом аз баҳри хобам алла гуфтӣ,
Бароям қиссаву афсона суфтӣ.

Ситамҳо дида чанд, озурда гаштӣ,
Маро парварда худ афсурда гаштӣ.

Маро парвардаӣ, эй хонаобод,
Азизу мӯътабар, сад офарин бод!

Аз ин рӯ  меҳри Модар пос дорам,
Ба ӯ бо сидқ ҷону дил супорам.

*12 июни соли 1967*

**ДАР ШАЪНИ УСТОД ҶОМӢ**

Ба Ҷом андар таваллуд ёфт Ҷомӣ,
Муборак Абдураҳмон гашт номӣ.

Вазири аъзами ҷоҳу ҷалолаш,[5]
Чу моҳе сояафкан шуд камолаш.

Ба “Нафҳат”[6] боғи ирфонро биёрост,
“Баҳористон”-у “Ҳафт авранг” орост.

Зи ирфонаш “Баҳористон” бино кард,
Чу бустони Ирам нашъу намо кард.

Зи ҳар сӯ булбулони боғи ирфон,
Ҳамезад пар ба шавқи ин дабистон.

Чӣ бошад боғу бустони Ирам, Чин,
Ҳазорон булбул ин ҷо гашта гулчин.

Зи “Авранг”-у “Баҳористон”-и Ҷомӣ,
Шугуфта ғунчаҳо ҳар субҳу шоме.

Дар ӯ ҳар субҳу ҳар шом андалебон,
Аз илҳомаш шуда ҳар сӯ ғазалхон.

---

[5]Ишора ба Амир Алишери Навой.
[6]Ишора ба “Нафаҳот ул-унс”.

Шавад эй кош, Оромаш ғазалхон,
Дар ин бустон қатори андалебон.

*16 июли соли 1970*

## ЛАМЪАЕ АЗ САРГУЗАШТ[7]

Табиъат! Бар ҷаҳон чашмам гушудӣ,
Ба ҳар манзарчаман рафтам, сутудӣ.

Ятимам сохтӣ дар аҳди ғунча(а)м,
Рамақ дар ҷонаму дармонда авҷам.

Замоне қӯрбошӣ – хунхори золим,
Сагони деҳрави жандарму ҳоким.

Шаҳид кардан(д) дадои[8] меҳрубонам,
Шафиқу раҳнамою пуштбонам.

Машаққатҳо кашидам соли бисёр,
Гурусна, танбараҳна, ҳам тани зор...

Ҷафокаш мардумон озод чу булбул,
Бичида аз чаманҳо лолаву гул.

Чу булбул накҳати гулро шамидам,
Чу гул аз гулшани ирфон расидам.

Дар ин зебо дабистони диёрам,
Шукуфта ғунчаи қалби баҳорам.

Шудам ман ҳамчунон боғбони гулшан,
Шабистони чаманро карда равшан.

Дамида ғунчаҳо ҳар сӯ намоён,
Ба гулзори дабистон гашта шоён.

Зи ҳар гулғунчае шабнам чакида,
Аз он ҳар субҳ булбулҳо макида.

Ғазалхон булбулон дар субҳи гулҳо,
Ба ҷоми мушки гулҳо бурда нӯлҳо.

---

[7]Ин маснавӣ дар дастнависи шоир “Нашъае аз саргузашт” унвон дорад. Нигоҳ кунед: Ороми Понғозӣ. Дафтари дуввум. Бо алфавити форсӣ-тоҷикӣ. – С.215.
[8]Дадо – падар.

Камар бар хидмати гулҳо бубаста,
Ба шоху навдаи гулҳо нишаста.

Шудам ман булбули боғи дабистон,
Сарафрозӣ намуда дар гулистон.

Ба ҳар сӯ базри ирфон коштам ман,
Аз он дурру гуҳар бардоштам ман.

Чу сайде саҳни ирфон дом кардам,
Ба дон мурғони ваҳшӣ ром кардам.

Аз он мурғон шудан(д) гӯё чу булбул,
Шудан(д) мастона бар ҳар тори сунбул.

Танин андохт бар ин гулшани гул,
Навои ишқи гул аз қалби булбул.

Гулу булбул дар ин бӯстони дилшод,
Зи ирфон бар чаман оварда иршод.

Дигар ман аз дабистоне ба гулзор,
Гузашта, пар задам чун булбули зор.

Шуда булбулсифат дар ин чаманзор,
Бино кардам сарое ҳамчу меъмор.

Дар ин гулзори боғам лона сохтам,
Барои ҷӯҷаҳо ҳар сӯ битохтам.

Кунун он ҷӯҷаҳо дар боғи ирфон,
Ғазалхон гашта дар боғи дабистон.

Ду товус доштам, аз боғам рабуданд,
Ба дил чун доғу армонам фузуданд.

Дар он ошён ба ҷуз он ҳар ду товус,
Будан(д) се булбули шайдои маънус.

Яке шуд марҳаму дармони ҳар гул,
Шифобахше ба доғи зазми булбул.

Табиби гулшани ирфони ушшоқ,
Шафиқу меҳрубону ёри муштоқ.

Яке шуд булбули гӯёи гулшан,
Дили мурғони гулшан карда равшан.

Яке шуд дар чаманошёна пайванд,
Ба ҳар як булбулу гул гашта дилбанд.

Чу ин се булбули парварда созам,
Дар ин бӯстони ирфон дилнавозам.

Аз ин рӯ, ман сарафрозам ва фирӯз,
Ки дорам ин ҳама фарзанди дилсӯз.

Кунунам булбули пире барафтод,
Расида синну соли ман ба ҳафтод.

Кунунам ман чунин дар масканам зор,
Мадорам нест, тан гардида бемор.

Куҷо он булбули гӯёи гулшан,
Чароғи пурзиё, чун дида равшан?

Куҷо он булбули ошёнапайванд,
Ҳарими дарду ғам, дармону дилбанд?

Табиъат! Ҳамчунонам офаридӣ,
Ба пирӣ нотавонам офариди!

Намеуфтам ба ғам аз доғи ҳиҷрон,
Наям аз бори ғам ду чашм гирён.

Сарафрозу сарафрӯзам шабу рӯз,
Ҳама фарзанди ман олим, дилафрӯз.

Яке дар мамлакат Луқмони даврон,
Ба халқи мамлакат доруву дармон.

Шуда чун булбули гӯёи гулшан,
Дабистони табибон карда равшан.

Дигар илму адабомӯзи даврон,
Муаллим дар гурӯҳи навҷавонон.

Мураббӣ, мушфиқи авлоди наврас,
Камоли маърифатомӯзи ҳар кас.

Сухандон, андалеби боғи ирфон,
Қанот ёзонда, парвоз карда ҳар ён.

Яке фарзанди дилбандам бинокор,
Ба сохти иҷтимоъӣ соҳиби кор.

Ба номзад инжинер гашта дар ин кор,
Намуда сарварӣ, саркору сардор.

Ба авлодони наврас хонасоз аст,
Ба меҳнаткаш ҷавонон дилнавоз аст.

Биноҳои муаззам карда барпо,
Баҳодурии меҳнат карда барҷо.

Падар ман, гарчӣ аз ман дур фарзанд,
Вале тори муҳаббат дар дилам банд.

Аз ин бар қалби ман шодӣ физояд,
Ғаму андӯҳро аз ман рабояд...

Манам дар масканам танҳо шабу рӯз,
Нашуд бар ман касе дилдору дилсӯз.

Қалам, дафтар ба ман шуд гулшани роз,
Садоқат тори қалбам карда шероз.

Аз ин рӯ ман ҳамеша сарфарозам,
Гаҳе дар масканам фахрида нозам.

Садоқат, нури ирфон дар дилам пур,
Чаро, Ором, з-илҳому хирад дур?

*22 декабри соли 1974*

# ПАНҶ МУХАММАС

### *Мухаммасоти Ороми Понғозӣ*

**ТАМАННО МЕКУНАМ МАН ҲАМ**

Ҷунуни водии ишқе тақозо мекунам ман ҳам,
Ба гулзори Ватан сайру тамошо мекунам ман ҳам,
Сифоти Лайливу Ширин тасанно мекунам ман ҳам,
Чу булбул нолае бо қалби шайдо мекунам ман ҳам,
Салоҳи ишқи дилҷӯе таманно мекунам ман ҳам.

Сутун пойдори хона чун рост°.
Мабош, дигар машғул дар хонаи дил,
Наояд з-ин дум як ҳарфи рост°.

Ба ростº дар їаҳон бошадат дил сафо,
Бирав, дар марзаи ганїзори ростº.
Ҳазар кун дар їаҳон, Ором, зи каїїº,
Бирав, дар ин їаҳон бо роҳи ростº.
28.06.1961

**Рақам резад**

Ягон нуқта агар ҳарфе, ки аз чоки қалам резад,
Ҳама мушку абир, чун жола бар саҳни ҳарам резад.
Гулзори ҳарам баҳорам, гулшанам чун чаманпора,
Шароби васли дилїўи ҳарамро дилбарам резад.
Агар товусхироми гулшанам аз їо ба по хезад,
Чу мушки анбарсои кокул то қадам резад.
Гулистони баҳори чаманзорон доимо саршор,
Навои булбулон дар гулшани гулҳо нағма резад.
Ватан раққосаҳо дорад, нигар раққосаи ҳиндº,
Ҳама раққосаҳои худат, чун ашки алам резад.
Ҳама халқи далерам, аҳли меҳнат дар їаҳон машҳур,
Їаҳон обод ҳамеша тухми озодºрақам резад.
Ба даст хома бигир, Ором, навис, даврони озодº,
Тақозои диёрам нест, бар сарам лутфу карам резад.
1965

**Танам ранїур**

Танам ранїуру дасти гуноҳ,їафокаш бар тани ин їонам,
Ба пирº мондаам танҳо, аламкаш ин дилам їонам.
Шудам ман маїрўҳи пирº, маломат пеши рўбоҳон,
Фироқи маїнунº дорам, басе овора ҳайронам.
Биёр соқии саркаш, ба ман ҳамдаме боқº,
Ки ман ҳамрози соқº, вафои боғу бўстонам,
Чº чора ҳар чº бояд кард, аз ин бетоълегº зистан,
Чу мерезад даруни мулки дил, эй решаи їонам.
Чаро эй кавкаби бихтам, рамидº аз мани гумроҳ,
Мушавваш хотирам, аммо чº шояд дуруди дармонам.
Чароғи дилїўи дилу їонам, ту эй Ором,
Гулистонам чароғон, мухлиси боғи дабистонам.
22.11.1961

## Їонону їонам

Дастам бигир хубонам, Лайлои ту їононам,
Ту$^{о}$ сарви бўстонам, раънои ту їононам.
Рафта зи худ дармонам, аз ин тани вайронам,
Гирён чашми ҳайронам, дар ҳаїри ту їононам.
Қалбам ба ёди васлат, вафодори қаринат,
Танҳо манам шайдоят, аз меҳри ту їононам.
Раста-раста гулҳоят, зебо қадду болоят,
Рафтам ба лолазорат, гулрўи ту їононам.
Гуфт$^{о}$ биё байни гул, к-ин васли ман лолагул,
Майгун бикун оби гул, меҳмони ту їононам.
Шамъи гулат афрўхтам, парвонавор бисўхтам,
Арзу додамро гуфтам, ғамхори ту їононам.
Онч$^{о}$ васли ту баҳор, бўи мушкат чун тотор,
Мушки Хутан шармсор, мушкини ту їононам.
Чашмам ба дидаҳоят, їоду чашми шаҳлоят,
Ханїар тири мижгонат, қотили ту їононам.
Меҳмон шудам бар васлат, бар бўи лолазорат,
Санъаткору меъморат, содиқи ту їононам.
Ду кокули аждарат, печида гирди сарат,
Маїнун ғуломи дарат, дилбари ту їононам.
Абрўкамонат аъло, мекун$^{о}$ ту пасту боло,
Їоду мекун$^{о}$ билло, їононам, їононам.
Бар даст ҳино баста$^{о}$, курта гугун карда$^{о}$,
Гесў каманд карда$^{о}$, сайёди ту їононам.
Вақти луқмакўшо$^{о}$, мушку анбарфишон$^{о}$
Чун гулғунча кушо$^{о}$, таннози ту їононам.
Банда кард$^{о}$ менозам, акнун ишқат мебозам,
Саги кўят метозам, дамсози ту їононам.
Камар бастам ба хизмат, гашта дар кўи ишқат,
Васфат мекунам шўҳрат, дар ишқи ту їононам.
Дилбар ба ту фидоям, ё лойиқи їазоям,
Ором, булбулнавоям, дар васфи ту їононам.

## Ҳамнафас

Чунон ошиқ шудам, їонам, ба їонон ҳамнафас,
Зи ишқи дилбарам бо булбулон ҳамнафас.
Ман чунон парвонаям, карда наво бар гулшани гул,
Қиссаи ишқам сароям, аз дилу їон, ҳамнафас.
Зинда дар рўи моҳ  мисли тўфон пар зада болидаам,

Таъмаи парвоз дорад, дар їавонº ҳамнафас.
Ман, ки Ором шудам, парвонаи шамъи рухат,
Ҳамраҳи шумқори гулзорам, дар гулистон ҳамнафас.
25.04.1960

**Шудам озод**

Нашъаест иқболу толеъ, бар сарам чу боле модарам,
Гаҳ ман озадам дар ин рўз, дода їою їую сой дорам.
Шудам озод зи қайди зулми боёну їаллодон,
Зи боғи маърифат, дар қалби дили худ, зиё дорам.
Ситамгар зулми боён рафт зи ин водº, шудам озод,
Чу андар гулбаҳорон ба мисли булбул нафасҳо дорам.
Чунон їулида гаҳе боғу гулистоне меёбам,
Ҳамин боғи ватан, чун бехазон нашъунамо дорам.
Писарон бо духтарон як саф шуда, таълими илм хонанд,
Зи дониш ҳар куїо баробар бошанд, ифтихор дорам.
Куїо солҳои пурзулмат ба он гўям кани лофат,
Даруни гулшани гулзори ишқ афсонаҳо дорам.
Исомиддин шуда бар хилват, дар рўи барги гул, Ором,
Ки ман масрури мўъїибот ба ватан аз қалби дил дорам.
25.04.1960

**Ҳосили кор**

Ин шаби боғи баҳори їаннатосоям бубин,
Ҳам висоли гулуъзори ёри їононам бубин.
Гулїамолу зебонигори їонон ба гулзор омада,
Кокули зулфи парешон анбарафшонам бубин.
Қади дилїў, қомати шамшод, рақсида чу бод,
Донаи холи сиёву чашми шаҳлоям бубин.
Ин дили ҳайрони ман аз їўшиши ёр дар изтироб,
Бо тараҳҳум їилвагар ин дурри ғалтонам бубин.
Рози дил орам, ҳиїрони ёр мекунад, ки бин,
Омада дар кўлборам ин дурри ғалтонам бубин.
Хонише дорам зи васфи нағмаҳои субҳи ёр,
Андалеби гулшани мулки дилороям бубин.
Булбули мурғи дилам, омад ғазалхон дар чаман,
Парзании парвонаи шамъи гули норам бубин.
Рафта, Ором дар чаманзори хизматаш шоён гўям,
Хизмати шоистаи ин ҳосили корам бубин.
26.05.1960

**Эй ёри гуландом**

Эй ёри гуландом меҳри дилам, бар холи ту бастам,
Ин риштаи дил ба зулфи зарафшони ту бастам.
Эй қомати диліўи гулат чун сарви гулистон,
Тўмори саҳар ғунчаи гул бар зулфи ту бастам.
Аз бўи чаман масту їунунам дар боғи висолат,
Дар лавҳи дилам меҳру ҳам фармони ту бастам.
Сад Лайливу Маїнуни замона нестам дар їамолат,
Занїири гавҳари сафои дилам ба пои ту бастам.
Ороми вафодор дар пардаи роз маїроҳи роҳат,
Бо завқи дилам хизмати камари паймони ту бастам. 1.06.1960

**Чаманистон омадам,**

Ман ба васли дидори чаманистон омадам,
Шавқи дилбар дар дилам чу шоду ғазалхон омадам.
Дар гулистони ватан гулҳои даврон растохез,
Карда орзуи висоли ёри їонон омадам.
Эй гулистони баҳорам, дилбари зебоям ту°,
Раста-раста сарви гулҳои висолат їонфизо.
Чидани гул аз висолат ин гулистон омадам,
Дар ҳавои гулшани булбул ғазалхон дар наво.
Пар зада ман дар ҳавои ин гулшан омадам.
Пар кушодам ман чун, Ором, дар чаманзори ватан,
Ҳам зи бахри дилнавоз° пеши дўстон омадам. 29.05.1960

**Ишқи гулшан**

Ишқи гулшан бар ман афрўзад шодам аз аҳди дил,
Ман чу меҳри гулшанам меравам аз қалби дил.
Карда ҳар дам орзуи васл дар гулистони баҳор,
Мекашам нақши висолат дам ба дам дар лавҳи дил.
Сад шукр гўям ҳар гаҳ бар хони ту восил шавам,
Меҳрубони беназирам, мўҳтоїи ту, чун сўи дил.
Шефта рўи гулат ман, дур намегардам, зи ту,
Меҳри васфи дилкушоят кардаам шерозаи дил.
Дилфигор Вомиқу Узро бар гулистонам биё,
Болида меҳри мўъїибат баста дар бўстони дил.
Лолагулҳои чаман тасаллои рухсори гулат,
Лайливу Маїнуни шайдо, мекунанд орзуи дил.
Гуфтам, Ором, аз мўъїибот ба диёрам расида,
Месароям васфи шеъри ватан аз меҳри дил.

31.05.1960

**Дилдор мерақсад**

Тамошо кун дилдор, як лаҳза к-ин дилдора мерақсад,
Чу товуси баҳори боғи хушрафтор мерақсад.
Гуландоми сарви ором дар баҳори меҳнат хандон,
Ба сунбулони ларзон анбарин гулнора мерақсад.
Чу раққоси ғазалхон ба миён заррин камар баста,
Ба васфи ошиқони шайдову маст, айёра мерақсад.
Чу тоїи хусравон печида бар сари сунбули ларзон,
Малаквахш шохи хубон кабки хушрафтор мерақсад.
Рамида майкашон дар рақси соз тасхири домам кард,
Париваш, нозпарвар сарвари асора мерақсад.
Чº бошад дар саводи санъº висолаш чун паррандагон,
Чу махтоби шаби рафтанат сайёра мерақсад.
Макун воиз сифоти Лайливу Маїнун ки афсона,
Бубин ин шоҳи хубон, дилхуммори фаввора мерақсад.
Чу Ором, мўнисам ҳам махмури майхонаи ишқам,
Биё майдони меҳнат, к-ин ба ту ғамхора мерақсад.
20.02.1973

**Булбули чаман омад**

Булбули чаман омад, гул фасли баҳор омад,
Андалебҳои шавқи гул, мастона диёр омад.
Сайри чамани гулистонорзу намуда, дилбар,
Карда баҳона бар гул, бар дидани ёр омад.
Даста-даста чида гул, арзи ишқ тарона карда,
Рамзи хуммори ошиқ, сарви гулинор омад.
Шамшод чу қадду болат, зулфи сиёҳат ларзон,
Чун кабки хиромон, масту хуммор омад.
Майли нигоҳ карда, гоҳ-гоҳ рамида аз ман,
Дар байни лолагулҳо,чун себу анор омад.
Мафтуни байни гулҳо, аз ишқ фасона медид,
Афганда дида бар ман, шухи гулъузор омад.
Бар ман намуда рухсор, моҳи рўяш париваш,
Чун андалеби гулшан, савти ҳазор омад.
Симбар баҳо намудам, Ором, зи їисму їонам,
Шавқам дамида чун гул, фасли баҳор омад.
1.05.1977

# Чаҳорпораҳо

**Кабки хиромон**

Чунонам булбули шайдо,
Шудам шӯрида вайло,
Самандар гашта дар ин роҳ,
Ба роҳҳои ғунча шудам пайдо.

Манам товуси хиромон,
Чун додаи он аҳду паймон,
Бубин рафтори хуши ёрам,
Басо кабки хиромонам.

Равам шабҳо гулистонат,
Даруни боғу бӯстонат,
Бупечам ба гулҳои шохат,
Маконам шуд сунбулистонат.

Биё ширин гуландомам,
Бигир мактуби саломам,
Гулбадан булбули масрурам,
Ҳамеша дар диёри ман.

Ки раҳїў корсози ту,
Ба мардум дилнавози ту,
Саховатманди беҳамто,
Ба дӯстон меҳрубони ту.

Ба қошат ӯсма афшонам,
Ба чашмат сурма соям,
Нигоҳи дидаам афзуд,
Ба рухсорат тамошоям.

Биё соқ° қадахе соз кун,
Ту ба шавқам ҳавас кун,
Бигир шарари ин дилам,
Ба сӯи ӯ нағма оғоз кун.

Қанот ёзонда парвозам,
Бароят лонаҳо созам,
Биё їонам ба гулзорат,
Ки ман, Ором, зи ёронат.
24.05.1960

**Шайдои дӯст**

Ба дасти гул ишқ дорад ҳамчу мастон,
Чу дида булбули шайдо ба нолидан,
Раҳ буд ба як нигоҳ тори мижгон,
Дилбарамро ҳар тараф сӯ ба майдон.

Агар ёрам бубинº, аз ïой хезад,
Ба зулфони сиёҳаш шона созад,
Ба мисли товуси гулшан битозад,
Зи нолиши ту мурғон дар парвозанд.

Ки шайдо дӯст ба қошони сиёҳат,
Ба сар печида зулфони сиёҳат,
Чу бахши бар ман теғи нигоҳат,
Дилу ïон дар хаёли иштиёқат.

Ваҳ чº табассум мекунад лабҳои ёрам,
Шудам ошуфтаи сокин нигорам,
Дар ингулистони гулзори баҳорам,
Чун босафо бошад лабҳои ёрам.

Ба чашми ёр гашта, сурма мемолад,
Ҳама қоши сиёҳаш сурмамоласт,
Зи васфи ёр мекунам имлову иншо,
Қиссаам бар ишқ бо кº гуфта меболад.

Сумангул аз рухат ёрам хиïолат,
Зи васфу шавқи андалебон дар мақолат,
Нигоҳи қоматаш ёфт камолот,
Чу соқº маҳ ба бӯстони адолат.

Рухаш гулгун, садафдандон лабаш гул,
Ҳақиқат ёри ман аҳли такаббур,
Зи лутфи дилбарам, Ором, дилам пур,
Ба ағёри шамъи худам сарбозу сарбур.
25.05.1960

**Дар васфи ватан**

Хирмани фасли баҳорат пурсамар,
Қаҳрамонони ватан баста камар.
Дар ватан ҳосил фаровон мекунанд,
Гулшани токзорат оварда сар.

Қуллаҳои кӯҳсорат ҳамчу Қоф,
Оби їуйҳои висолат тоза соф.
Дар ватан озодию сулҳ барқарор,
Қаҳрамононат ҳамеша дар инсоф.

Пар зада парвонаҳои шамъи гул,
Аз чаманзор даста-даста чида гул.
Зарфишон гулҳои раънои чаман,
Шонаҳои пахтазорат раста гул.

Дурри марїони висолат бешумор,
Наварўс соҳибїамолат бешумор.
Рози дилїўи висоли якдигар,
Ошиқи гулзори висолат бешумор.
Июни соли 1960

**Мадҳи гул**

Эй сабо, ҳар чє ки ёдам додає,
Дар ҳавои гул бодам додає.
Гул ҳама дар ин чаман, дар бўстон,
Хониши булбул саводам додає.

Шуд ҳама гулшан дар ин озод ватан,
Гул либоси ранг ба ранг дорад ватан.
Ин ҳама мушкин атр, гулҳои ноз,
Хуштар аз ҳам нофаи мушки Хутан.

Гул агар хандад, бирезад дурри ноб,
Булбулони гул ҳаменўшанд гулоб.
Андалебони хуммори фасли гул,
Пар зада парвонавор дар печу тоб.

Булбулон нағмасаро бар гўши гул,
Бар машомҳо хушфизоянд мушки гул,
Ин ҳама, Ором, ба ту матлаб чє суд?
Гар наёбє дар ватан ишқе ба гул.
Августи 1964

**Зи меҳнат мешавад обод**

Шудам булбул ба достонат,
Даруни боғу бўстонат,
Ҳамеша гашта дилдорат,
Даруни боғугулзорат.

Бубин ёрам чунон хандон,
Ҳақиқат вай садафдандон,
Табассум мекунад чандон,
Гашта мисли садаф їонон.
Ба бўстонат фидо гардам,
Ки меҳнат мекунад ёрам,
Ба эїоди худ вафо дорам,
Зи ишқат хандаҳо дорам.

Лабат ёқут фидоят ман,
Қадат нозук адоят ман,
Рухат зебо раъноят ман,
Ғуломи ҳар нигоҳат ман.

Ба шамъи чу моҳи тобонат,
Аїаб таннозºїононам,
Шуда товуси хиромонам,
Раҳраву ҳамроҳ ба фармонам.

Ба боғ себу анор дорº,
Зи гулзорам гузар дорº,
Магар дар дил кина дорº,
Ва ё аз ман гурез дорº.

Дар ин даврони озодº,
Гирифтам аз ту эїодº,
Ба ман васлат нишон додº,
Рақибам мекунº шайдоº.

Зи васлат ба ман об додº,
Ду зулфонат ҳаво додº,
Мисли гул печу тоб додº,
Ба қатлам мешавº ҳодº.

Їамоли дилбарам дилкаш,
Ба сўям доимо  нигоҳаш,

Шудам ташнаву хирманкаш,
Кунам ин їони худ пешкаш.

Ба ту, Ором, ватан шир дод,
Шуда дар ишқи гул дилшод,
Ҳама даврони мо авлод,
Зи меҳнат мешавад обод.
25.05.1960

**Аз сабри ишқ пандам надод$^{o}$**

Ҳаменозам зи номат эй ёри їонам,
Гуландом, сарвиноз, қоши камонам.
Зи хуби хуб$^{o}$ чун сарви раъно,
Ҳамеша номи ту вирди забонам.

Зи васлат аҳду паймонам, ки дод$^{o}$,
Чаро аз сабри ишқ пандам надод$^{o}$.
Зи ҳиїрат субҳу шом ором надорам,
Ту бепарво, на ғам дон$^{o}$ на шод$^{o}$.

Чаро парво надор$^{o}$, бар мани зор,
Зи бўстони ҳаётам раст$^{o}$ гулнор.
Ба кўят сар ба сар овора ҳастам,
Ба гулзори рухат ду чашми ман чор.

Биё їонам бигир дармони дастам,
Ба дил аз меҳри ту шероза бастам.
Ту шамъи рўшан$^{o}$, парвонаат ман,
Ман, ором, бар сари кўят нишастам.
1972

**Дилбар**

Дилбар хаёли ман ту$^{o}$,
Ширинмақоли ман ту$^{o}$,
Товусхироми ман ту$^{o}$,
Гулнори бори ман ту$^{o}$.

Ёди висолат дар дилам,
Аҳду вафоят дар дилам.
Орзуи васлат дар дилам,
Меҳмони їони ман ту$^{o}$.

Лола суманҳои чаман,
Хушкбўи мушкҳои чаман.
Сурури гулҳои чаман,
Субҳи баҳори ман тує.

Гулчини боғи ту манам,
Ҳамдам ба їони ту манам.
Сайди шикори ту манам,
Меҳри диёри ман туº.

Шўҳрат ҳамеша дар ватан,
Парвози афлок дар ватан.
Дўстии халқҳо дар ватан,
Дўсти азизи ман туº.

Лайлонигори ман шунав,
Илҳоми қалби ман шунав.
Ором, навои ман шунав,
Бахту ҳаёти ман шунав.
Августи 1960

**Мадҳи Їавонє**

Їавон гўядзабон ширин шавад ком,
Їавон ояд, дамад субҳ аз дами шом.
Їавонє ифтихори халқи меҳнат,
Їавон ояд гулу булбул шавад ром.

Забон дар мадҳи ту гўё їавонє,
Ватан дар ҳифзи ту пайдо їавонє.
Чаманоро гули раъно бўстон,
Ба ту лайловашоншайдо їавонє.

Тує посбони мулки беканорат,
Шиори орият бар ту башорат.
Далеру беназиру хушшиорє,
Рақибонат гурезон аз назорат.

Ватан менолад аз номи накўят,
Чаман дар хиїлати маҳтоби рўят,
Гули гулғунча сарви қалам, Ором,
Ба гардан баста сидқи тори мўят.
Июни 1968

**Дар васфи баъзе занҳо**

Зан ҳалиму боҳаё бошад агар,
Поквиїдон бовафо бошад агар,
Ин баҳори умри зебо дар ҳаёт,
Гар ҳалолу беғубор бошад агар.

Зан ба ту содиқ вафодор° кунад,
Бахту иқболат ба ту ёр° кунад,
Гар ҳалолу пок рўзгор бошадат,
Бар сарат анқо парафшон° кунад.

Беҳаё шарманда бошад зан агар,
Дар ҳама їо бар ту ин зан дарди сар,
Теззабон шаллоқ°, гапгардон шавад,
Хобу хўрди ту ҳаме бошад заҳар.

Чашм ғазаболуд ба ту карда ало,
Ҳар нигоҳаш ҳамчун албаст° бало,
Дар даруни хона їангу кашмакаш,
Аз куїо ояд ба остонат силоҳ.

Зан чароғи безиёи шоми туст,
Зан заҳролудаи майи їоми туст,
Инчунин бадхўю бадрафтор занон,
Дар ҳаёти умр бадномии туст

Зан, ки исёнкор шуд, бахтат рамад,
Бар замини кишти ту шўра дамад,
Ч° илої, Ором, чунин ғавғо ки ҳаст,
баҳри дилдори навъият карда мат.
1974

**Пайванди їон**

Дидори ту эй нозукпар°,
Аз ҳама дилдорон хубтар°,
Раққосаи санъат шуда,
Бар тоїи сари їон гавҳар°.

Нозукниҳоли ман ту°,
Дилбанди їони ман ту°,
Дар қалби дил чун гавҳар°,
Умри баҳори ман тў°.

Пайванди ӣонам шав°,
Бар кулбаам меҳмон шав°,
Чу хоҳам танам дар роҳи ту,
Нури ду чашмонам шав°.

Ёди висолат кардаам,
Умеди аҳдат кардаам,
Майхона карда кулбаам,
Бо ту дилам шод кардаам.

Ёрам ту° эй дилрабо,
Бар мақдамат сад марҳабо,
Чангу ғуборат тӯтиё,
Ағёр дорад зи ман риё.

Нигоҳ карда ба ман қиё,
Мегӯ°, кай наздам биё,
Шамъи дилам афрӯхтам,
Қалби дили шодам биё.

Шабҳои васлат ёри ман,
Паймонаи ту умеди ман,
Аз ту ғизои рӯҳи ман,
Лутфи ту чу дилшоди ман.

Се дақиқа ба қошонат шавам,
Эй дилрабо ёрат шавам,
Ором, ба гулзорат равам,
Ӣонона ба дӯшат шавам.
1.06.1960

# Таронаҳо

### Ту лайлои ҳар достон

Ба кӯи ишқи ту мастам,
Камар бар хизматат бастам,
Нигар бар ҳоли зори ман,
Тараҳҳум кун бигир дастам.

Туи Лайлои ҳар достон,
Гули наврастаи бўстон,
Ду аждар кокули ларзон,
Дар айёми баҳористон.

Парипайкар, ё ҳурº,
Маҳи тобони пурнурº,
Чу тўтº сухандонº,
Вале аз маҳбубат дурº.

Лабат чун шаҳду шакарбор,
Аё эй сарви хушрафтор,
Суманбар лолаи хандон,
Қадат сарву мушку анбарвор.

Сари мушкини мўи ту,
Ҳаловатбахш бўи ту,
Їиолю їилваи кокул,
Чун тори сунбул, мўи ту.

Туи ширини ин даврон,
Ба ҳоли ошиқон дармон,
Ман, Ором, дар раҳат ҳайрон,
Висолат чу моҳи тобон.
1979

**Гулнози ҳамроз**

Омад бар ман саломе,
Сабо овард паёме,
Аз булбули гулнозам,
Аз таҳти дил каломе.

Шукри каломаш кардам,
Сатраш бар дида бурдам,
Бар ашки шабнами тар,
Калла ба хоб бурдам.

Эй булбулам куїоº?
Ба ту шудам шайдоº,
Дар субҳи гулшани ишқ,
Чаҳ-чаҳзанон дароº.

Дилам меболад аз ту,
Нутқи зебоят дилїў,
Зи қалб меїўшад илҳом,
Кашам аз сунбулат бў.

Ногоҳ ба хоб дидам,
Бар гулшане давидам,
Савти нави булбул,
Бар гўши дил шунидам.

Маълум, ки булбули зор,
Ҳар шому субҳ бедор,
Савту наво бихонда,
Гашта їузъи гулзор.

Забони ҳол кушодам,
Қалби дилам сутудам,
Рамзе ишора карда,
Бар гулшанам рабудам.

Биё гулнози ҳамроз,
Наво дар гулшанам соз,
Ту булбули баҳор$^{o}$,
Қанот паҳн карда парвоз.

Гуфтам, ки булбулам ту,
Шоҳи атиргулам ту,
Дар боғи гулчин, Ором,
Мушкин сунбулам ту.
Декабри 1965

## Ёри дилрабоят шавам

Дидори ту эй нозукпар$^{o}$,
Аз ҳама дилдор хубтар$^{o}$,
Раққосаи санъат шуда,
Бар тоїи сари їон гавҳар$^{o}$.

Нозукниҳоли ман ту$^{o}$,
Дилбанди їони ман ту$^{o}$,
Дар қалби дил чун їавҳар$^{o}$,
Умри баҳори ман ту$^{o}$.

Пайванди їонам шавº,
Бар кулбаам меҳмон шавº,
Чу шоҳон танам дар роҳи ту,
Нури чашмонам шавº.

Ёди висолат кардаам,
Умеди аҳд кардаам,
Майхона карда кулбаам,
Бо ту дилам шод кардаам.

Ёрам туº эй дилрабо,
Бар мақдамат сад марҳабо,
Чангу ғуборат тўтиё,
Агар аз ман дорº риё.

Нигоҳ карда ба ман қиё,
Мегўº, кай наздам биё,
Шамъи дилам афрўхтаº,
Қалби дили шодам биё.

Шабҳои васлат ёди ман,
Паймонаи умеди ман,
Аз ту ғизои рўҳи ман,
Лутфи ту чу дилшоди ман.

Се дақиқа ба қошонат шавам,
Эй дилрабо ёрат шавам,
Ором, ба гулзорат равам,
Їонона ба дўшат шавам.
1.06.1960

**Майдони ирфон омадам**

Карда орзуи мўъїибат, зору ҳайрон омадам,
Маърифат ба рўҳи раҳими майдони ирфон омадам,
Сарвари гулҳои хандони булбули боғат омадам,
Дар диёри чаманистон, ман ҳам ба майдон омадам.

Гулшани зебои гули раънои гулзорам туº,
Сунбули раънои бўстони гулистонам туº,
Мушки хушбўи гуландоми анбарфишонам туº,
Товуси боғи баҳори шакарфишонам туº.

Ман чу парвона дар рӯи оташат андар сӯхтам,
Гил аз хишти пӯхта дар хумдони ишқ пӯхтам,
Кош, бар сари гулҳои зебоят равам,
Дидаи дил баїамоли ин Маїнун дӯхтам.

Субҳхези гулшани гулзори зебоям худат,
Бо тараҳҳум меҳрубон маҳрами дилшодам худат,
Соҳиби боли Ҳумо орад нигор ба рӯи диёр,
Соқии ҳукми тараҳҳум ҳар забони ман худат.

Раҳнамо дар ин диёр, қурби зебо пайдо кунам,
Дар ҳаёти умри худ, ишқ ба гул пайдо кунам,
Пар зада парвонавор, дар гулшани озоди ватан,
Чун манам, Ором, як ошиқи шайдо кунам.
14.01.1960

**Мастона дилбар**

Аїаб зебо туº мастона дилбар,
Ду кокул дорº мушкил мисли аждар,
Ду дида баркӯшои аз їамолат,
Хуммори чашми маъїўбат ханїар.

Лабат ёқути тар, ширин забонат,
Ғазалхон дар ҳавоят булбулонанд,
Ба рухсори гулат парвоз гаштам,
Нигори нозанинам дар їустуїўи їамолат.

Камони їилвадори қоши сиёҳат,
Каманди їодуи мўи сиёҳат,
Куїо раққосаҳои Ҳинду Чин,
Наёбанд аз Хутан холи сиёҳат.

Кадомин боғу бўстон растаи гул,
Зи васлат зору ҳайрон булбул,
Хиромон товуси боғу баҳорº,
Зи хиїолат ба сўят сарву сунбул.

Таманнои висолатро кº ёд дод,
Ду зулфони печонатро кº тоб дод,
Ба васлат аз зиёдии Кавсари ноб,
Хаёли навкамолатро кº тоб дод.

Манам дар оташи ишқат қаландар,
Чу ранда решаҳои гули сӯзони самандар,
Туррае чу мумгуни ман дилфиребат, Ором,
Қадам монад ба остонат кушо дар.
16.01.1960

**Даъват ба меҳнат**

Каланду бел гирифта ба даст,
Равам ҳамроҳ ба кори дашт,
Ки саҳро пахтазор гаштаст,
Садои булбулон пуршаст.

Баҳори лолазор омад,

Чу соли пахтакор омад,
Мусобиқаи ҳамдигар баста,
Тракторҳо ба кор омад.

Ниҳоли пахта шуд сабза,
Чун гавҳару дурри ноб байза,
Ҳамин саҳну саҳрои пахта,
Ба фарқи дустон даста.

Чаман аз пахта ларзон шуд,
Шукуфта дурру ғалтон шуд,
Ҳама пиру їавон хурсанд,
Шуда чун нарм хандон шуд

Сароби пахта чун Кавсар,
Шукуфта ғунчаҳо сар-сар,
Нигорам бар чаман Ором,
Ки ҳар їо сап-сафед ахтар.
22.03.1961

**Мадҳи мактаб**

Ҳаёту гулшанаммактаб,
Тани боїавшанам мактаб,
Забон аз мадҳи ту гўё,
Чароғи равшанам мактаб.

Макони илму ирфонº,
Зи қалбам їўши илҳомº,
Ба достони адибон,
Ғазалхонº, хушилҳонº.

Баҳорат бехазон гулзор,
Гулистони рухат бехор,
Чаманзор боғу бўстонº,
Мўҳити маърифат саршор.

Шуъури сармади одам,
Мўҳити маънои олам,
Шикастº занїири зулмат,
Кушодº роҳи авлодам.

Зи ту илму ҳунар пайдо,
Зи ту навоварон пайдо,
Ба гулзори їамоли ту,
Ҳама чу булбули шайдо.

Ба зулмоти їаҳонтобº,
Ба нурпошº, чу офтобº,
Даруни зулмоти шабҳо,
Нурафшон мисли моҳтобº.

Манам аз булбулони ту,
Даруни ҳурзамони ту,
Зи таълим, тарбия, Ором,
Ғазалхони макони ту.
Январи 1969

**Нигори нозанин**

Нигори нозанин їонам,
Ба гардан тавќи марїонам.
Ба мулки дил чу султонам,
Ба тиїорат гавҳарфишонам.

Биё хушхон шуда булбул,
Бибўям мушкат аз сунбул.
Шуда пинҳон даруни гул,
Шукуфон ғунчаҳои гул.

Ту эй товус, хиромонє,
Ба ёди гул ғазалхонє.
Ба саҳни гул, ки меҳмонє,
Дар ишќ як аҳду паймонє.

Ба бўят ман чунон мастам,
Ки дар бўстони гул ҳастам.
Ба ҳиїрон мубтало нестам,
Ҳимоят мекунад дўстам.

Ту илҳом, доимо ҳодє,
Ба ман чун матлабам додє.
Ту, эй Ором, ки озодє,
Зи тавќи ишќ кунам шодє.
Майи 1960

**Гулҳо шукуфта**

Ïонон аïаб ҳол дорº,
Чун ошиқ хаёл дорº,
Шаб бедору рўз ҳайрон,
Як дили кашол дорº.

Чаро дар дил ғам дорº,
К-ин каллаи хам дорº,
Дарди дилатро бигў,
Чу дидаи нам дорº.

Шабҳо чаро менолº,
Бедармону беҳолº,
Ба ин ёри номувофиқ,
Билло, ки ту уболº.

Рангат парида чаро,
Биёву гулзорам даро,
Мушку гулу сунбул,
Як дам бўида баро.

Чун лолаҳо шукуфтº,
Дурру гуҳар бирехтº,
Ба ёри дилбари худ,
Дарди дилат нагуфтº.

Гуфтам, Ором, дилшодº,
Дар ин даври озодº,
Дашу водº чаманзор,
Гулҳо шукуфта дар водº.

**Қади камола дорє**

Їонона аз рўят гардам,
Аз қошу чашмонат гардаам.
Турра кашида кокул,
Аз мушки мўят гардам.

Дар даст пиёла дорє,
Қадди камола дорє.
Чашми їоду мисоли
Хутан ғизолє дорє.

Рафтори хуш базебо,
Дилам ба ту шикебо.
Товус хироми бўстон,
Шамшод чу қадди боло.

Бори ғамат кашидам,
Ёқутлаби базебам.
Моҳи ду хуфтаи шух,
Бар ман шавє насибам.

Ишқи висола дорам,
Бар ту ҳавола дорам.
Аз назми ишқи васлат,
Ором, рисола дорам.
1973

**Дар ишқ, ки растам**

Дар ишқ, ки растам,
Бода парастам.
Дар гардиши май,
Шину ба дастам.

Он чє , ки ҳастам,
Махмури мастам.
Аз ҳайрати май,
Аз їо наїастам.

Ошуфта ҳолам,
Аз ҳад малолам.
Дар роҳи матлаб,
Лек бемалолам.

Ман дилафгорам,
Сайди шикорам.
Дар васфи хубон,
Чун гунгу лолам.

Бетолиям чун,
Беҳосилам чун.
Паррехтаи ишқ,
Парвонаям чун.

Эй ишқи илҳом,
Рўзам ҳама шом.
Мурғи диламро
Сайде кун бар дом.

Меҳри гиёям,
Кони зиёям.
Ғаввоси баҳри
Сирри ниҳонам.

Нутқе биёмўз,

Нутқе, ки дилсӯз,
Бо як нигоҳат,
Чоки дилам сӯз.

Сирри диламро,
Қулфи диламро,
Муфтоҳє кушо,
Завқи диламро.

Мадҳи диёрам,
Аз васфи ёрам,
Чаро нахонам,
Ширин шиорам.

Илҳом ҳамнишин,
Дар паҳлӯям шин.
Шояд, ки Ором,
Шавад їой нишин.
1972

**Эй ёри ïонам**

Зебо ïамолам,
Нозук ниҳолам,
Ширин мақолам,
Қадди камолам,
Эй ёри ïонам.

Зулфи сиёҳат,
Чашми шаҳлоят,
Қадду болоят ,
Дилро олояд,
Эй ёри ïонам.

Кабки хиромон,
Шўхе ба ёрон,
Ду зулфи печон,
Дармони ïонон,
Эй ери ïонам.

Мастона кардє,
Ғамхона кардє,
Овора кардє,
Парвона кардє,
Эй ёри ïонам.

Фасли баҳорон,
Булбул ғазалхон,
Лола гулрухон,
Бар ту дуохон,
Эй ёри ïонам.

Анбарафшонам,
Ҳам мушкфишонам,
Зеби бўстонам,
Шарҳи достонам,
Эй ёри ïонам.

Меҳри ту дар дил,
Ёди ту дар дил,
Ишқи ту дар дил,
Васфи ту дар дил,
Эй ёри ӣонам.

Дар мулки обод,
Эй қадди шамшод,
Ором, ки дил дод,
Чун қалби дилшод,
Эй ёри ӣонам.

Майи 1960

**Лайло нигорам**

Лайло нигорам,
Сарви ниҳолам,
Ороми їонам,
Мушки диёрам.

Кокул парешон,
Лабҳо хандон,
Рухсори тобон,
Ёрам сухандон.

Ҳури биҳиштам,
Аз гул сириштам,
Тоза фariштам,
Васфат навиштам.

Қоши ҳилолат,
Чашми шаҳлоят,
Қади болоят,
ишқам олояд.

Кабки ғазалхон,
Товуси хиромон,
Лаъли бадахшон,
Эй гули хандон.

Дида ба дидор,
Қотил ба ағёр,
Эй ёри дилдор,
Моро ба ёд ор.

Курта гулгунє,
Їигар хункунє,
Моро ёд кунє,
Дилам шод кунє.

Гули гулзорам,

Чашми хуморам,
Сурма осоям,
Гули гулнорам.

Бигир зи дастам,
Кокул ба дастам,
Аз хоб, ки ӣастам,
Дил ба ту бастам.

Ёрам чамангул,
Кокул чун сунбул,
Ором, чу булбул,
Парвонаи гул.
Июни 1960

**Биё ба майдон**

Ватан дурахшон,
Душман парешон,
Яқин озмунҳо,
Гуфта ҳаросон.

Гулу биёбон,
Гашта гулистон,
Лола шукуфта,
Ҳосил фаровон.

Баҳори хандон,
Равем ба майдон,
Ҳосил ба хирман,
Орем чандон.

Эй ёри хандон,
Биё ба майдон,
Лаъли лабатро,
Гирам ба дандон.

Дар боғи зебо,
Карда тамошо,
Рақсем чандон,
Нақшаҳо иїро.

Дастҳо чақонанд,
Корҳо мекунанд,
Аз ҳусни зебо,
Гулҳо рашкинанд.

Ин чº зебоº,
Аз гул болоº,
Їонам фидоят,
Сарви болоº.

Субҳи падидам,

Боди насимам,
Ғунчаи хандон,
Мушки абирам.

Субҳо дамидº,
Бодҳо давидº,
Гулчаманҳоро,
Дида хандидº.

Кабки хиромон,
Рафта ба хирмон.
Маҳсули корат,
Кардº фаровон.

Васфат қаҳрамон,
Дар Тоїикистон,
Меҳнат шараф-шон,
Ором, ғазалхон.
Ноябри 1962

**Духтари пахтачин**

Духтари лочин,
Биё пахта чин,
Дурру садафро,
Дурдонаҳо чин.

Духтари гулчин,
Лола гул начин,
Чаман гул пахта,
Дурдона бичин.

Ду дасти созад,
Ба гул метозад,
Чида пахта гул,
Дилат меболад.

Пахта мечин$^{o}$,
Аз ҳад лочин$^{o}$,
Иӯро плонат,
Дурҳо мечин$^{o}$.

Духтари гулдӯз,
Рӯймолча медӯз,
Бар гули рӯймол,
Гули пахта дӯз.

Нозукгул чаман,
Рӯймолча ба ман,
Дода кашид$^{o}$,
Меҳри дили ман.

Ин ч$^{o}$ зебоиш,
Карда намоиш,
Аз меҳру шавқат,
Кунам ситоиш.

Шавам ба ту ёр,

Туº пахтакор,
Ба гулїамолат,
Ором, харидор.
Марти 1965

**Эй дилбари їон**

Гули гулзорº,
Меҳри нигорº,
Эй дилбари їон,
Фахри диёрº.

Чаман беқарор,
Дар ин тани зор,
Чашмам дар роҳат,
Шудам интизор.

Булбул шудам ман,
Наздат равам ман,
Эй лоларухсор,
Мушкат чинам ман.

Дар ин навбаҳор,
Маро ба ёд ор,
Ҳамроҳат шавам,
Мушки гули нор.

Аз дур намоº,
Моҳтобшўъоº,
Чун ойинаи,
Їаҳоннамоº.

Дил дода ба ту,
Ор(о)мида бар ту,
Меҳри ман, Ором,
Пайваста бар ту.
Феврали 1965

# Ҳаївияҳо

**Мошхӯрда полвон**

Ба меҳнат оїизу мошхӯрда полвон,
Надорад їои кор овора полвон.
Ду чашму фикру зикраш моли мардум,
Зи ҳар їо нафрату мушт хӯрда полвон.

Гурӯҳи бангиёни нашъапарвар,
Даҳон пур кардаву шиша дар бар.
Гурезпоёни ин майдони меҳнат,
Шабу рӯз ҳанг зада, дар гӯшае їар.

Ба ҳар дар лобагӯ, рӯбоҳи танбал,
Зи ғайбат хони кораш гуфта унбал.
Ба ҳар дар рафта чида, бофта ҳар чанд,
Чу мисли този гашта, пушти дунбал.

Шаробу майпарастони суханхор,
Шабу рӯз мисли бе по, калла дар ғор.
Сагон сер аз лабу қайъи даҳонаш,
Аз ин мардумє, Ором, мекунам ор.

Феврали 1961

**Дар шаъни муфтхӯрон**

Муфтхӯри овора,
Бекорхоїа сайёра.
Бўи ош ояд аз дур,
Оби даҳон фаввора.

Эй бетамиз, коргурез,
Хун надорад, рӯят без.
Лаънат ба ту шарманда,
Намудат монанди ҳез.

Вақте дар миён ойє,
Дигар нестєрўбоҳє.
Ҳаромхўри беномус,
Умедвор чу арвоҳє.

Дурўғгўи ғаммозє,
Баҳри дурўғ гапсозє.
Шармандаи беномўс,
Азми корат менозє.

То кай бошє текинхўр,
Нафси мурдорат дар гўр.
Сари мардєнадорє,
Ғоршикаму чашмат кўр.

Умрат кўтоҳ ҳайвонє,
Бадахлоқи вайронє.
Сазовори лаънатє,
Бадбахт чє сон ҳайронє.

Меҳнат мекунанд мардум,
Мехўранд нони гандум.
Ором, муфтхўр ёбад,
Медорад аз сари дум.

Сентябри 1961

**Дар шаъни текинхўр**

Худам този саги бўйгир,
Аїойиб улфатам кафкгир.
Ба ҳар дар рафтуо дорам,
Барои оши муфт кафкгир.

Ба ту кафкгир паноҳ гирам,
Зи меҳнат рў ба пушт гирам.
Агар меҳнат ба пеш ояд,
Биё кафк гир, ки мемирам.

Шуда ин номи ман кафкгир,
Ҳақиқат кафкгирам дастгир.
Ба меҳнат оїизам аммо,
Зи роҳи кафкгирам хабгир.

Маро аз даст надеҳ кафкгир,
Аїаб улфат шудє кафкгир.
Барои оши муфт ҳарду,
Таралло мекунам кафкгир.

Январи 1966

**Завхоз акам дар намоз**

Завхоз акам дар намоз,
Дасташ бар дуздє ниёз.
Аз меваву қоқу мағз,
Хонаҳояш пурїиҳоз.

Завхоз гуфто, ҳамкорам,
Акнун пур шуд анборам.
Ҳозир шавед шабона,
Ман, ки муши анборам.

Ҳамкораш гуфт, хуб поччо,
Мошин орам аз ҳар їо.
Бор мекунем ба мошин,
Кор мешавад їо ба їо.

Шабона омад мошин,
Бор карданд, чор-панї мошин,
Зардолу қоқу донак,
Ҳар яке мошин-мошин.

Ду-се карат такрор шуд,
Камтар анбор холє шуд.
Завхоз акам уфф, мегуфт,
Акнун хотирам їамъ шуд.

Октяби 1961

**Вафо надидам**

Афсўс зи кор рафтам,
Дар синну соли шастам.
Дар арсаи замона,
Чун бемадор гаштам.

Ман чу шудам парафкан,

Дар ҳаїри ғам сарафкан.
Маҳзун чун бенавоён,
Мондам даруни маскан.

Ман ҳам будам їавонмард,
Парво надоштам аз дард.
Умри їавонº кардам,
Хазон бо ҳасрату дард.

Паррехта андалебам,
Умри хазон қарибам.
Дар гулшани муҳаббат,
Илҳоми ишқ нависам.

Абёти нав навиштам,
Бар кунїи ғам нишастам.
Заҳри гулоб чашидам,
Аз гулшанам наїастам.

Ором, шудам булбул,
Дар ишқи лолаву гул.
Тори садоқати дил.
Печам ба тори сунбул.
1972

## Васфи баъзе занҳо

Зан ҳалиму бовафо бошад агар,
Поквиїдону боҳаё бошад агар,
Ин баҳору умри зебо дар ҳаёт,
Гар ҳалолу боҳаё бошад агар.

Зан ба ту содиқ вафодор$^{o}$ кунад,
Бахту иқболат ба ту ёр$^{o}$ кунад,
Гар ҳалолу шукргузор бошадат,
Бар сарат анқо парафшон$^{o}$ кунад.

Беҳаё шарманда бошад зан агар,
Дар ҳама їо бар ту ин зан дарди сар,
Теззабон шаллоқ$^{o}$ гапгардон шавад,
Хобу хурдрд$^{o}$ ту мебошад заҳар.

Чашми ғазаболуд бар ту карда нигоҳ,
Ҳар нигоҳаш ҳамчу албаст$^{o}$ бало,
Дар даруни хона їангу кашмакаш,
Аз куїо бар остона ояд силоҳ

Зан чароғи безиёи шоми туст,
Зан майи заҳролудаи їоми туст,
Өнчунон бадхўю бадрафтор занон,
Дар ҳаёту умр бадномии туст.

Зан, ки исёнкор шуд, бахтат рамад,
Бар замини киштy ту шўра дамад,
Ч$^{o}$ илої, ором, чунин ғавғо, ки ҳаст,
Баҳри дилдор$^{o}$ васият кардамат.
1974

**Бидъатпараст рӯҳонє**

Бидъатпараст рӯҳонє,
Хайрру шарро чє донє.
Баҳри нафси мурдорат,
Дурӯғ-афсона хонє,

Нодон, аблаҳ, ҳарзагӯ,
Дурӯғ афсона нагӯ.
Шайтонсалла, таккариш,
Ҳаромхӯри ҳарзагӯ.

Қоғазфурӯш туморчє,
Тумор мекунє аз чє.
Афсунгари рӯсиёҳ,
Қаллобият баҳри чє.

Ҳар їо зи бидъат гап назан,
Гап зан бо ман тан ба тан.
Иблис беҳаё маккор,
Ҳалол меҳнат дар ватан.

Ватан туро дур созад,
Чашмонатро кӯр созад.
Виїдонфурӯш, ноинсоф,
Ором, ба ту гӯр созад.

Ноябри 1962

**Шеърҳо дар васфи фарзандон**

Тоҳирїон

Ҳар кє хонад бурда ранї,
Мисли Тоҳирїон ба панї.
Муаллимҳо дар мактаб
Мекунанд ҳурмат, дар санї.

Тоҳирїони мактабхон,
Раҳмат ба ту китобхон.
Гарчи донºдарсатро,
Гашат-гашта такрор хон.

Тоҳирїон доим серкор,
Дарсҳояш мудом тайёр.
Барвақт мехезад аз їо,
Мактаб меравад ҳушёр.

Тоҳирїони пионер,
Чеҳрааш мисли мунир.
Саввум синф мехонад,
Худкораку ҳам далер.

Тоҳирїон мисли булбул,
Қоматаш чун сарви гул.
Фасли баҳору гулзор,
Мечинад дастаи гул.
Марти 1961

**Салом аз Понғоз ба давлати Латвия**

( Ин мактуби шоир, ки соли 1965 эїод шудааст, дур будани ўро аз фарзандон нишон медиҳад. Он сол духтари калонии ў Ҳалима бо оилаи худ дар шаҳри Ангрен зиндагº мекард. Писари ў Анвар дар донишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе таҳсил менамуд. Писари дигари ў Фарҳодро аз курси чоруми таҳсили рўзона ба хизмати ҳарбº ба давлати Латвия фиристониданд. Худи ҳамон сол духтари хурдии ў Ҳанифа туй шуда, ба шаҳри Ангрен омад. Дар

хона фақат писари хурдии ў Тоҳирїон монда буд. Ин їудоиҳо ба шоир асорати калон гузошт. Бинобарон вай қалам ба даст гирифта сўзу гудоз менамояд. Боиси шоир шудани ў ҳам ба ҳамин їудоиҳо аз фарзандон аст).

Ба Фарҳод писар, салом аз падар,
Гирифтам мактубат їўён дар назар.
Кашидам ба пешу нигоҳ кардамаш,
Ки санїида омад ба ман мазмунаш.
Ҳама нуктаҳояш басо дилнишин,
Ба ёд омад° ту, эй ҳамнишин.
Ба сўҳбат фурў рафт, тифоқан хаёл,
Чу гуфтан ба кас, басе амри маҳол.
Навозише кардам, з-қалби дилам,
Гар ин нома аз ман, з-роҳи қалам.
Ҳама аҳли хона саломат накўст,
Падару модар ҳама дуруст.
Хазон омаду лек баҳорон бирафт,
З-гулшан гулу булбулон ҳам бирафт.
Намонд дар ман, ҳушу маҳорат ҳамон,
Умедворам, аммо з-гашти он.
Бирафта баҳор, ояд аз рафта беш,
Ҳамон булбулони пешрафта беш.
Ту эй їони ширин, ту эй дилнавоз,
З-бўстони дилїў, ту эй сарвиноз.
Ҳоло Ҳанифа, ки з-дар дар бирафт,
Ҳамехезам аз їо чу дармон бирафт.
Ч° пурс°з-ман, к-аз ин кору бор,
Чу созад замона ба ин кирдукор.
Тиҳ° дастам, аммо ч° чора, ч° суд?
Магар толеъи шуми ман, роҳ намуд?
Їудо аз тую Анвару Ҳанифа,
Фироқ дар дилам, лек гўям киба?
Дуогў ману ҳоїатам, ба дидор,
Ба фасли баҳор меваҳо, сарбасар,
Ба хизмат илоҳо, саломат шавед,
Маҳорат намуда, баҳодур шавед.
Падар ман ҳамеша, талаб дар инам,
Тараф шаъну нек°, шумо дар дилам.
Қаламкаш шудам, каме Ором, з-худ,
Ки ин мудаоям, чаро ҳал нашуд?

**Ба Тоҳирїон**

Баччаам баҳоят буд панї,
Соили гузашта дар санї,
Аз ч° танбал гашта°,
Корат шудааст ланї.

Кино, театр мерав°?
Пар-пар боз° мекун°?
Ба дарс тайёр нашуда,
Лабдароз° мекун°.

Дар гап гунг-гунг мекун°,
Беодоб° мекун°,
Шарму ҳаё надор°,
Қафомон° мекун°.

Баччаам тавба кун, тезтар,
Калла хам кун, поёнтар,
Хонда, дониста бардор,
Донишатро болотар.

В-арна їавобгар мешав°,
Коҳиши модар мекаш°,
Фаҳм° хатоҳоятро,
Қобили падар мешав°.
Январи 1965

**Ба духтарам Ҳанифа**

Биё наврӯзи шакарлаб,
Ба паҳлӯям биншин як шаб,
Ҳаёту умр гар омӯз$^{o}$,
Шанав, аз ман дари ҳар гап.

Ҳаёти умри зебоят,
Агар хоҳ$^{o}$, ки шод ояд,
Бадандеш$^{o}$ макун, асло
Ба ҳар кас бояду шояд.

Биё булбул шуда боғам,
Биё$^{o}$, мекун$^{o}$ шодам,
Аз аҳволи парешонам,
Хабар гир, сарви озодам.

Ӣигаргӯшаам, ту наврӯз$^{o}$,
Ба волид меҳру дилсӯз$^{o}$,
Ба ҳар як мактуби рангин,
Чу мушкин нукта медӯз$^{o}$.

Гулу гулзори бӯстонам,
Ту$^{o}$шамъи шабистонам,
Ту эй арзанда, фарзандам,
Дилорои гулистонам.

Зи маъно килки ашъорам,
Муаммое баён созам,
Ки шояд дасти имдодам,
Баёни шарҳи дил орам.

Гули навруста наврӯзам,
Ба меҳри хеш дилсӯзам,
Зи меҳр мепарварам, Ором,
К-ӣон сӯзу дилафрӯзам.
Марти 1965

**Ïавоби мактуби Ҳанифа**

Омад бар ман саломе,
Сабо овард паёме,
Аз булбулам наврўзº,
Аз таҳти дил калиме.

Шукри каломаш кардам,
Сатраш ба дида бурдам,
Ба ашки шабнаме тар,
Калобаи хоб бурдам.

Эй бубулам, куïоº,
Ба ту шудам, шайдоº,
Дар субҳи гулшани дил,
Чаҳ-чаҳ зада дароº.

Дилам менолад аз ту,
Нутқи зебоят дилïў,
Зи қалби меҳрат шуд илҳом,
Кашам аз сунбулат бў.

Ногоҳ ба хоб дидам,
Бар гулшан давидам,
Савти навои булбул,
Бар гўши худ шунидам.

Маълум, ки булбули зор,
Ҳар шому саҳар бедор,
Савту наво бихонда,
Гашт ïудо зи гулзор.

Забони ҳол кушудам,
Қалби дилам сутудам,
Рамзе ишора карда,
Бар гулшанам раҳ будам.

Биё наврўзи ҳамроз,

Наво дар гулшанам соз,
Ту булбули баҳорº,
Қанот ёзонда парвоз.

Гуфтам, ки булбулам ту,
Шоҳи атргулам ту,
Дар боғ гулчин, Ором,
Мушкину сунбулам ту.
13.12.1965

**Биё Тўт$^{o}$**

Биё Тўтии гулистонам,
Гули раънои бўстонам,
Чароғи боғи ирфон$^{o}$,
Ту эй шамъи шабистонам.

Чаманзорам тамошо кун,
Зи озод$^{o}$ таманно кун,
Маранї аз кардаи бумҳо,
Намонд асрори он шумҳо.

Қанот ёзонда парвоз кун,
Шабоҳат шоҳину боз кун,
Шакарлаб гулшани роз$^{o}$,
Ҳуморо ба худ ҳамроз кун.

Зи қалбам оташи меҳрат,
Чу маҳтоб шўълаи чеҳрат,
Ғизоле қайди дар бандам,
Зи кай дил тасхири сеҳрат.

Ҳамоно сарви озод$^{o}$,
Зи озод$^{o}$ сарафроз$^{o}$,
Даро бар гулшани розам,
Чу булбул ба ман ҳамроз$^{o}$.

Зи хомш$^{o}$ шудам, Ором,
Їигарпора чу хуношом,
Ғизолон дашти ҳиїронам,
Чу барїо монда қайди дом.
1977

**Ба духтарам Ҳанифа**

Биё наврўзи шакарлаб,
Ба паҳлўям шин як шаб,
Ҳаёти умрам гар омўзº,
Шунав, аз ман дари ҳар гап.

Ҳаёти умри зебояд,
Агар хоҳº, ки шод ояд,
Бадандешº макун асло,
Ба ҳар кас бояду шояд.

Биё булбули боғи шодам,
Биёº мекунº шодам,
Зи аҳволат пурсонам,
Хабар гир сарви озодам.

Їигаргўшам, ту наврўзº,
Ба волид меҳри дилдўзº,
Ба ҳар як мактуби рангин,
Чу мушкин нукта медўзº.

Гулу гулзори бўстонам,
Туº шамси тобонам,
Туº арзанда фарзандам,
Гулороº гулистонам.

Зи маънои килки ашъорам,
Муаммоҳои баён орам,
Ки шояд дасти имдодам,
Биёº шарҳи дил орам.

Гули наврўстаи наврўзам,
Ба меҳри хеш дилсўзам,
Зи меҳр мепарварам, Ором,
Ки їонсўзу дилфирўзам.
1.03.1965

## **Озодии меҳнат**

Биё тўт$^{о}$ ҳамрозем,
Биё қумр$^{о}$ бо ҳам нозем,
Ба ёди гулшани гулҳо,
Манам булбул, чаман созем.

Дар ин рақоссаҳо рақсанд,
Дар гулғунчаҳо ханданд,
Бидида товуси бўстон,
Ба ороиш камар банданд.

Биё дилбар ба озод$^{о}$,
Дар ин бўстон кунам шод$^{о}$,
Гулғунчаҳо хандон,
Бубин бунёди обод$^{о}$.

Дар ин їо зоғу бумҳо гум,
Намонд хукҳои калтадум,
Шукуфт озодии меҳнат,
Фаровон боғи гандум.

Шабистони ватан пурнур,
Камоли меҳнатат пурзур,
Ташаккур мекунам, Ором,
Ҳамеша ватан ғамхор.
7.12.1970

**Абдулмаїид**

Ин чº шуд он ваъдаҳо, Абдулмаїид,
З-ин сабаб илҳоми қалби ман дамид,
Ваъда кардем, дар вафо якїо нашуд,
Чун ғизоли мурғи мурғи ман дамид.

Эй уко, ростº бувад аҳду вафо,
К-вафо ба кас орад сидқу сафо,
З-он касе сидқу вафо наояд агар,
Андаруни пойга монад дар қафо.

Дар кº бо сидқу сафо дил рўшан аст,
Қалби ў гул-гул шукуфон рўшан аст,
Дар садоқат халқ чун дар ватан,
Гавҳари имони ў аз їўшан аст.

Бо ирода, бошуїоъ медонамат,
Дар ҳама ҳоїат сипоҳ медонамат,
Аҳли ирфон дилнавозу меҳрубон,
Дар сухан аҳли силоҳ медонамат.

Ман зи меҳнат бар ту кардам илтифот,
Ҳеї нахоҳам дар ҳаётат мушкилот,
Бахту иқболат хамехоҳам, ки ман,
Субҳу оқшомат даруни фотиҳот.

З-ин насиҳат панди ман асло маранї,
Беғараз ин панди ман хону бисанї,
Бар ҳама панду насиҳат раҳнамост,
Панд гирº, мешавº соҳиби ганї.

Тан зи сардº неши занбўр мекунад,
Печ нола зи ёди анбўр мекунад,
Дег зи оташдон їудо бечорадил,
Дар наво оҳанги танбўр мекунад.

Ман аз ин ғавғою ғур-ғур дилгирам,

З-обу оташ монда дегу кафкгирам,
Ин ч$^{o}$ ғавғо, ин ч$^{o}$ мушкил буд, ба ман,
Нест илоїи чораам, соз$^{o}$ дастгирам.

Арзу додам соҳиби їангал шунав,
Чун шикоят мекунам, дангал шунав,
Боз чизе орамат бар ту ки ман,
Оҳу воҳи печкаю сандал шунав.

Ин рубоии ночизам таҳлил макун,
Фасли ин айём дигар таъхир макун,
К-ин зимистон фасли айёми хунук,
Мекунам, Ором умед,таҳмил макун.

**Дилбар**

Дилбар аз ту шод ин дилам,
Номи ту зикри ин дилам,
Ёди висоли васли ту,
Орзуи ин қалби дилам.

Ҳар рӯз талотум дар дилам,
Кай ту бошº дар барам,
Карда турра ҳуїум як нафас,
Лутфе намоº аз карам.

Шабҳои тори їон беқарор,
Савту каломам бемадор,
Дар ҳайрати шамъи рухат,
Парвонаам эй гулуъзор.

Эй дилрабои ноёби ман,
Мушкилкушои ноби ман,
Ороми давронат мешавам,
Рухсори ту, моҳтоби ман.
28.02.1961

**Аз гул базебº**

Аз гул базебº, зебº,
Дурру анору себº,
Бо ин ҳама латофат,
Афсӯс, ки сарнишебº.
Афсон зи моҳ рӯяд,
Анбарфишон мӯяд,
Нофа хуноба гирад,
Аз атри мушки мӯяд.

Ақиқи тар лабонад,
Теғи дилїў мижгонад,
Турра кашида мӯ кокул,
Печида бар миёнад.

Қоши камон дорº,
Химча миён дорº,
Дурру гавҳар нисорº,
Ғунча даҳон дорº.

Ширин забон дорº,
Шаҳду шакар нисорº,
Аз хубº сарфарозº,
Аїаб чашми хумморº.

Ду чашми їоду дорº,
Мижгони найза дорº,
Їавшан аз танам рабудº,
Парвои ман надорº.

Ёдам дар он паймонад,
Беїо карда чашмонад,
Афканда бар дили ман,
Тире аз қошони камонад.

Як шаб чº мешад оº,
Дар боғи ман дарoº,

Мутрибе соз навозад,
Як рақси боб намоº.

Ба сар озодº дорº,
Ҳуқуқи корº дорº,
Бо он як шарики пир,
Чаро ҳамхона дорº.

Ороми беқарорам,
Дар роҳат интизорам,
Эй сарворº малоҳат,
Товусхиром нигорам.
12.07.1970

**Саҳар хез**

Эй ғафлатзада, хез, дар саҳар хез,
Ту ибрат гир, аз он мурғи саҳархез,
Нашав ғафлатзада, мисли дигарон,
Басо ҳар рӯз саҳар, аз хоб бархез.

Ч$^{o}$ сон лаззат дорад бонги он мурғон,
Ту ҳам чун наю наво карда саҳар хез,
Чунон дар боғу бӯстон булбулон зор,
Ба васфи сунбулу гулҳо саҳар хез.
Шав$^{o}$, Ором, агар ёрои меҳнат,
Бихез аз хоб, бихез, саҳар хез.

**Нигори нозанинам**

Нигори нозанинам,їонам,
Ба гардан дурру марїонам.

Ба савганди дил чу султонам,
Ба тоïат  гавҳарфишонам.

Биё хушхон шуда булбул,
Ба сӯм мушки он мушкил,

Шуда печон дар рӯи гул.
Шукуфон шуда чун гаҳи гул.

Ту он товуси хиромонº,
Ба ёди гул ғазалхонº,

Ба бӯи гул ҳамехонº.
Дар ишқи як гуле меболº,

Ба бӯят ман чунон мастам,
Ки дар бӯстони гул ҳастам.

Ки дар ҳиїрони муҳаббат ҳастам,
Сафоят мекунад дӯстам.

Ту эъломи доимо эïодº,
Ба ман з-ин матлабам додº.

Тавонº, Ором, шав озод,
Зи шавқи гул шав обод.

Сарви гули нозам биё

Бахту иқболам туº,
Сарви дилбандам туº,
Сурма ба чашмонам туº,
Сарви гули нозам биё.

Бўстон ў дар банди гул,

Шарманда карда сарви гул,

Хуши ту аз бўи гул,

## Сарви гули нозам биё

Эй ёри їононам биё,
Дилбанди їонам биё,
Афсонаи їонам биё,
Сарви гули нозам биё.

Їонона ба бўстонат равам,
Як булбули нозат шавам,
Садқа ба дидорат шавам,
Сарви гули нозам биё.

Эй марїона мафтунам,
Зулфакот бар їонам,
Ба гесўят шона занам,
Сарви гули нозам биё.

Кабки хиромона дор°,
Чун мисли ҳур°, ё пар°,
Аз хушҳолон хуштар°,
Сарви гули нозам биё.

Эй дилбар, гулгун шав°,
Субҳи сафобахшам шав°,
Бо авїи баёнам шав°,
Сарви гули нозам биё.
21.04.1960

**Боғи ту**

Раҳ рафтамбар сари боғи ту,
Булбул шудам ба сози ту,
Афғон карадам ба ёди ту,
Сарви гули нозам биё.

Рафтори тохтутоз дор$^{o}$,
Аїаб гулҳои соз дор$^{o}$
Ёрам ҳамеша ноз дор$^{o}$,
Сарви гули нозам биё.

Бандаи ҳар гул шудам,
Ҳам шефтаи кокулат шудам,
Дар кўят, Ором шудам.
Сарви гули нозам биё

**Дилбарам**

Ман шавам садқа ба қошони сиёҳи дилбарам,
Мекунам қурбони ïонам, ба висоли дилбарам.
Ман надорам ғайри ин ïонам нисори дилбарам,
Мекунам қурбон ҳамеша,ïон ба вафои дилбарам.

Нақшаҳо дорад дилам, аз лутфи ёрам баҳор,
Савту нағма бар висоли ёр дорам бешумор.
Булбули хушхони гулзори диёрам бешумор,
Ман худам қотилам ба ағёри диёри дилбарам.

Васфи ёрам хубтар аз шамшоду сарвҳо дар чаман,
Турраи мӯи кашолу сунбуле дар чаман,
Рухсора бар висоли гул чун булбуле дар чаман,
Печу тоб бар ҳар тараф, зулфи сиёҳи дилбарам.

Тӯшаи ширинтар аз он, ки шабе ёрам гунгу лол,
Тӯда-тӯда моҳрӯён пеши ёрам гашта дол.
Дар таҳи чаҳи булбуланду дар ин чаман ёзонда бол,
Дар чаман, Ором, ҳамеша зарфишон дилбарам.
23.05.1960

**Мулки ободат**

Ҳамин дар мулки ободат,
Ҳақиқат дилкушову шодат,
Шуда гулгун ба диёрат,
Булбулони тани чолокат.

Шукуфта беҳтари дурдон,
Ҳама ёрон дар ин майдон,
Висоли ёри ман ғазалхон,
Занон рақсида бо мардон.

Ба бӯи гул ҳаме мастам,
Бар сари кори худ ҳастам,
Қатори їоҳилон нестам,
Ба хунасо меҳрубон нестам.

Гулу гулзори ман хезад,
Чу моҳи тобон шуда тобад,
Агар дар їойи худ рақсад,
Ду зулфонаш бупечад.

Бубин дастам ба дурдона,
Бибоядам ба фарқ шона,
Бибурдам аз сафо дона,
Манам, Ором, чу мардона.
23.05.1960

**Сайри гули лола**

Гашта чўлу биёбон, сайри гули лола кардам,
Наззораи диламро ба ба қалби лола кардам.
Дидам, ки лола дар дил доғи сиёҳ дорад,
Аз доғу дарди лола пурсу савол кардам.

Гуфто, чўлу биёбон чун қаҳратон сўзон,
Дар рўзу шаби биёбон,мешав$^{о}$ бирён.
З-он ҳарорат, ин доғ пайдо дар дили ман,
Боди самум з-ҳар ён тўфону чангу сўзон.

Аз доғу дарди лола, чун булбул фитод ба нола,
Ду чашми ашки гирён, мерехт чу борону жола.
Рафта ба назди лола мекард чунин қасамёд,
Бар васфи саҳрову чўл,їайҳун кунам равона.

Садҳо чу булбулу Фарҳод баста камар ба ҳиммат,
Ў оварда ба обу дар саҳро бунёд карда меҳнат.
Обшору дашту саҳро шодоб лолазорҳо,
Саҳро шуда чу бўстон, пур зи нозу неъмат.

Лола шуда фаровондар ишқи гул ғазалхон,
Чун ғунча шоду хандон мушкпош$^{о}$ карда чандон.
Шуд саҳрову биёбон чун чаману гулистон,
Эй Ором, булбули ишқ чандон шуда сухандон.
30.03.1973

**Сарви гули раъно**

Їонон чº хуш зебоº,
Ҳам Ширину Лайлоº,
Дар боғи гулшани ишқ,
Сарви гули раъноº.

Дар боғи ишқ растаº,
Гӯё, ки гулдастаº.
Бо тори мушкин мӯят,
Мурғи дилам бастаº.

Чун моҳи шаб бароº,
Ишқ зи дил сароº.
Чун товуси хиромон,
Бар гулшанам дароº.

Ширу шакар лабонат,
Қанду асал забонат.
Дар боғи растагулҳо,
Гули ғунча даҳонат.

Ҳусни камола дорº,
Чашми ғиззола дорº.
Қоши камона дорº,
Бар ман ҳавола дорº.

Табассумат мулоим,
Насим шав, илоҳим.
Тақдим мекунам бар ту,
Гулдаста чида доим.

Маранї аз ман сарвиноз,
Хумморчашму дилнавоз,
Бар гулшани висолат,
Ором, мекунам парвоз.
1.01.1974

**Шикоят аз ёру дӯст**

Наменолам зи дуронам,
Ба дил нест доғу армонам,
Ба вақти пирº дармонам,
Чº шуд бахтам намедонам.

Фақиру доғи ҳиїронам,
Хирад гумкарда ҳайронам,
Чº сон аз доғу дарди дил,
Ба авроқе  қалам ронам.

Кай бошад ҳамчу ман мискин,
Куїо дӯстонам,биншин,
Зи ҳайрат сар фурӯ бурда,
Нишаста чу дар дили ғамгин.

Сиёҳбахтам шабу рӯз,
Фано шуд ёри дилнавозам.
Даруни мискинам танҳо,
Фироқу нолаафрӯзам.

Чаро дур аз хирад фарзанд,
Набошад бар падар дилбанд.
Ба модар меҳрубон аммо,
Ба макри зан шуда побанд.

Шунав ноқобил эй фарзанд,
Набошº бар падар дилбанд,
Хирад ёрат шавад дар вақт,
Бихонад мурғи дил дар банд.

Магар ман чун падар нестам?,
Зи фарзандон тиҳº дастам,
Чаро нестам, ки соҳиб,
Ду духтар се писар ҳастам.

Яке дуктур шуда олим,
Муаллим ҳам яке солим,
Саввумин инжинер техник,

Чаро маҳрумнамо таълим.

Ба соли шасту панї ҳастам,
Зи фарзанд номурод ҳастам,
Зи меҳру номурод$^{o}$ чун,
Ба дил аз сахт$^{o}$ санг бастам.

Ба авлодон ч$^{o}$ кардам, ман,
Ба ҳеї кас бад накардам, ман.
Зи їабри ёру дўстонам, ман,
Ба ҳеї кас во накардам ман.?

Хоҳар чун мағрури даврон,
Арақ хўрад додари нодон.
Ҳама номеҳрубон гаштанд,
Даруни анїуман чандон.

Кунун ман соҳиби пандам,
Ба ошно дил намебандам,
Бувад гар дўсти їон$^{o}$,
Абад аз ў дил намекандам.

Чаро дар ҳайрат$^{o}$, Ором,
Наво кун ҳар субҳу шом.
Макун чун мурғе, ки дар дом,
Ки шояд ром шавад илҳом.
12.12.1974

# Дубайтиҳо

Замону меҳнат обод ишқи озод,
Писар бо духтарон дилдода, дилшод.
Хама дар меҳнати намуна як тан,
Муҳаббат ба ватан эъїоду бунёд.
***
Дилам дар ҳайрати ирфон дамида,
Накардам таҳсиле ҳар сў давида,
Чу булбул нола аз дилҳо кашида,
Чу  кабки сарсорº ҳар сў парида.
***
Ҳама ганїина дорад ранїи бисёр,
Чº сон ба ту гўям, эй марди ҳушёр,
Їаҳон гулзору пинҳон андаруни хор,
Фикан хор аз таги гул эй дилфигор.
***
Се писар ду духтарак, ҳамхона як зан доштам,
Дар їаҳолат буд занак, ин тухми ғурбат коштам,
Ман ба ростº мекўшидам, ба каїїº мерасид,
Шому ҳиїрон менамуд ҳар рўзи рўшан чоштам.
***
Чº хуш монад дар олам, номи некў,
Шиори дилбаста, нидои хулқи некў,
Ҳамоно рамзи шўхº гаштам, Ором,
Муаллимам ман, дилам пурнаво илҳом.
***
Биё сарви гулистонам, гули хандони бўстонам,
Ба роҳат чашми гирёнам, биё товуси хиромонам,
Саҳар булбулсифат нолам, парида  аз сарам хобам,
Агар аз номат хабар ёбам, ба чашм гирён ба дил созам.
***
Зи панїоҳу нўҳ гузашт солам,
Дар ин айём чº шуд ҳолам,
Дилам хун шуд намедонам,
Зи їабри даврон ба кº нолам.
***
Нашав бадназар дар ҳар їо бадсиришт,
Набояд туро бадсириштº, сарнавишт,
Ба андеша анїом бидеҳ кори худ,

Ки неку бад ояд ризқу ïамъи кишт.
1972

***
Чаро нозам аз он фарзанди нопок,
Ба ïойи ноз мекунам гиребон чок,
Зи қалбам нафратам ïўш мезанад,
Чу ҳар лаҳза ба лаҳза мефизояд.
1972
***
Зи мўҳибон сухан гў, магў гуҳарïўй,
Назан худро ба ҳар кў ба ҳар ïўй,
Фурў рав ҳамчу ғаввос баҳри ирфон,
Нашав олуда чун бадхоҳу бадгўй.
1972
***
Аё дилбар, бадхуморам макун,
Дар ин майкада интизорам макун,
Ïунун бар сарам бар умеди висол,
Зада дар раи висол шармсорам макун.
1972

Муқаддасïон гулдаста,
Ïингилаки мўйбарбаста,
Қомат чу сарви равон,
Қоши камон пайваста.

Гапҳои ширин дорад,
Мўйҳои мушкин дорад,
Ба Шоҳинïон меҳрубон,
Чашмони рашкин дорад.

Шириннамо ба модар,
Гули раънои падар,
Хушёраки хандонрў,
Интизори як хоҳар.

Ба дадояш менозад,
Чистонгўяк мебозад,
Дадош аз кор биёяд,
Пешвозакаш метозад.

Муқаддаси ғазалхон,
Чеҳрааш доим хандон,
Монанди дурру марїон,
Духтараки садафдандон.

Чашмони ғамза дорад,
Миїгони найза дорад,
Монанди дурру гавҳар,
Наргиси байза дорад.

Аз гулҳо базеб Муқаддас,
Анору себ Муқаддас,
Ғунчаи боғистон аст,
Раққосазеб муқаддас.

Бобояш баҳраш уштур,
Очаш бошад чашмаш нур,
Гапҳояш ширину дурр,
Дили бобояш пурнур.

Намунаи як хати духтари шоир Ҳанифа
аз шаҳри Ангрен ба деҳаи Понғоз

**Мактуб**

Салом падари меҳрубон ва модари мушфиқ. Нависандаи ин стрҳои пурҳарорат, духтари дурафтодаатон Ҳанифа. Падарїон хататонро гирифта хондам, раҳмат падарїон, раҳмат барои ёдовар°. Шеъре, ки баҳри ман бахшида навиштаед, хонда хело мутаассир гаштам. Ин хататонро гаштаву баргашта хондам, боз мехостам борҳо хонам, лек сер намешудам, чунки аз ин шеъратон бўи хуши шумову модарїони азизакам меомад.

Дар їавоби номаатон ин шеъри навқаламонаи худро навиштам.

Имрўз дар пеши назар,
Омад хататон падар,
Аз шод° ашк резондам,
Чанд бор хондам саросар.

Саломатонро ба їон,
Қабул кардам падарїон,
Насиҳатҳоятонро,
Ниҳодам дар мағзи їон.

Ба їавоби мактуби Ҳанифа

Машав фарзанд парешон,
Машав дилбанд ҳаросон.
Манам падар дар амон,
Мариз аз ман гурезон.

Ман дар амон ҳастам,
Бо тарҳу шасту бастам,
Мисли Наврӯзи оламоро,
Меҳрат ба дил бастам.

**Мактуби дигаар**

Салом эй ёру дўстон,
Салом эй боғу бўстон,
Аз диёри Ўзбекистон,
Аз диёри мо салом.

Ҳеї надорад интиҳо,
Меҳри сўзони шумо.
Ин саломи оташинро,
Мефиристоам баҳри шумо.

Ҳамеша меҳри сўзон,
Пайванд бо ёди падар,
Ҳамеша меҳри їўшон,
Пайванд бо ёди модар.

Ёди додару хоҳар,
Ба їону дил баробар.
Қабул кунед азизон,
Саломамро баробар.

Ду нури дидагонам,
Ин ободии їаҳонам,
Меҳри падару модар,
Бувад дар мағзи їонам.

Кабўтари хаёлам,
Эй дўсти безабонам,
Бубар ба ёди дўстон,
Салому эҳтиромам.

Падар ва модари азиз бо ин сатрҳо мактуби каммазмуни худро ба итмом мерасонам. Бори дигар ба ҳамаи шумо аз Даргоҳи Ол$^{o}$ баҳратон, зиндагии хушу хурсанд$^{o}$, фаровони неъматҳои алвонро таманно мекунам. Падарїон ман интизори мактуби шумоям, илтимос їавоби номаамро бо назм фиристед, бо салом духтари дурафтодаи шумоён Ҳанифа соли 1965.

Бар сари болини ман булбул фиғон дорад,
Бар наззораи ҳоли ман рамзи ниҳон дорад.

Тан у ларзон дил ҳаросон набзҳо дар иштибо,
Ҳозиқи таббоҳи рамз$^{o}$ дилкушо нолад ҳанўз.

Ман зи ҳар субҳ їустуїў дорам аз  сабо,
Бар гул аз гулшани гулзори дўстнолад ҳанўз.

Тўтии нолонаам ҳу мекашам бар ёди дўст,
Ашкбори ҳайратам аз дида меборад ҳанўз.

# Фардҳо

Эй бародар баҳри кут, ҳар їо марав,
Рав ба їойи гуфта, ногуфта марав.
***
Ғаммоз ғасад бурда, дар ҳар пайкор,
Заҳр мепошад, аблаҳ мисли худди мор.
***
Одам ҳама як їинс, аз хоки замин аст,
Баргард зи маниҳо, к-ин кори лаъин аст.
***
Бубин їоми майи ёрам лаболаб,
Чунон мастам ба васфаш, гуфта ёрам.
***
Ғаммоз ч$^{o}$ суд бурда, дар ҳар пайкор,
Заҳр мепошадат, аблаҳ худи мор.
***
Аҳли меҳнат мераванд, майдони кишт,
Їоҳилон овора дар корҳои зишт.

Когарон ба кор доранд рафтори базеб,
Ҳосидон шарманда ғамгин сарнишеб.

Коргурезида нокасҳо дар кори фисқ,
Лек мегўянд бар мо ин сарнавишт.

# Маснавиҳо

## Васиятба фарзанд

Їигарбандам шунав аз ман васият,
Ба васфат норасогє ҳеї нашояд.
Кадом най сар барорад холє аз бор,
Гурез аз паллаи он най, найшакар.
Бубин себу анор доим сараш зер,
Ба бўю накҳати мардум ҳама сер.
Ҳамон ҳосил надорад, тераку тол,
Зи бўстони ҳаёташ гашта поймол.
Макун гарданкашє мисли шайтун,
Агарчи ҳамчун бошє Фалотун.
Макун асло сарафрозє зи мансаб,
Сарафрозон їудо аз роҳи мансаб.
Чунин гўям умеди ман зи ту ин,
Зи бўстони ҳаётам маърифат чин.
Їигарбандам, туи фарзона фарзанд,
Намон қалби дилатро қайди ҳар банд.
Ба мактубам самимона назар кун,
Ба гуфторам чу фарзона амал кун.
Накун андешаву мардона пеш рав,
Ба їурми худ ба назди волидат рав.
Намон гирдоби об дар банду дар дом,
Адабхоҳи ту мебошам ман, Ором.

**Васияти Ором**

Насиҳат гӯш куну чун аҳли мард шав,
Їавонмарду ҳамеша аҳли дард шав.
На аз зоғу заған озори гулҳо,
Ба нутқи булбули ошуфтагулҳо.
Агарчº дар їаҳон ту паҳлавонº,
Макун озори пашша, гар тавонº.
Ба ту бозору кӯча номуносиб,
Бикун коре ба худ хубу муносиб.
Ба ту халқ боварº дорад, ҳаё кун,
Чу касбу кори худро бериё кун.
Нашуд кас сарфароз, аз майпарастº,
Чº фарқ аз майпарастº, худпарастº.
Чуқур андеша кун, їону їигарбанд,
Накун обрӯфурӯшº, сахт камар банд,
Бувад ҳазли рафиқон їинс ба їинс,
Нишаста меҳрубона инс ба инс.
Қанот боз кушо, парвози соз кун,
Ба лутфу марҳамат, дастат дароз кун.
Фалокат майпарастº, фалокат,
Ҳақиқат мебарад, ба  чоҳи ҳалокат.
Насиҳат кардам, Ором, бар їигарбанд,
Касе нӯшад аз ин шаҳд, шакар қанд.
1960

# Мухаммасҳо

**Эй ёри їафокор**

Эй ёри їафокор ту маро овора намудє,
Фарёд зи їафоят, ки маро сайёра намудє.
Ин синаи афкори маро пора намудє,
Чанд дода фиреб, оїизу овора намудє,
Савдозадаи дарду алам ғамхора намудє.

Бар дидаи ман басти дари васли висолат,
Парда кашида бар чеҳраи хандони їамолат,
Бегона зи ман шуд, меҳру вафо фикру хаёлат,
Маҳрум мани лабташна, зи чашмаи оби ҳилолат,
Чун булбули зор дар чаманам дилпора намудє.

Бераҳиву їафокорє ситамкор шудє бар ман,
Мурғи диламро куштиву хунхор шудє бар ман,
Бар қалби дилам наштари обдор шудє бар ман,
Ноқобилу хуни їигархор шудє бар ман,
Ин дили ҳайрони маро сад чоку пора намудє.

Сайёди ситам гаштию побанди расан кардє,
Парсўхтаи парвонаи гулзори чаман кардє,
Ташналаби оби зулоли чоҳи зақан кардє,
Улфатзадаи зоғу заған худ тарки чаман кардє,
Ғамбодаи дуди диламро фаввора намудє.

Аз їабру їафоят Маїнуну девона шудам ман,
Парсўхтаи оташи зулмат бирёна шудам ман,
Гум карда зи сар ҳушам, бегона шудам ман,
Ороми монда зи раҳ, телба, ҳайрона шудам ман,
Тўҳматзадаи санги маломат сангпора намудє.
1977

**Дар васфи Понғоз**

Макони Маъдану наботот, дилкушо Понғоз,
Ҳама фасли баҳорон булбулон, нағмасароПонғоз,
Баҳорат дилнишин, обат мусаффо, пурҳаво Понғоз,
Насими субҳи васлат, мушку анбар,їонфизо Понғоз,
Шифои ранїи беморон, гулу гулшаннамо Понғоз.

Ҳарими гулшани гулзори васлат доимо булбул,
Шукуфта ғунчаҳо дар боғу бўстонат сунбул,
Чаман чун лолазорон сар кашида майсаҳо дунбул,
Аниси ҳамдигар пайваста хандонанд, гулу сунбул,
Диёри босафо чангу ғуборат, тутиё Понғоз.

Зану мард аҳли меҳнат дар ҳавои ором дилкаш,
Ҳама ба меҳнати озоди худ, машғул шуда беғам,
Фаровон ҳосиловар меҳнати ин дасти меҳнаткаш,
Шаїарҳо пурсамараз иқтидори ҳарбаи зарбаш,
Ҳама шаҳду мушку анбар баста ҳосил, дилрабо Понғоз.

Баҳори гулшанат аз шавқи меҳнат мекунад ханда,
Ҳазорон булбулон бар хандаи гул мешаванд банда,
Рух аз чах-чахзанє, мурғони хушхон мешаванд зинда,
Фараҳбол ин дилам, Ором, гули ишқи рухат чида,
Сифотат ибтидо боғи наъим, шўҳратнамо Понғоз.

**Бахшида ба Мирзо Турсунзода**

Муборак соли панїоҳ, шоири ангуштнамо Мирзо,
Дар олам ёфт шўҳрату нашъунамо Мирзо.
Зи баҳри маърифат, ғаввоси дурри пурбаҳо Мирзо,
Ба халқи тоїикон шаъшу шараф ҳилму ҳаё Мирзо,
Баландпарвоз ту эй кабутари сулҳи мо Мирзо.

Чє хуш ту булбули боғє, баҳори Тоїикистонє,
Ту эй ширинкалом, достоннависи Тоїикистонє,
Мударрис бар їавонони адиби Тоїикистонє,
Ҳаётат їовидону навїавониТоїикистонє,
Баландпарвоз ту эй кабутари сулҳи мо Мирзо.

Наёбам сухан бар васфи ту чун шайхи ирфонє,
Азизє дар ватан,фарзанди содиқ, соҳибэҳсонє,
Ба халқи некирода сулҳнамо, як аҳду паймонє,
Ту эй арзандаи халқи шўро, ҳам дору дармонє,
Баландпарвоз ту эй кабутари сулҳи мо Мирзо.

Ҳасад доранд адибони їаҳон ба шавқи дастонат,
Шавад ёри вафодор касби илҳоми дабистонат,
Чароғон бод ҳамеша маїлисорои шабистонат,
Смарбахши нуктапардоз қалби илҳоми гулистонат,
Баландпарвоз ту эй кабутари сулҳи мо Мирзо.

Ҳама кору эїоди илму ирфонат фузун гардид,
Қаламкаш сарадибон дасти имдодат фўзун гардид,
Ҳамеша бар сифотат қаламкашҳо фўзун гардид,
Шудам ман мухлисат, Ором, камололат фўзун гардид,
Баландпарвоз ту эй кабутари сулҳи мо Мирзо.

**Бахшида ба маъдан**

Ïасорат мекунад фаҳми дилам, аз номи ту Маъдан,
Машоми нотиқон бӯ мекашад, аз номи ту Маъдан,
Сарафроз халқи меҳнат хонда васфи номи ту маъдан,
Қатори шоирони даври шӯро муборак номи ту маъдан,
Ба лавҳи мактаби шӯро муборак номи ту Маъдан.

Биё, акнун бубин даврони озоди диёратро,
Даруни парда пинҳон монда ашъори базебадро,
Ҳама медонанд акнун ному нишонатро,
Куïо ёбад хабар наққошаҳо тарҳи ïамолатро,
Ба лавҳи мактаби шӯро муборак номи ту Маъдан.

Нигар эй Маъдани маҳбуб ба ин даврони безулмат,
Тамошо укн, мазори "саду си гурги золим"-ат,
Тамоми золимон нест шуд ва ҳам қашшоқию кулфат,
Гиёҳи талху тундро канда, коштанд тухми ҳуррият,
Ба лавҳи мактаби шӯро муборак номи ту Маъдан.

Куïо будє ғаму кулфат даруни мардуми Понғоз,
Набуд озодию шодє ба аҳли мардумиПонғоз ,
Бишуд гулзору бӯстон он диёри мардумиПонғоз,
Чароғон бингар зулматсарои мардумиПонғоз,
Ба лавҳи мактаби шӯро муборак номи ту Маъдан.

Диёри мулки зебо халқи дилшодат ҳама озод,
Хуқуқи илму меҳнат дамгирє бар халқ шуда озод,
Писар бо духтарак дар саф баробар дар ҳуқуқ озод,
Ватан обод шуд, эй Ором, тамошо мекунем озод,
Ба лавҳи мактаби шӯро муборак номи ту Маъдан.

## Мухаммас бар ғазали Маъдан

Бигашт зори ҳаётат бори меҳнат мекашонандат,
Чун гашти ироат талхº, ё ширинº мечашонандат,
Зи ҳар гулғунча гулҳои чаман бӯ мекашонандат.
“ Пайи азроқи мақсуд чанде ҳар сӯ медавонандат,
Ба тамкини қадам охир ба ҳар їо мерасонандат”.

Қаноат пеша кун, дар марзаи иқболи їамъ биншин,
Маїӯ аз боли анқо бахти худ, дар соя кам биншин,
Хаёли меҳнат талаб, дар паҳлӯи зебо биншин.
“Ба одоби таъамул бар сари хони карам биншин,
Аз ин давлатфарозº маснади иззат нишонандат”.

Їаҳон меҳнатсаро, аз меҳнати рӯзº мабош эмин,
Чу хуш бингар ватан зебову ободе, мабош эмин,
Машин дар сояи зулмоти гумроҳ, мабош эмин.
“ Чу оташ дар инҳоди гил месӯзº мабош эмин,
Ки ин оҳангудозон маҳбӯси гил мерасонандат”.

Машин дар зулмат, к-аз чархи гардун фурсате дорад,
Макун зуҳҳоди ин давро,ба ту чу иллате дорад,
Нигар фурсат ғанимат дурудоварон қиллате дорад.
“ Ҳисори оқибат саҳласт, чандин мӯлате дорад,
Ба андак фурсате з-ин рафта охир мечашонандат”.

Париваш он гуландом сарви шамшодº менамояд,
Дилам ошуфтаи зуннори гесӯи намеояд,
Муҳаббат зору Маїнун сохта дилїӯº намеояд.
“ Аз ин ошуфтагиҳо рамзи маїнуниҳо намеояд,
Ба ваҳшат оҳувонро ром кун, девона хонандат”.

Макун танпарварº аз улфатони нотавон бигсил,
Қадам бар чӯлу дашт афкан зи қайди їоҳилон бигсил,
Ба майдони ҳарб хӯ кун, зи банди їоҳилон бигсил.
“ Бирав аз чарбу нармиҳои лаззоти їаҳон бигсил,
Ба ёд ор он шаробе, ки охир мечашонандат”.

Аё Пири Муғон, ишқи санам майхонаи дил кун,
Зи тори сунбули маҳбуби їон шерозаи дил кун,
Бирав, Ором, шафоати ошиқон афсонаи дил кун.

“Зи дарёи муҳаббат обшори марзаи дил кун,
Ба вақти назъ, Маъдан, қатрае аз об чаконандат”.
5.12.1970

**Дар васфи Маъдан**

Замони беадолат замони золимо дар асри Маъдан буд,

Димоғи сўхтаго, бечораго,дар асри Маъдан буд,

Ситамгаро, судхўро, бедодгаро,дар асри Маъдан буд,

Їафокор бою муфто золимон,дар асри Маъдан буд,

Таъмагаро, оҳу воҳи мазлумон,дар асри Маъдан буд,

Амалдор, қозо, муфто,Маъдан, ин девона мегуфт,

Надоранд он нутқи маъно, зи мо бегона мегуфтанд,

Китобатҳои ўро сўхтанд, ин афсона мегуфтанд,

Халоиқ нутқи Маъданро ҳама дурдона мегуфтанд,

Ба чо воқеъият пур аст їанобон,дар асри Маъдан буд,

Намеёфт халойиқ азїафову зулми золимону муфтиён,

Ба ришват їоро мекард, чу каме шаръи он кори муфтиён,

Чунон ғоратгариҳо карда буд, жандарму їоҳилон,

Хироїи барзиёд їоро намуд, саркардаву ворисон,

Шаётинпеша Марвон ваҳшиён дар асри Маъдан буд,

Нидо бар қувваи Даїїол карда, ки Маъдан маъсум шуд,

Ҳама бедодгариву бекоро, хирої аз мардумон гум шуд,

Гувоҳии аблаҳон, муншиву нозирон гум шуд,

Ҳама маддоҳу эшон, зоҳиди тақвонамо шум шуд.

Ҳама  ин шармандагон ҳариси нафс дар асри Маъдан буд,

Набуд озодº дар қавмат, куïо меёфтº ту нусрат,

Ба ту сад офарин, Маъдан, баромад кардº бо нусрат,

Дар он бедодгариҳо гуфтугӯ мекардº бо ғайрат,

Даруни асри озодº, бинобар ёфтаº шӯҳрат,

Асириву мубталогºҳама, дар асри Маъдан буд,

Умеду орзу дар даври шӯро, мӯътабар гардид,

Ҳамон ғаддору золимон ҳама торумор гардид,

Ба номат мактуби шӯро, муаллимҳо ба ïо гардид,

Ҳама ин халқу миллат, аз илму ирфон бохабар гардид,

Ба ёдам он замон, Ором, дар асри Маъдан буд,

10.01.1962

**Бахшида ба Маъдан**

Дар он замони Маъдан буд, мардуми ситамкаш,
Қозию мўфтию бой буд, золиму ситампеш,
Барбод ҳамаг° рафтанд, дар мо намонд аламкаш,
Дар дил суруди шод°, акнун ҳама қаламкаш.

“Садус° гурги золим...”амалдор, порахўр шум,
Эшону қоз°, мут° дар сафи онҳо буд гум,
Он зумраи фалокат дар ин замони гум,
Озод мардум имрўз, аз он замони машҳум.

Занїири зулм пора кард, халқи диёри понғоз,
Эшон рўҳонии фисқ нест, дар диёри Понғоз,
Нест золимони хунхор дар ин диёри Понғоз,
Дар ҳар тараф чаманзор, озод диёри Понғоз.

Халқ раҳнамо шуд, озод° бахти мо шуд,
Вафодор° бар ватан, паймону аҳди мо шуд,
Дар гулшану чаманзор, меҳнат шиори мо шуд,
Шодем ҳама бахтиёр, озод замони мо шуд.

Маъдан ҳамеша дар деҳ, халқи бечора медид,
Дар ҳар тараф фиғону нолаю зор° медид,
Маъдан кунун мебуд, рўзҳои шод° медид,
Гулгун шукуфта ирфон нашъунамо медид.

Ч° сон диёри Понғоз, нашъунамо° доранд,
Гулшаннамо шукуфта, шаъшапош° доранд,
Ҳама пиру їавонон,нағмасаро°доранд,
Раққоса лайливашҳо,нағмасаро° доранд,

Шод бош Маъдан-устод, озод мулку диёрат,
Нозу неъмат фаровон, обод мулку диёрат,
Кону илму маърифат, шўҳратнамо диёрат,
Дар олами намоён,їаннатмакон диёрат.

Булбул ғазалсароят, дар гулшани диёрам,
Мушку анбарфишонаст, баҳори лолазорам,
Илҳому андалебам, Ором фасли баҳорам,
Субҳу оқшом ҳамеша, равшан лайлу наҳорам.
1978

**Эй ватан**

Эй ватан халқи кабир ширхораҳоят бастакор,
Водии гулшанат  намоён, баҳорат лолазор,
Қўллаҳои сабзазори кўҳсорат зарнисор,
Меваҳои шаҳду шакар, ширадорат сарбабор,
Боғу бўстони гулистони висолат лолазор.

Чашмаи анҳору чорбоғу оби їўйҳоят зулол,
Кабки масту булбулон дар водиҳоят пурҳилол,
Оҳуи дашти Хутан аз мушки гулҳоят беқарор,
Пар зада парвонаҳои гулзорат бемалол,
Дашту саҳро шуд канал, чўлу биёбон киштзор.

Сунбули гулҳои раънои баҳорат мушкрез,
Мушки гулҳои рухат бар нафасҳо ситез,
Булбули шайдои васли гул ҳамеша субҳхез,
Коргарон бар сари кор, карда чун рафтори тез,
Хониши ин аҳли меҳнат мисли достони хазер.

Бахту иқболи шараф аз меҳнати озоди ту,
Фазлу ирфони камоли маърифат аз меҳри ту,
Дар сахомандє ба дунё паҳн шуд ин номи ту,
З-ин сабаб аҳли їаҳон шоҳу гадо меҳмони ту,
Сар-сари хони ватан сад хели алвон бешумор.

Аҳли олам бар ту қоил, илму идрокат фароз,
Бо адолат дар саховат дасти имдодат дароз,
Баҳри халқи олами зулмдида, лутфи ту бениёз,
Ҳамчу фарзанди азизат ман ҳам,Ором сарфароз,
Душмани ғаддори инсон аз нигоҳат беқарор.

**Дилбари дилїў**

Дилбари дилїўи ду холи сиёҳат мешавам,
Шефта, зулфи сиёҳкаши камонат мешавам,
Боиси меҳри гиёҳ кабки ҳилолат мешавам,
Рақсида дар шохи гул оҳанги торат мешавам,
Кафтари сулҳи гулистони баҳорат мешавам.

Їони ширинам, фидои нуқтаҳои ширинат,
Ман мудом менозам аз ин меваҳои ширинат,
Нўшида оби ҳаёти їўйҳои ширинат,
Ҳам анору себу анїир, нокҳои ширинат,
Садқаи зулфони печони сиёҳат мешавам.

Донаҳо чидам зи фасли лолаҳои гулшанат,
Булбули шайдо шудам, бар лолаҳои гулшанат,
Мефишорам оби найсон бар ниҳоли гулшанат,
Курта гулгун лолагулҳо дар баҳори гулшанат,
Ман ғуломи меҳнати бозори корат мешавам.

Тоза-тоза лолагулҳо дил ба майлон мекашад,
Фахрида сарву суман қад зи майдон мекашад,
Аз латофат дилбарам сурма ба миїгон мекашад,
Мурғи дил бар васфи ёр болида афғон мекашад,
Субҳу шом иштиёқи интизорат мекашам.

Дар їаҳони меҳрубон дилбарам зеботар аст,
Кайфиятҳои їамоли ёри ман хушбўтар аст,
Аз забони булбулон ҳам ин лабон ширинтар аст,
Аз асал қанду набот ҳам ин забон ширинтар аст,
Дар ҳарам, Ором, хеста посбонат мешавам.

**Дар васфи ватан**

Эй ватан, халқи кабири ïоноïонаат аз ту шод,
Коргару деҳқон атроф, чаманзоронат аз ту шод,
Дар чаманзори висолат булбулонат аз ту шод,
Ҳофизи нағмасаро  раққосаҳоят аз ту шод,
Гулрухони боғу бўстони баҳорат аз ту шод.

Мехиромад навниҳол кокулпарешон субҳидам,
Бингаред мушкинчаман ҳам лолазорон субҳидам,
Андалеби гулшани гул масту хандон субҳидам,
Навïавону наварўс дар чаманзорон субҳидам,
Марду занҳои диёрам шоду хандон асту шод,

Муҳандисон ҳама машғули коранд дар ишқи ту,
Олимон дар кашфи навоварє, ҳама дар ишқи ту,
Кайҳоннавард парвози афлок мекунад дар ишқи ту,
Коргару деҳқон ҳамеша содиқанд дар ишқи ту,
Агроном, духтур, муаллим халқи озод аз ту шод.

Шўҳрати оламфизоят дар ïаҳон афзудааст,
Илму ирфонат ба олам шўъла афрўхтааст,
Моҳирони пўхтакор дар ҳар чаман афзудааст,
Ҳайратовар техника майдони кор омадааст,
Қаҳрамонону устодони кор аз ту шод.

Эй ватан, халқҳои мазлуми ïаҳон дар орзуят,
Ҳосилат гашта фаровон дар фазои гулшанат,
Медурахшат гулшанат аз лолагулгунии рухат,
Ïонфизо роҳатбадан шабҳои боғи рўшанат,
Дар гулистони висолат ман ҳам, Ором, аз ту шод.

**Мухаммас бар ғазали Ҳофиз**

Ӥоно, сари байъат ба ту супорамат,
Надонам, ин дилу ӥон кай супорамат,
Султони мулк туº, тан ба ту супорамат,
Эй ғойиб, он назр ба Худо супорамат,
Ӥонам сӯхтаву ба дӯст супорамат.

Афғони ту мекашам, з-ин дили дарднок,
Чун ғунчаи гул шуда пироҳани тан чок,
Сад таъна занад рақиб наёядам бок,
То домани кафан накашам зери пой чок,
Бовар макун дӯст зи доман бидорамат.

Асо бигирам ба даст чу мисоли соил,
Девона шавам дар ӥустуӥӯи ҳосил,
Дар дашти фироқтай намуда манозил,
Гар боядам шудан сӯи Ҳорут Бобул,
Сад гуна соҳирº кунам то биёрамат.

Берун набоядам бирафт зи даргаҳе,
Чун ёри қадим аз чораи май ӥилвагаҳе,
З-ӯ чº ҳодºчун кунамгаҳи ту қиблагаҳе,
Меҳроби абрӯвон бинмо то саҳаргаҳе,
Дасти дуо барорад мӯ дар гардани оромат.

Аз ман гузар макун, эй гӯё табиб,
Асфоти ту бар толибон доно табиб,
Табобати ман туº,ӥоно, биё табиб,
Хоҳам, ки шабе бибарамат эй бевафо табиб,
Баҳор боз пурсº, ки дар интизорат.

Анҳори дидаам равонаи баҳор,
Ки онӥо шавад гулҳои шукуфта чун анҳор,
Мушки бешуморат кадомин ояд ба кор,
Сад ӥӯи бастаам аз дида ба канор,
Ба бӯи ту тухми меҳр дар дил бикорамат.

Девона шавам дар ӥустуӥӯи дарбадарº,
Бар нола фитад дил зи ёди ту ҳар саҳаре,
Ҳиӥрон кашам хӯрда нам хуни ӥигаре,
Гар дидаи дилам кунад оҳанги дигаре,
Оташ занам дар он дилу дида барорамат.

Чун бод давида бикунам ïустуïўят,
Махмур ман, Ором, аз мушкини мўи туст,
Чун ин сари ман бар остонаи кўи туст,
Ҳофиз шаробу шоҳиду ринди дафъи туст,
Хайли ïавҳарº мекунаду фурў мегузорамат.
5.05.1964

**Мадҳи пахта**

Ин диёри сарбасар шуд пахтазор,
Бӯи мушки ёр фазояд пахтазор,
Мешавам ба васфи ёрам интизор,
Интизор чун вақти субҳи пахтазор,
Мечинам дурдонаҳои пахтазор.

Ин ҳама кокулпарешон пахтачин,
Зебида бар тан либоси гулбичин,
Карда доман пур зи тилло пахтачин,
Рақсида меравад ба ёраш пахтачин,
Меравам ман ҳам даруни пахтазор.

Марду зан майдони пахта мераванд,
Мисли парвона бар гулҳо мешинанд,
Ҳосили пахта ба доман мечинанд,
Ишқи гул дар дил тараннум мекунанд,
Меравам бо ёрон ба пахтазор.

Дар баҳорон ҳосили пахта бубин,
Фасли гулзорон гули раъно бубин,
Хуштакаллум булбули гӯё бубин,
Истироҳат шуд, їамоли ёр бубин,
Ман чу бинам ҳусни ёр дар пахтазор.

Марду занҳои ватан навоваранд,
Баҳри иїрои плон худбоваранд,
Ҳосили пахта ба хирман оваранд,
Дар ватан халқи кабир меҳроваранд,
Сарбасар, Ором, диёрам пахтазор.
1960

**Дар шаъни баъзе раисон**

Эй раис иїро нашудку, нақшаҳоят гап мазан,
Ҳиммату ғайрат надорє, аз фаъолат гап мазан.
Бас дурўғестваъдаҳои гуфтугўят гап мазан
Мондє охир шамсор, аз шарҳу плонат гап мазан,
Мантиқу маънє надорад, гуфтугўят гап мазан.

Кардаанд, иїрои плонашон занҳо бубин,
Қаҳрамондухтар ба майдон омад, аз занҳо бубин,
Ҳиммату ғайрат даруни оинаи занҳо бубин,
Рафт иїрои плони кори он занҳо бубин,
Мантиқу маънєнадорад, гуфтугўят гап мазан.

Ишрату майнўшиҳо кардє, зи корат бехабар,
Боварє кард халқ ба ту аз ин фаълат бехабар,
Шаъни инсон надонє, аз плонат бехабар,
Нафси ҳайвонє, ки дорє аз їавобат бехабар.
Мантиқу маънє надорад, гуфтугўят гап мазан.

Меҳнати шоён накардє байни ёрон, шармсор,
Беғаму нодону расво мондє ҳайрон, шармсор,
Аз мукофот бенасиб афтону ғалтон,  шармсор,
Роҳ нест бар анїуман мондє пушаймон, шармсор,
Мантиқу маънє надорад, гуфтугўят гап мазан.

Номи ту аз даҳони халқ афтода, мондє бемадор,
Хам шуда гардан чу рафтору нигоҳат, бемадор,
Халқ надорад боварє бар ту асло, умед мадор,
Он чє ошкор кардє, Ором, аз қалам пинҳон мадор,
Мантиқу маънє надорад, гуфтугўят гап мазан.

**Баёни баддимоғ**

Орзуҳои дерина пайваста дар авїи ҳаёт,
Аҳли зулму урфу одатҳои баён дар мамот,
Кори ҳаннотони сўдхўр доимо фисқу фасод,
Касбу кори мазлум дидагирён босубот,
З-ин сабаб касбу камолоти фақирон буд касод.

Як тараф айшу тараб созу шаробу рақси боб,
З-ин шаробу рақси раққосаи ин баён дилкабоб,
Як тараф буд зору ҳайрон бенаво халқ дилхароб,
Маҳрум аз мулку диёраш мардумон дида пуроб,
Қозии шаръ беадолат бандаи чун як манот.

Рўзгори тираю торики мардум бечароғ,
Мубталои доғи ҳиїрон, маҳрум° аз боғу роғ,
Дар ба дар саҳро ба саҳро мардумон дар сина доғ,
Зору нолон мебуданд, аз зулми боёни баддимоғ,
Чора меїўст мардумон, аз ин халоси мардумон.

Инқилоб шуд раҳбари аҳли їафокаш мардумон,
Пора кард занїири зулми бою сўдхўр мардумон,
Бахту иқболу шараф дорад, аз он рў мардумон,
Ҳам ба меҳнат сайру гашт, озод° дорад мардумон,
Меҳнати озоди халқи їонаїон шуд бесубот.

Нест їафо, золимон бою сўдхўр мардумон,
Он їафокаш мардум имрўз соҳиби илму ҳунар,
Муҳандис, олим, муаллим ҳар кадом бо ҳар самар,
Пахтакор, бофандаю дўзанда ҳам поядатар,
Ширaю шарбат диёр, Ором, бубин қанду набот.

**Васфи меҳнат**

Ватан ободу халқ озод паи кор,
Ҳама дар водии зархез серкор,
Чаман бўстон шуда гулзор бехор,
Ғазалхон бубулонаш субҳ бедор,
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи васфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Ҳама гулгун духтар, писар,ïавонҳо,
Падар, модар, далерон, пиру барно,
Хиромон товусе чун сарви боло,
Чº хуш шоду ғазалхонем ману ёр.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Ҳама дар гулшани зархез бошем,
Ба меҳнатҳамеша  дамсоз бошем,
Ваё дар танбўру дар соз бошем,
Ба ҳам раққосаю дар тоз бошем.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Саҳаргоҳҳо тракторҳо бароянд,
Ба майдони васеъеи пахта дароянд,
Агар ёрам дар сари чанбар сарояд,
Чº сон ин шодии дил мефизояд.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Чу сарв ёрам намоён дар чаманзор,
Гаҳе танҳо бубин дар сари кор,
Нишаста гоҳ даруни он трактор,
Ба ïамъи коргарон сар карда саркор.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Даруни қалби  ёрам пурғуруре,
Ба меҳнат чусту дар дил суруре,
Чунонанд мардони майдони ғаюре,
Ба дил доранд ба ин сон шуъуре.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Дилам меболад аз ин ишқи ёрам,
Ба ғайри ин ёр дигар ёре надорам,
Ҳамин ишқам дигар ишқе надорам,
Ба ӣузъ ин дигар гулшан надорам.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Ӣамъ орем ҳосили пахта фаровон,
Зиёд орем зи саҳро ғаллаю дон,
Ватанро карда хуррам аз дилу ӣон,
Ҳалол меҳнат ба халқ орад шараф-шон.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.

Ману ёрам ҳамон комбайнсаворон,
Ба давлат пахта чида месупорем,
Ба ишқи якдигар масту хумморон,
Бигуфт, Ором, туро аз худ шуморем.
Ба меҳнат шод ғазалхона ману ёр,
Зи всфи пахтакорон хонда ёр-ёр.
1966

**Салом бар ватан**

Ассалом, эй гулшани рухи равонам, ассалом,
Роҳати дил, Тоїикистони меҳрубонам,ассалом ,
Ҳам гулистони баҳори бехазонам,ассалом,
Ҳамчу модар дилбарам, ҳам ифтихорам,ассалом,
Офтоби оламорои їаҳонам,ассалом,ассалом.

Орзуям васфи ту дар ҳар мудом, ҳар субҳу шом,
Бўи мушки дилнишинат мекашам ҳар субҳу шом,
Булбулонат дар ғазалхонє, бо шавқ ҳар субҳу шом,
Боғу бўстони рухат рахшанда дар субҳу шом,
Ҳомии пушту панохи халқи шодам ассалом.

Тоирони шўҳратафзои фалак дар гулшанат,
Санъату илму ҳунар озодиҳо дар гулшанат.
Тўтии ширинкалому хушнаво дар гулшанат,
Кабки масту хушхирому ғазалхон дар гулшанат,
Гулшани гулзори қалби беғуборам, ассалом.

Меҳрубону мушфиқам, дар махзани ин қалби дил,
Мекунам їонам фидо, ҳам васфи ту аз тахти дил,
Мўниси ин їисму їонам, дар ҳаёти їону дил,
Мешавам посбони васлат, дар ҳаёт бо сидқи дил,
Бахти инсони їафокаш тоїдорам, ассалом.

Боғу бўстону баҳору ҳам гулистонам тує,
Навкамолу сарви болои диерам тує,
Булбули боғи чаманзору дабистонам тує,
Ҳофизам, ҳам дилбарам, дору дармонам тує,
Мефиристам бар сифоти навкамолам, ассалом.

Завқҳо дорад зи висоли рўи ту қалби дилам,
Дар вафои васфи ту паймон дорад ин дилам,
Дар ҳавои кўи ту парвоз дорад ин дилам,
Болидам, нозидам, Ором, чунон шод ин дилам,
Їавҳари їони вуїудам эй диёрам, ассалом.

**Миҳнат таронаси**

Гар насиҳат айласанг, ровий ҳақиқатдан гапир,
Қилмагил ҳар ерда каззоблик, адолатдан гапир,
Чиқмағил инсоф йўлидан, миҳру шавқатдан гапир,
Айлагил касби ҳалол ҳар жойда миҳнатдан гапир,
Айла миҳнатни тараннум, бахту давлатдан гапир.

Айлама чалкаш ривоят, эл кўнглин айлаб малол,
Тўҳмат ичра қуймагай, миҳнат эли йўрса ҳалол,
Ким хиёнат қилса миҳнатда, қилур жонин убол,
Етса ҳар ким ғафлат ичра умрига бўлғай завол,
Айла миҳнатни тараннум, бахту давлатдан гапир.

Мулк умумлашган жамият, мулкидин қилғил ҳазар,
Ишлаганлар тишласун, сан шубҳадан қилғил ҳазар,
Миҳнатин ажрини ол, исёнидин қилғил ҳазар,
Ўғрилик касб айлама, ифшосидин қилғил ҳазар,
Айла миҳнатни тараннум, бахту давлатдан гапир.

Қолмас армон ичра асло, туғри пурғам ҳар киши,
Топмағай миҳнатдан асло, эларо донгдор киши,
Зоъе бўлмас умри асло эларо донгдор киши,
Толпинар миҳнатда қаллоб, дангаса беор киши,
Айла миҳнатни тараннум, бахту давлатдан гапир.

Миҳнатинг роҳат булўр, ҳар жойда ишла бемалол,
Миҳнатинг бирла топилган пулу молинг дур ҳалол,
Миҳнат амри бирла топган ошу нонинг ҳам ҳалол,
Бўлмагай сан хору зору мубтало бе қилу қол,
Айла миҳнатни тараннум, бахту давлатдан гапир.

Ётма ғафлат бирла, Ором, қаҳрамононларни чақир,
Келди наврўзи баҳор, булбул наволарни чақир,
Этти миҳнат растаси, пиру жувонларни чақир,
Кўйласун миҳнат элин ҳофиз-ғазалхонни чақир,
Айла миҳнатни тараннум, бахту давлатдан гапир.
5.06.1997

**Раққоса соз омад**

Бар гулшани баҳорам, ёри сарафроз омад,
Гули лола чида, дар даст шӯхи сарвиноз омад,
Кокулпарешонмаҳру ба ишваю ноз омад,
Раққосаи мӯрмиён, бо їилваю ноз омад,
Ба саҳнаи гул мурғи хушовоз омад.

Ба чашм сурма кашида, абрӯкамон хамида,
Дар лаб табассуми гул, садафдандон дамида,
Мушк аз сунбул чакида, кокул турра кашида,
Дар саҳни гулшани гул, ҳиндусимо рақсида,
Гулнора сарви раъно, раққосаи соз омад.

Соҳибїамоли гулрӯ, пошида мушку сунбул,
Дар гулшани малоҳат, гӯё, ки ғунчаи гул,
Раъногули навбаҳор, чунон ки маъшуқи гул,
Ғулғунчаи шукуфта чун интизори булбул,
Бар назди бубули ишқ ба гуфтани роз омад.

Андалеби хушилҳом, ҳам тӯтии сухандон,
Офтобїамоли хубон, чун лола гули хандон,
Мушки кокулпарешон, мушкпош° карда чандон,
Ёқулаби намоён, дурдона садафдандон,
Маҳвашнамо їонона, раъногули ноз омад.

Бар кӯи ту гуландом, банда шудам ман, Ором,
Бо як нигоҳи гулфом мурғи дилам кард° ром,
Андалебам шубҳу шом, дар дили ту дилором,
Дар водии муҳаббат, кабки дари хушхиром,
Бар қасди мурғи їонам, лочин шуда боз омад.

**Жоҳил муллолар ҳақида**

Бир неча махсумчаю шум, ўғрилар мулло эмиш,
Асли жоҳил пулгадолар, оқилу доно эмиш,
Мулло ман деб кўча кўйида, ҳар иши ғавғо эмиш,
Маърифатсиз беадаб, ҳам беҳаё пешво эмиш.

Зоҳиду эшон йўқолди, чиқди жоҳил тўралар,
Бири махсум, бири мулло, сафда ифлос жўралар,
Ҳаддингиздан ошмангиз сиз мулла думбул ғўралар,
Мурдалардан бож олувчи бир гурўҳ пуштшўралар.

Мурдани давра қилиш, қайси ривоят сўранг,
Ҳам ҳадису тафсиру қайси баёнотдан сўранг,
Ҳеч бир мазҳабда йўқдир қайси оётдан сўранг,
Ҳиллаи шардур, бу иш қайси китобдан сўранг.

Асли билсанг ҳиллаи шаръ, бу шариатда ҳаром,
Ҳийла бирла муллолик касби тариқатда ҳаром,
Таъмагар аҳли такаббур, бу ривоятда ҳаром,
Бил хилофи шаръ, бу дур қонун шариатда ҳаром.

Бир гурўҳ ҳеч кўрмаган мактаб сира шарманда кўр,
Тафсир айлар ҳали ичида кўрма-кўру зўрма зўр,
Қўрқутар халқни яна дузах азобу қабру гўр,
Илтижо этгум илоҳо бу фасатларни супур.

Пул учун сотган имонинг беҳаё, мултонилар,
Тоату тасбеҳлари нони риё, мултонилар,
Бидъату найрангда йўрган рўсиё, мултонилар,
Беҳаё жоҳил, тамаъгар, худнамо, мултонилар.

Чун шаки Қуръон ўқур еткайди Бисмилло сўзин,
Бу касофат эларо асло танимайдур ўзин,
Давра айлаб мурдани, шаръан қаро қилган ўзин,
Маърифат аҳли ҳама нафрат ила, очган кўзин.

Эй илоҳ, бидъатпарастлардин ўзинг бергил паноҳ,
Ўзлари "мулло" бўлиб, кунда қилур юзлаб гуноҳ,
Ҳар жаноза давра ичра пешво бу рўсиёҳ,
Кашфи жинларда кўриб тую курадур чун авлиё.

Ҳар азою хатму туйда, ҳар бири айлай талош,

Ман-ман айлар, ҳар бири мулло ўзум, ҳар ишда бош,
Луч ривоят айлашур учқун азода дамла ош,
Айладинг, Ором, текинхўр муллолар сиррини фош.
10.04.1979

## МаќсудалєЇўраев

*Мухаммас бар ғазали Ороми Понғозє*

*Маро рахти сафар мебошадам, аз Тоїикмстонам,*
*Намедонам чє тоб оварам дур аз кўҳсорам.*
*Раҳо раҳ раҳсипор астам, ба раҳи Қирғизистонам.*
*“Ба ҳар сў медавам гумкардароҳе дар шабистонам,*
*Саломамро расон, боди сабо, бар сарви бустонам.”*

*Ба худ андар ғарибє, синаи пурхору ғам дорам,*
*Зи ҳиїрони Ватан-Модар парешонхотиру зорам,*
*Гулистони диёрамро ба дил ҳардам умедворам.*
*“Даруни маскани тораш чунон маҳзуни асрорам,*
*Баҳори лолазорам шуд кунун фасли зимистонам.”*

*Чу мебошам ба ин бегонамулк нохонда меҳмон,*
*Ба дил чандин алам афтодаву ба дидан ҳайрон,*
*Ҳам сўзам ба ёди сарзаминам, синаам бирён.*
*“Шуда ман булбули нолон, наво дар дил шуда пинҳон,*
*Шикаст оинасону шуд хазон ранги гулистонам.”*

## Гулмурод Ниёзов (Мурод)

Мухамас бар ғазали Ороми Понғозє

Дар печу тобам, ёрам надонист,
Аз ишқ қимобам, ёрам надонист,
Тори рубобам, ёрам надонист.
“ Їигар кабобам, ёрам надонист,
Ҳоли харобам, ёрам надонист”

Майпарасатам, ҳар рўзу шаб мастам,
Соғар ба дастам, ёрам надонист,
Дили бебоки худ бо їом пайвастам.
“ Бодапарастам, минў ба дастам,
Банди шаробам, ёрам надонист”.

Эй сарви бўстон, ҳам шеъру достон,
Раҳпои дўстон, ҳастє ту сарсон,
Дар дил чанд армон, аз баҳри ёрон.
“ Дар шоми ҳиїрон, гирёну нолон,

Андар азобам, ёрам надонист”.

Ман дар баҳорам, чун оби борон,
Меборам, мешорам, бе мақсад равон,
Аз умри беамал пурдард виїдон.
“ Сайди шикорам, аз тири миїгон,
Дар печу тобам, ёрам надонист”.

Дар роҳи ростам, аз баҳри тақдир,
Дар кўҳу пўшта, гаштам чу нахчир,
Эй подшоҳи ишқ, бош маро дастгир.
“ Дар қайди бандам, бар зулфи занїир,
Бас дар шитобам, ёрам надонист”.

Дар ишқи їонон, сарсону ҳайрон,
Ин дил пурармон, чун қумрє нолон,
Ғалтону хезон, чун шамъ фурўзон.
“ Чун абри найсон, ду чашми гирён,
Дили пуробам, ёрам надонист”.

Бо шиддит тозон, дар водии ишқ,
Аз худ гурезон, дар водии ишқ,
Як оҳи сўзон дар водии ишқ,
“ Ҳайрону сарсон, дар водии ишқ,
Андар шитобам, ёрам надонист”.

Муроди нолон, пурсону їўён,
Гум карда даврон, чун хори ғелон,
Покўби халқ аст, бе ҳеї як имкон.
“ Ороми нодон, дар дашти ҳиїрон,
Хоку туробам, ёрам надонист”.

# Гулмурод Ниёзов (Мурод)

*Мухамас бар ғазали Ороми Понғозє*

Сайр кардам ин чаман, дар ишқи гул ҳайрон шудам,
Ёд кардам рўи ёр, бо ёди ў гирён шудам,
Бо умеди васли дилбар, ҳар дам сарсон шудам.
“ Маст гардидам зи май, булбул шудам, нолон шудам,
Чун ҳилоли осмон, ин лаҳза дар їавлон шудам”.

Райҳон шудам, савсан шудам, лола шудам дар гулшан,
Об шудам, ҳалқоб шудам, шабнам шудам дар даман,
Шеър шудам, қитъа шудам, баҳри ровии сухан.
“ Гул шудам сунбул шудам, булбул шудам дар чаман,
Аз гули раънои ў, шармандаву ҳайрон шудам”.

Гули пурхандаи ҳусн, дар шабистоне шукуфт,
Гули сурхи орзуҳо, дар гулистон шукуфт,
Дида ин айёмро ошиқ, аз шавқи дил, гуфт:
“ Ғунчаи умеди субҳам, дар дабистон шукуфт,
Шод ман аз шавқи ў, афтон шудам, хезон шудам”.

Чун самандар зодаи оташ манам, аммо валек,
Ҳамчу мурғи парканда, моро андохтанд ба дег,
Ҳеї боке нест,  якбора шорам монанди рег.
“ Сўхтам дар оташу хокистарам гул кард, лек
Оташи ишқам фузуд, чун лолае хандон шудам”.

То Мурод парвоз кардє дар бўстони дил,
Бо меҳр бингар бар дашту кўҳистони ин диёр,
То тавонє, ризқ-рўзє баҳри фарзандон биёр.
“ Пар зан, Ором, дар дабистону  гулистони диёр,
Бар дари ў монда сар, бо аҳду бо паймон шудам”.

# Маснавиҳо

## Бигир хома ба даст

Кунун пардозам ин нома зи оғоз,
Мурғи  паррехтаам омад ба парвоз.

К-он асрори дар пинҳон нуҳуфта,
Ягон нуқта чу достоне нагуфта.

Биолояд ба он асрори достон,
Вафодорє кунад чандон-чандон.

Биїўш илҳом, шавам ҳам нуктадонат,
Вагарна нуктаҳо пинҳон бимонад.

Манам дар печу тобу хуфта дар хоб,
Халида дар дилаш як наштари ноб.

Нишон илҳоми қалбам аз ҳадаф дод,
Равон созам кунун ин тири имдод.

Фусун хонад маранї, нодону їоҳил,
Чунин нодону їоҳил ҳамчу коҳил.

Макун шиква, дигар тоқат надорам,
Зи дасти рўбаҳу гурги наҳорам.

Ки он рўбоҳи маккори чарогоҳ,
Зи бўстони ҳаёташ гашта гумроҳ.

Гурўҳи гургони хунхор забунанд,
Даруни сина гургон сарнагунанд.

Бихон ин нуктаро чун чора созам,
Бад-ин сон қулфи дилро пора созам.

Манам ҳайрони ин оинаи дил,
Зи ҳайронє задам пой бар гил.

Чє донанд нокасон  дурру садаф чист,
Касону нокасон дар ин їаҳон кист?

Гурӯҳи аблаҳон Қуръон бихонанд,
Зи он маънє ягон нукта надонанд.

Ба дил буғзу адоват карда пинҳон,
Риёкор беҳаё дар байни инсон.

Нахонда мактабу таълим надида,
Худашро дар байни мардум доно намуда.

Ҳамон виїдонфурӯши хели мардум,
Заҳролуда нешаш дар сари дум.

Захр мепошад аз касбу камолаш,
Чунин аст аз азал фикру хаёлаш.

Намудаш аҳли тақво, лек риёкор,
Чу шайтони лаъин їар карда ошкор.

Ҳамоно дар ватан меҳнат шараф шон,
Ҳамон калтабонон банди зиндон.

Зи ишқи гулшани гул гаштем шод,
Ватан з-ин сон ба мо озодиҳо дод.

Бикӯш дар садафдорони чун таҳамтан,
Бигир хома ба даст, шамшер ба тан.

Бикӯшем, қуллаи умеди кӯҳ чист,
Ҳама дар қаҳрамонє паҳлавонє.

Ҳама дар мо умеди пок, дили соф,
Ба мо паст, садди роҳ он чє кӯҳи Қоф.

Бале ин посухам, Ором, биорост,
Насҳатгар шавем, мо аз дили рост.
1960

**Насиҳат**

Азизам, ин ïаҳон меҳнатсарой,
Ҳаёт зи ин ёфт, шав, ба ïой.

Ҳама шоҳу гадо дар хок хуфта,
Муродашон дар ин водº наёфта.

Чº сон буд, дар замони зулму ситам,
Ба майдони ҳарб карда ҳар дам.

Кушокуш карда дар майдон ба ҳар тан.
Аз  бўстон баргашта наю ïангалистон.

Дар охир зери хок ин сарв шуда,
Агарчº пешвои ин сафҳо буда.

Ҳазорон инчунин соҳибҳидоят,
Гузашта надоматҳо сар-сари васоит.

Ҳамон доно бувад, ки ин нек дўст,
Надорад некº ҳар кас дар ҳаёт сўхт.

Яке дар некº ном дар ïаҳон монад,
Яке нафрат гирифта аз ïаҳон монад.

Чº хуш монад, дар олам номи некў,
Шиори дилбаста, нидои хулқи некў.

Ҳамоно рамзи шўхº гаштам, Ором,
Муаллимам ман, дилам пурнаво илҳом.
19.02.1961

**Баҳори гулу булбул**

Баҳори гул ҳамеша шоду хандон,
Гули сурху сафеду лола хандон.

Гаҳе сар мекашад гулҳои раъно,
Гаҳе мушкин атргулҳо зебо.

Сумангулҳо шуда рашкин ба сунбул,
Чу вақти сози субҳи булбул.

Чаман гуллолаҳои хели ҳаргун,
Гашта мешад дунбул аз сари бун.

Ба бӯи накҳаташ дил ёфта таскин,
Ч° шояд мушки тотору Чин.

Ҳастии булбулон бе гул набояд,
Ҳаёт бар гул, бе булбул нашояд.

Чаман бе гул мисоли дашту саҳро,
На хошоку пур аз санги хоро.

Гул аз булбул ӥудо не, булбул аз гул,
Ба шохи ҳар гул печида сунбул.

Гулу булбул мисоле дар ҳаёт чун,
Ҳаёти инсу ҳайвоншабеҳ чун.

Ҳаёти сегона фасле ду дорад,
Баҳори умри зимистонмарг орад.

Ҳаёти ҳар яке дорад чу гулбун,
Чу булбул парварида курта гулгун.

Ҳаёти умр мисоле чун баҳорон,
Хазони умр мисоле чун зимистон.

Гулу булбул баҳорон шоду хандон,
Зимистонаш шуда бар бод чандон.

Ҳаёти инсу ҳайвон чун мисоле,
Хирадмандон саногӯ субҳу шоме.

Сеҳри файзи булбулон дар субҳи гулзор,
Чаро ғофил ту инсон аз ҳамин роз.

Ту ҳам мисли булбулон саҳархез,
Ба гулбуни чаманзор гашта шакаррез.

Ҳаёт вобастаи гулбуни гулзор,
Набошад ҳаётат гардад шӯразор.

Чаман бе дасти инсон шӯразоре,
Кунад инсон чаманзор шӯразоре.

Биёº субҳи гулшан мисоли булбул,
Ғазал мехонба гулшани ҳар гул.

Ту булбул дар чаманзор дар сари гул,
Ба ту ханда диҳад гул меҳри дунбул.

Ба ҳалқи гул бирезº шарбату ноб,
Кунад аз шавқ ба ту як хандаи ноб.

Ба хандаи гул дурри ноёбе,
Машом бӯ мекашад, аз мушки нобе.

Зи лаъли хандаи гулдурр бирезад,
Ба по раққосаҳои рахшанда хезад.

Ҳама рақсида дар дасти косагулҳо,
Ба їоми косагулҳо буда навлолаҳо.

Диловар аҳли ин меҳнат нӯшад ин май,
Гурӯҳе то набуданд нашъакаш аз най.

Зи їоми гули май мастона май нӯш,
Ба їоно мешавºпайваста ҳамдӯш.

Ҳаёти умри худ дон як баҳоре,
Зи дайри фурсат задаст лайлу наҳоре.

Ба охир мерасад фасли баҳорон,
Баҳори гулшанад мешад зимистон.

Шуда булбул наво месозам, Ором,
Гулоб нӯшам зи гул пур карда їоме.

17.06.1964

**Даъвати Фарҳод ба аскарº**

Замона шоду обод, халқ озод,
Лекин аз ришвабозии аблаҳон дод.

Чаро ба доди ман довар набудº,
Аз ин ришват чаро воқиб нашудº.

Наход ин фасод дар мо ҳукмрон,
Шунидам ман дар инїо гуфтугӯ, дон.

Яке фарзанди ман буд ном Фарҳод,
Ҳамехонд чорумин курси фатҳи ирфон.

Ба таҳсили улум машғул мебуд,
Гашта раҳи илм тайёр мебуд.

Басо ранї кашида дар Ленинобод,
Вале шодон ҳаме аз даври озод.

Расид ба чорумин соли таҳсиликурси,
Дар ин соли наҳангу  некпурсº.

Писар рӯзи шанбе омада зуд,
Бигуфт дар синаи худ он чº буд.

Ватан даъват намуд ба хизмати худ,
Маро вақти расидан рафтанам шуд.

Ба гуфтор гуфтамаш фарзанди їонон,
Баҳодур бош ба хизмат меҳрубон бош.

Равон гаштам ман ҳам ҳамроҳи Фарҳод,
Ба фарзанд навозиш карда сад панд.

Ману фарзанд, ки аз Понғоз равидем,
Ба шаҳри ленинº рафта расидем.

Писар рафт дар дари комисар,
Бо худ асбоби роҳробурда дар бар.

Їавоб доданд:“Ту фардо соати панї,

Ҳаме ҳозир шавед, ки ин мешавад санї".

Ману фарзанд гаштем бозори он їо,
Расидем бар сари чойхонаи онїо.

Лаби дареи Сир їойи аїойиб,
Нишастем їойе ҳаме пуру барсоҳиб.

Ба мо ҳамроҳ шуданд як чанд їавонон,
Ки байни онҳо буд, Їаббору Гермон.

Ба їойи ошпазº чойхона рафтем,
Барои  худ оши палав мепўхтем.

Помидору пиёз реза кардем,
Ба рўи лаълº ош холº кардем.

Ҳама хўрданд ба серº аз лаганди ош,
Дар рўи ош ҳама гўштрезаҳо пош.

Бигуфт:Їаббор ба Гермон "ин падар кист?"
Имо кард ба Фарҳод, ки падари ўст.

Бигуфт:" даъват шудаст Фарҳод ба хизмат,
Падар ҳозир шудаст чун карда ҳиммат".

БигуфтЇаббор:" Фарҳод писари туст,
Ба ту ёрº шавам ҳиммати ту чист"?

Ҳамехўрд ошу Їаббор мепўшид чашм,
Чу ханїар қошу чашмаш карда пурхашм.

"Ба ман пул ёфта диҳº сад-сад ду карат,
Ки ин фарзанди їон аз сар напарат.

Худам як ду рафиқº корº дорам,
Ҳамин Фарҳоди туро пешаш орам.

Ҳамин, ки дид дусад сўми ғанимат,
Ва ҳам дар дасти ман ин нозу неъмат.

Халосаш мекунанд фарзанди їонат,
Ба шодº меравº ту ба маконат".

Бигуфтам наход ин кор ба ту хосе,
Бигуфт, билло, ки ин ба ман мосе.

Нахостам ман дигар ба ў гуфтан гап,
Ба хомўш$^{o}$ задам қалбу дилам лаб.

Бирафт аз пеши ман ба пеши шахсе,
Яке даъватшуда ду додар ҳар сў.

Ба онҳо гуфт Їаббор додаронед?
Яке хурду дигар калонед?

Раїабовҳо ҳамин се додаронем,
Ба ч$^{o}$ ин додарам мебаранд ч$^{o}$ донам.

Бигуфт Їаббор онҳоро дам шавед зуд,
Ду сад сўм медиҳед кор мешавад зуд.

Зи даъват додаратмешавад имсол,
Накун бар кас изҳори ин ҳол.

Ба ў гар ваъдаи ришват супор$^{o}$,
Давиданд бо Фарҳод Їаббор сувор$^{o}$.

Ба мошин рафт савор сўи комисар,
Ба понғоз$^{o}$ шуданд ҳамроҳи якдигар.

Ҳамон понғоз$^{o}$ неку ҳам камбар,
Ба кораш машғул буд чу бо якдигар.

Ки мешуд байнашон гуфтугардон,
Ба зудд$^{o}$ гашта омад пеши Гермон.

Бигуф Їаббор ду сад сўм бигир аз онҳо,
Зи даъват додараш мемонад инїо.

Раїабовро їудо карданд зи даъват,
Хиёнаткор$^{o}$ салоҳ дода ришват.

Гирифта ришват худҳо нўшиданд май,
Шунав, аблаҳ аз ин май нўши чай-чай.

Дигар даъватшудагон рафтанд ба вакзол,
Баҳодурон їавонони фараҳбол.

Ба позд рафта-рафта їой гирифтанд,
Бо ёронашон видои хайр карданд.

Їавонони даъватº болу қанотанд,
Дари ганїи кони босуботанд.

Касони ришвабозро дуди қаторанд.
Дари ганїи кони босуботанд.

Ҳақиқат гуфтº, Ором, раҳматат бод,
Ҳуррият,бояд ин замону халқи озод.
17.09.1964

**Насиҳат ба фарзанд**

Писар гўш дор, накун хеї луқмасоз°,
Бидон°пас бикун луқмапардоз°.

Накун аз норасоз° дастдароз°,
Чунонч° манманиву лабдароз°.

Назан панїа  ба шерони нуҳуфта,
Ки он шерони хуфта дарнахуфта.

Нигар поёнзабонат ганда ду чашм,
Набин° гар забонад, чашми пурхашм.

Ҳамон гир° агар ту бо таҳамтан,
Назан нештар ба ҳар қалбу дилу тан.

Забон море нуҳуфта дар даҳоне,
Нигаҳ дор ин забон ҳар замоне.

Ба вақти гуфтугў дурру гуҳар пош,
Сухан чу гуҳар чунин нексухан бош.

Ту гулчини баҳори боғи наврас,
Чу ин гулҳо ҳамдавру сафрас.

Садаф мепошад аз қалби худаш дурр,
Ҳама олам шуда з-ин дурр пурнур.

Ту гул не, балки булбул дида ҳар дурр,
Дили соф чун,садаф дурр дида пурнур.

Бичин дурру гуҳар аз ин боғи ирфон,
Ту ҳам дурру гуҳар мепош° з-ин сон.

Умедам  мис нагард°, зар бидоз°,
Баҳои зар ҳамеша сарфароз°.

Ирода бар ту орад роҳнамо°,
Агар мехоҳ° боли чу моҳ°.

Накун асло хаёле сустирода,
Вагарна мешав° з-ин роҳ пиёда.

Ба парвозад ирода роҳкушоят,
Бикун парвози болад ҳар куїоят.

Ба сустии қобилият асло наист ҳеї,
Ки роҳи илму ирфон печ дар печ.

Кушо з-ин роҳи ирфон печ аз тоб,
Зи ҳар достонмуаммо зи ҳар боб.

Зи парвозад, накун андеша асло,
Чу анқо болу пар ёзон қанотат.

Модар ёрии болу қанотат,
Кушода ҳар куїо роҳи ҳаётат.

Писар шодам, ки ин нукта зи ман пеш,
Навишт, Ором, насиҳат аз дили хеш.
10.01.1965

## ЛАМЪАЕ АЗ САРГУЗАШТ

Табиъат! Бар ҷаҳон чашмам гушудӣ,
Ба ҳар манзарчаман рафтам, сутудӣ.

Зидаврони їаҳон ҳиїрон°намуд°,
Суруру боз ба бӯ шодам намуд°.

Тааъд° зулмати боен дидам,
Гувоҳам, қозиву эшон дидам.

Даҳ рӯзи зулмати ҳайрон гаштам,
Шароби гӯшнагиҳоро чашидам.

Ятимам сохтӣ дар аҳди ғунча(а)м,
Рамақ дар ҷонаму дармонда авҷам.

Замоне қӯрбошӣ – хунхори золим,
Сагони деҳрави жандарму ҳоким.

Шаҳид кардан(д) дадои меҳрубонам,
Шафиқу раҳнамою пуштбонам.

Ғам андохт° ба сар дар синни нӯҳам,
Баровард зи дил афғону нола(а)м.

Машаққатҳо кашидам соли бисёр,
Гурусна, танбараҳна, ҳам тани зор...

Ҷафокаш мардумон озод чу булбул,
Бичида аз чаманҳо лолаву гул.

Ҳама занїиру зулмат пора карда,
Ба сар озодии халқ їор° карда.

Кушода мактабу ирфон ба ҳар їо,
Баҳри савоб харид боғу чаманҳо.

Ватан озод, чаман обод намуда.
Зи бун зулму ситам барбод намуда.

Їафокаш мардумон озод чу булбул,
Печида аз чаманзор лолаву гул.

Манам чун аввалин парвона гаштам,
Ба васфи ин чаман тарона бастам.

Чу булбул накҳати гулро шамидам,
Чу гул аз гулшани ирфон расидам.

Зи илму маърифат гаштам сарафроз,
Мурғи дили паррехтаам  шуд ба парвоз.

Дар ин зебо дабистони диёрам,
Шукуфта ғунчаи қалби баҳорам.

Шудам ман ҳамчунон боғбони гулшан,
Шабистони чаманро карда равшан.

Зи ҳар бӯ ҳар ранг гул ниҳодам,
Шаробу мушки анбар кушодам.

Кушода рангбаранг гулҳои ғунча,
Хуммори наргису чашмони нимча.

Дамида ғунчаҳо ҳар сӯ намоён,
Ба гулзори дабистон гашта шоён.

Зи ҳар гулғунчае шабнам чакида,
Аз он ҳар субҳ булбулҳо макида.

Ғазалхон булбулон дар субҳи гулҳо,
Ба ҷоми мушки гулҳо бурда нӯлҳо.

Камар бар хидмати гулҳо бубаста,
Ба шоху навдаи гулҳо нишаста.

Чу посбони гулу гулзори ҳар гул,
Ба гулзори гулистон гашта булбул.

Шудам ман булбули боғи дабистон,
Сарафрозӣ намуда дар гулистон.

Ба ҳар сӯ базри ирфон коштам ман,
Аз он дурру гуҳар бардоштам ман.

Чу сайде саҳни ирфон дом кардам,
Ба дон мурғони ваҳшӣ ром кардам.

Аз он мурғон шудан(д) гӯё чу булбул,
Шудан(д) мастона бар ҳар тори сунбул.

Танин андохт бар ин гулшани гул,
Навои ишқи гул аз қалби булбул.

Гулу булбул дар ин бӯстони дилшод,
Зи ирфон бар чаман оварда иршод.

Дигар ман аз дабистоне ба гулзор,
Гузашта, пар задам чун булбули зор.

Шуда булбулсифат дар ин чаманзор,
Бино кардам сарое ҳамчу меъмор.

Дар ин гулзори боғам лона сохтам,
Барои ҷӯҷаҳо ҳар сӯ битохтам.

Кунун он ҷӯҷаҳо дар боғи ирфон,
Ғазалхон гашта дар боғи дабистон.

Ду товус доштам, аз боғам рабуданд,
Ба дил чун доғу армонам фузуданд.

Дар он ошён ба ҷуз он ҳар ду товус,
Будан(д) се булбули шайдои маънус.

Яке шуд марҳаму дармони ҳар гул,
Шифобахше ба доғи зазми булбул.

Табиби гулшани ирфони ушшоқ,
Шафиқу меҳрубону ёри муштоқ.

Яке шуд булбули гӯёи гулшан,
Дили мурғони гулшан карда равшан.

Яке шуд дар чаманошёна пайванд,
Ба ҳар як булбулу гул гашта дилбанд.

Чу ин се булбули парварда созам,
Дар ин бӯстони ирфон дилнавозам.

Аз ин рӯ, ман сарафрозам ва фирӯз,

Ки дорам ин ҳама фарзанди дилсӯз.

Кунунам булбули пире барафтод,
Расида синну соли ман ба ҳафтод.

Кунунам ман чунин дар масканам зор,
Мадорам нест, тан гардида бемор.

Куҷо он булбули гӯёи гулшан,
Чароғи пурзиё, чун дида равшан?

Куҷо он булбули ошёнапайванд,
Ҳарими дарду ғам, дармону дилбанд?

Табиъат! Ҳамчунонам офаридӣ,
Ба пирӣ нотавонам офариди!

Намеуфтам ба ғам аз доғи ҳиҷрон,
Наям аз бори ғам ду чашм гирён.

Сарафрозу сарафрӯзам шабу рӯз,
Ҳама фарзанди ман олим, дилафрӯз.

Яке дар мамлакат Луқмони даврон,
Ба халқи мамлакат доруву дармон.

Шуда чун булбули гӯёи гулшан,
Дабистони табибон карда равшан.

Дигар илму адабомӯзи даврон,
Муаллим дар гурӯҳи навҷавонон.

Мураббӣ, мушфиқи авлоди наврас,
Камоли маърифатомӯзи ҳар кас.

Сухандон, андалеби боғи ирфон,
Қанот ёзонда, парвоз карда ҳар ён.

Яке фарзанди дилбандам бинокор,
Ба сохти иҷтимоъӣ соҳиби кор.

Ба номзад инжинер гашта дар ин кор,
Намуда сарварӣ, саркору сардор.

Ба авлодони наврас хонасоз аст,
Ба меҳнаткаш ҷавонон дилнавоз аст.

Биноҳои муаззам карда барпо,
Баҳодурии меҳнат карда барҷо.

Падар ман, гарчӣ аз ман дур фарзанд,
Вале тори муҳаббат дар дилам банд.

Аз ин бар қалби ман шодӣ физояд,
Ғаму андӯҳро аз ман рабояд...

Манам дар масканам танҳо шабу рӯз,
Нашуд бар ман касе дилдору дилсӯз.

Қалам, дафтар ба ман шуд гулшани роз,
Садоқат тори қалбам карда шероз.

Аз ин рӯ ман ҳамеша сарфарозам,
Гаҳе дар масканам фахрида нозам.

Садоқат, нури ирфон дар дилам пур,
Чаро, Ором, з-илҳому хирад дур?

22 декабри соли 1974

**Бар гул саломе**

Сабо аз ман бубар бар гул саломе,
Ки шояд аз ишқ гўядам паёме.

Ба рамз ояд зи хобам карда бедор,
Намояд рамзе як лаҳза дидор.

Димоғамро зи мушк бисозад муаттар,
Ҳамон гулчеҳраи симо суманбар.

Ба тори қалби ман нохун зи панїа,
Занад аз ишқи худ пур карда ганїа.

Гирифта дастам аз гардан бубандад,
Ба тори мушкини мўяш бихандад.

Аз ин рў булбули шайдо шавам ман,
Ба саҳни гулшан пайдо шавам ман.

Ба фармонаш чу анқо пар кушоям,
Наранїам аз їафояш ҳар куїоям.

Ҳаво дорам сабо чу боди гирдоб,
Басе гирён ду чашмам карда пуроб.

Ба ҳар сў тохтутоз карда давидам,
Парида бар сари кўяш расидам.

Нишастам бар сари остонаи гул,
Кашида нолаву афғони булбул.

Бигуфт эй бехабар мастона булбул,
Даруни парда пинҳон ғунчаи гул.

Бигуфтам ғунча дар парда ниҳонº,
Валекин дар қалби ман рамзи аёнº.

Бигуфт эй булҳавас аз ишқ чº нозº,
Зи ишқи ночизат бар гул чº созº.

Ба ў гуфтам, ки ишқамро бибозам,
Ба фармони гулам ҳар їо битозам.

Бигуфто рав, ба онïо ки гулзор,
Ҳама гулҳои зебо гир ба даст ор.

Варо гуфтам намехоҳам дигар гул,
Чº кор ояд ба ман лолачингул.

Бигуфто, эй норасида аз куïоº,
Дар ишқат сўхта нағма сароям.

Бигуфт, эй булбули дил чоку пора,
Ҳанўз наврастаи ишқат чºчора.

Бад ў гуфтам назан таънаву маломат,
Нарасадат вафо ïону тан ба давомат.

Бигуфт лаб мазан аз ишқ, ки хоме,
Шунав аз ишқи фасона субҳу шоме.

Бигуфтам сирри ишқатро биёмўз,
Ба тори ишқи асрорат дилам дўз.
Бигуфт, эй наврасида Маïнуни шайдо,
Куïо ёбам зи қалбат ишқе пайдо.

Бигуфтам, шавқи ишқам бар ту афзуд,
Кунам ғаввосº, гирам гавҳар аз рўд.

Бигуфто, пурхатар роҳи висолам,
Худам гулғунчаи сирри ниҳонам.

Бигуфтам, лутф намо бар ман кушо дар,
Зи шавқам чу кабўтарҳо кунам ïабр.

Бигуфт, гаҳ булбули аз ишқ саногў,
Макун қаллобии ишқ ҳар сў.

Даро саҳни чаман гулбодае нўш,
Либоси сайри маïнунº чаман пўш.

Дари васли гулу гулғунчаи ноз,
Талоши меҳнати шоистаи кор.

Дари ғунчаи висоли гул пур аз ранï,
Гарат инïо мекашº меёбº ин ганï.

Садоқат ширин кунбар  ишқи покат,
Мабодо гуҳарҳову їоҳу їалолат.

Саҳар хезу чу булбул нағмаҳо соз,
Наво созº навоят бар гул ҳамроз.

Ниҳолам гул бупаравар, эй дилам фирўз,
Наранїаз хори гул, пайванд шабу рўз.

Гули ғунча ниҳон дар ин ниҳолам,
Валекин машҳури гулҳои їаҳонам.

Шунав манзилгаҳам эй булбули зор,
Ҳазорон булбуланд дар нолаву зор.

Шунидам гуфтаҳоятро мани дилдор,
Гуле наёбº қалбам кардам иқрор.

Наям ман хайли он аҳли ҳамоқат,
Шуда булбул шуда бар гул кунам садоқат.

Ба назди гул їамолам коза созам,
Ба ҳифзи сарвинозам чора созам.

Наяфтад боди сармобар сари гул,
Бипечам бар сараш сад тори сунбул.

Гаҳе созам наво чун андалебон,
Шунида пар занад кабки биёбон.

Гулам ояд ба сар печида сунбул,
Чу булбул пар занам бар шохи ин гул.

Гаҳе булбул шуда достон бихонам,
Аз ин ишқи гулам чиз яке донам.

Гаҳе хонам зи ишқ савти ҳазорон,
Ҳамеша гулшанам фасли баҳорон.

Нигоҳ созад ба ман гулғунчаи хандон,
Ҳамин, Ором, дилу дидам бубандад.
12.12.1965

**Маснавии гулу булбул**

Дар гулшане булбуле парвоз мекард,
Шикоят аз гулу аз хор мекард.

Таманнои рухи дилдор мекард,
Ҳаёти гулшани бехор мекард.

Бигуфт: яке гулғунча хуфта,
Зи бими зоғу бумҳо ношукуфта.

Ба ӯ гуфт, булбул эй бечора ғунча,
Шукуф! Чаро мемон$^{o}$ ғунча.

Ҳаменолид, ба булбул зор$^{o}$ мекард,
Ба сони маъшуқи дилпора мекард.

Ба ин айём расидам ғунчаи нор,
Асирам, дар раҳат ду чашми ман чор.

Дар ин бӯстон, ки ғунча мекушоям,
Садаф, дурҳои тӯморам кушоям.

Вале як зоғи шум дилбохта бар ман,
Ба гирди доми сайд афканда бар ман.

Ҳамехоҳад дарад пероҳанамро,
Барад аз ман ҳама мушк анбарамро.

Бинобар зору маҳзунам ҳамеша,
Ҳаменолам ба орзу норасида.

Ба ту содиқ гулам, ту булбули ман,
Набинад ғунчаю мушкам дигар тан.

Ту ошиқ булбул$^{o}$ чин ошиқат ман,
Қаноту боли он зоғони шум кан.

Гули наврастаи ғунча даҳонам,
Чу андар қалби худ ганїи ниҳонам.

Ту$^{o}$ бахту шараф боли ҳумоям,
Даруни субҳи ту ғунча кушоям.

Ҳамин паймон, ки дорам аз дили соф,
Қасам валло з-ӣону дил кун инсоф.

Бад ин гуфтори гул, булбул наво кард,
Нишаст, аз дил кашид як оҳи пурдард.

Бигуфто: Дар раҳат чобуксаворам,
Ба мушку ғунчаат ӣон месупорам.

Қасам билло, ба зоғон душманам ман,
Пару боли ҳамон зоғ меканам ман.

Гирифтам ман туро, дар ҳифзам имрӯз,
Ба посбониат мебошам шабу рӯз.

Намемонам, ки зоғон пар занад, пар,
Ту шамъи ман,  ба гирди ту самандар.

Наям булбул кунун як лочинам ман,
З-ч чанголи дили зоғ меддарам ман.

Намемонам дар ин гулшан, ки зоғон,
Дарад гул пероҳан аз боғу бӯстон.

Бигуфт, эй нозанин, маҳбубаи ман,
Тасаддуқ бар висолат ӣону ин тан.

Куӣо роҳ ёбад инӣо зоғу калзоғ,
Ба гул дорад ватан дар дил сияҳ доғ.

Кунун эй ғунча ман ҳар субҳу ҳар шом,
Ба субҳи содиқат посбону худ дом.

Манам булбул з-шавқу мушкат,
Хиромон доимам дар пешу пуштат.

Гирифт теғи ҳарб,кунӣи миёнаш,
Ҳамезад бар нишон тир аз камонаш.

Чаманро аз садоҳо пурнаво кард,
Дили гулғунчаашро пурҳаво кард.

Баногоҳ пар-паи зоғи сиёҳ шуд,
Чу дида андалеро дар ҳаво шуд.

Бигуфт булбул, ки эй зоғи ситамгар,
Ч° дор° дар дилат мақсад дар он сар.

Парида зад ба рӯи зоғ як дум,
Каловид зоғ вале ақлаш накард гум.

Ҳамезад чусту чолок булбули чуст,
Сиёҳ° зад ба чашми зоғ шуда суст.

Биафтод аз ҳаво зоғ дар замин шуд,
Гурехта ланг-лангон дар камин шуд.

Чу булбул ғолибона пеши гул тохт,
Муҳаббат ба гули ғунча ҳамебохт.

Ба васфи ғунчааш нағмасаро шуд,
Дилаш аз шодии ишқ пурнаво шуд.

Гаҳе бар пой ғунча саїда мекард.
Гаҳе саршор рухаш аз Даїла мекард.

Гаҳе пар мефишонд ҳамчун кабӯтар,
Ба гирдаш чарх зада,їар менамуд їар.

Гаҳе чун кабки дар° қаҳ-қаҳ намуда,
Ба завқи ҳусни гул ханда намуда.

Гаҳе ҳушёр, гаҳе мадҳуш мебуд,
Дилаш дар ишқи гул пурїўш мебуд.

Худашро менамуд парвонаи гул,
Гулоб бар рухи гулпошида аз нул.

Ҳамекард дар гулистон парфишон°,
Намонд дар гулшанаш аз зоғ нишон°.

Фараҳдил, зи по раққос° мекард,
Ба завқи субҳи гул дилшод° мекард.

Қариб° аз нишони субҳи гул ёфт,
Валек чархи фалак субҳи дигар тофт.

Яке дар камингоҳ зоғу бумҳо,

Ба тадбир менамуданд машваратҳо.

Ҳама гуфтанд, ки як тан мешавем мо,
Ҳуїум меоварем ба булбул, аммо

Чᵒ сон ҳамла намоем рўз ё шабе,
Ҳама дар маслиҳат гуфтанд ҳамин табе.

Бигуфтанд, чун ҳама ҳозир шавед шаб,
Шабохун мезанем мо дар ҳамин шаб.

Яке корд, тешаю табар ба даст кард,
Дигар гурзу сипар, қалқон ба сар кард.

Равон гаштанд ба сўи булбули зор,
Ба манзилгоҳи булбул омада чор.

Пайи зоғон шунид, булбул наво кард,
Парид аз масканаш рў бар ҳаво кард.

Гирифтанд чор тараф зоғони айёр,
Кашокаш менамуд бо дасту минқор.

Биафтонданд, заданд беҳол карданд,
Бо корду найза пўсташ медариданд.

Ҳамеканд парру болу булбулони маст,
Сару рўяш ба хун оғўшта мегашт.

Ба қасди куштанаш омода гаштанд,
Ҳаросон чаппу росташ менигаштанд.

Баногоҳ шарпаи як мурғ шуниданд,
Рамиданд, аз сари булбул давиданд.

Паридаад зоғони шум ҳарсў шабистон,
Паноҳ бурданд дар биёбону чўлистон.

Биёмад мурғи бахт сояфикан шуд,
Бидид булбул чунон мадҳуши ҳол буд.

Зи минқораш ба ҳалқаш об чаконд,
Чу медид захму хун ҳайрон мемонд.

Нишаст мурғи Ҳумо дар назди булбул,
Ҳаменолид сару сина лабу нул.

Ба парру боли худ хун аз їабин шуст,
Ҳаменолиду мебурддаст ба пушт.

Қанот ёзонд, булбул дар рамақ їон,
Бидида мурғ саволаш дод бад ин сон.

Бигуфт баҳри чº ин оҳу нола,
Ки хуншорº бадон дорº чу лола?

Намезад лаб чу мегуфт, “ғунча” беҳуш,
Ба сони мурчагон мешуд мадҳуш.

Ҳазин менолиду “ғунча” ҳамегуфт,
Зи минқори лабаш дурдона месуфт.

Ба нулаш оби гул оварда медод,
Кушод чашму зи минқораш нидо дод.

Салом, раҳмат азизам, меҳрубонам,
Зи дасти зоғи шум додº амонам.

Дар ин гулшан ҳамегаштам шабу рӯз,
Чу дидам як гули ғунча їигарсӯз.

Худаш ғунча з-гул лаб нашкуфта,
Ба дин сон ношукуфта дурр насуфта.

Ки он зоғ бар сараш ҳамла намояд,
Садафҳо аз рухаш торої намояд.

Задам он зоғи шумро ман аз гулшан,
Пару болаш ба нулам кандам аз тан.

Гурехт аз ман паноҳ бурд, дар камингоҳ,
Ҳуїум овард баногоҳ дар саҳаргоҳ.

Чу мебинº дар ин ҳолат манам-ман,
Маро бардору ба назди гул афкан.

Ҳамин гуфт нуктаҳо мадҳуш мемонд,
Дигар дармони гуфтораш намемонд.

Гирифта нўш ба булбул дона печид,
Ба ҳар ïо захми корду найза медид.

Бибур бар масканаш таббоҳ° мекард,
Ба заму зарбаҳо ïароҳ° мекард.

Сиҳат аз бистари бемориаш ёфт,
Шитобон баҳри ғунча  гулшан тохт.

Расид дар гулшанаш булбул ба ногоҳ,
Бидид якбора, ки ғунча кушода.

Яке фиғон кашид булбул з-ҳуш рафт,
Шабу рўз ҳафтаҳо мадҳуш мехуфт.

Ба ҳуш омад бидид ғунча кушода,
Кашид оҳу фиғоне дод гуфта.

Дигар омад ба ҳуш булбул, гуфт эй гул,
Ч° кард° ин ч° шуд, гулғунчаат гул.

Чаро он ғунчаат ин субҳ надидам,
Барат пероҳани дилро даридам.

Чаро он ғунчаро бишкуфта дидам,
Шукуфтани ғунчаатро ман надидам.

К° бўид аз гулат ғунча кушод°,
Чаро маро фиребу алда долд°?

Нагуфт° ғунчаи субҳи гулам ман,
Фақат ин ғунчаи субҳи туам ман.

Кадомин субҳи зоғон рафта буд°,
Садаф аз ғунчаҳоят тўда шуд°?

Кадомин бурд ба торої ғунчаатро,
Кашидам сад дучанд ранїи рухатро.

Маро маҳрум намуд°, лоф каззоф,
Гуле несту чунин як лолаи соф.

Бо сеҳру ïодуят тасхир намуд°,

Ту гул не, ғунчаам гумном намуд$^{o}$.

Замира – 1971 – маълумоти ол°, омўзгор

**Фарзандон:**

Зарнигор – 1993
Їаҳонгир –1996
Заррина - 1999

**Оилаи Гавҳари Ҳанифаи Исомиддин:**

Гавҳар – 1969
Мадаюб – 1966

**Фарзандон:**

Садоқат – 1991
Їасур – 1993
Сурайё – 1995

**Оилаи Шаҳлои Ҳанифаи Исомиддин:**

Шаҳло – 1971
Абдуїаббор – 1971

**Фарзандон:**

Абдумаїид – 1994
Абдуқодир – 1992
Дилдора – 1999
Дилмира – 2005
Асадбек – 2011

**Оилаи Бунафшаи Ҳанифаи Исомиддин:**

Бунафша – 1973
Ихтиёр – 1970

**Фарзандон:**

Алишер – 1994
Моҳбегим – 1997
Ҳикматулло – 2009

**Оилаи Гулнози Ҳанифаи Исомиддин:**

Гулноз – 1978
Алишер – 1975

**Фарзандон:**

Баҳодур – 1996
Шерзод – 1999
Шоҳрух – 2002

**Оилаи Гулрўи Ҳанифаи Исомиддин:**

Гулрў – 1980
Саҳобиддин – 1978

**Фарзандон:**

Нигора – 2001
Лобар – 2003
Сарвар – 2010

**Оилаи Парвизи Ҳанифаи Исомиддин:**

Парвиз – 1983
Дилрабо – 1986

**Фарзандон:**

Шукрона – 2008
Анўшервон – 2011

## Оилаи фарзандони Тоҳирїон:

**Оилаи Шоҳини Тоҳирїони Исомиддин:**

Шоҳин – 1972
Гулбибº– 1975

**Фарзандон:**

Шоҳрух – 1995
Шоҳзода – 1998
Шабнам – 2003
Исомиддин – 2014

**Оилаи Муқаддаси Тоҳирїони Исомиддин:**

Муқаддас – 1974
Муҳаммад – 1971

**Фарзандон:**

Меҳрангез – 1995
Меърож – 1997
Мадина – 2004
Марям - 2014

**Оилаи  Наврўзи Тоҳирїони Исомиддин:**

Наврўз – 1977–маълумоти олº, иқтисодчº
Саёҳат – 1981

**Фарзандон:**

Некбахт – 2001
Некдил – 2004
Нурангез – 2016

**Оилаи Беҳрӯзи  Тоҳирӣони Исомиддин:**

Беҳрӯз – 1979
Малоҳат – 1984

**Фарзандон:**

Масрура 2004
Доро - 2007
Зарвон –  2013

**Оилаи Райҳонаи Тоҳирӣони Исомиддин:**

Райҳона – 1981
Авесто – 1977

**Фарзандон:**

Мӯъбина – 2000
Анӯш – 2004
Куруш –  2012

**Оилаи якуми Беҳзоди Тоҳирӣони  Исомиддин:**

Беҳзод – 1984 – номзади фанҳои филолг$^{о}$
Ситора – 1991

**Фарзандон:**

Нисо –  2009
Парисо –  2013

**Оилаи дуюми Беҳзоди Тоҳирӣони Исомиддин:**

Беҳзод – номзади фанҳои филолг$^{о}$
Фарзона – 1995

**Фарзанд:**

Париваш –  2014

**Оилаи Маликаи Тоҳирїони Исомиддин:**

Малика – 1986
Худойберган – 1985

**Фарзандон:**

Сафина – 2006
Бибиойиша – 2009
Бибифотима – 2013

# Насли чорум:

**Оилаи Нигораи Шавкати Ҳалимаи Исомиддин:**

Нигора– 1978 – маълумоти олº, омўзгор
Масаид – 1975

**Фарзандон:**

Санїар – 1996
Сардор – 2004
Зикруллоҳ – 2014

**Оилаи Зебои Шавкати Ҳалимаи Исомиддин:**

Зебо – 1984
Абдуваҳҳоб – 1979

**Фарзандон:**

Достонбек –2002
Билол –2008
Алº – 2010
Юсуф – 2015

**Оилаи Їамилаи Ҳалимаи Исомиддин:**

Парвин – 1979–маълумоти олº, омўзгор
Нигина – 1979

**Фарзандон:**

Фарзонбек – 1999
Нафиса – 2001
Насибулло – 2006
Абдуфаттоҳ – 2008

**Оилаи Некрӯзи Замираи Ҳалимаи Исомиддин:**

Некрӯз – 1981
Ҳилола -1981

**Фарзандон:**

Сеҳрангез – 2003
Зарангез – 2005
Самия – 2009
Матин– 2013

**Оилаи Сӯҳроби Замираи Ҳалимаи Исомиддин:**

Сӯҳроб – 1985
Дилдора – 1988

**Фарзандон:**

Шукруллоҳ – 2008
Меҳрона – 2010
Солеҳа – 2014

**Оилаи Ситораи Їамилаи Ҳалимаи Исомиддин:**

Ситора – 1987 – маълумоти ол°, омӯзгор
Фаррух – 1983

**Фарзандон:**

Сардор – 2009
Азиза – 2012

**Оилаи Фотимаи Замираи Ҳалимаи Исомиддин:**

Фотима – 1987
Абдураҳим – 1984

**Фарзандон:**

Абдукабир – 2013
Абдусабур –2014

**Оилаи Фарзонаи Їамилаи Ҳалимаи Исомиддин::**

Фарзона –1993
Достон – 1990

**Фарзандон:**

Сафия – 2012
Имрон -2015

**Оилаи Манучеҳри ЗамираиҲалимаи Исомиддин:**

Манучеҳр –1990
Ҳилола – 1995

**Фарзандон:**

Мўҳсин –2013
Мўъбина – 2014

**Оилаи Рухангези Замираи Ҳалимаи Исомиддин:**

Рухангез –1994
Рухшона –1993

**Фарзанд:**

Ясмина –2015

**Оилаи Фарангиси Шўҳрати Ҳалимаи Исомиддин:**

Фарангис –1989
Ҳусейн –1991

**Фарзандон:**

Меҳримоҳ – 2013
Фузайл – 2015

**Оилаи Хусрави Шўҳрати Ҳалимаи Исомиддин:**

Хусрав – 1990
Марїона – 1995

**Фарзанд**:

Сумайя –2016

**Оилаи Меҳрангези Муҳаммади Ҳалимаи Исомиддин:**

Меҳрангез –1996
Диёр – 1993

**Фарзанд:**

Нурали – 2015

**Оилаи Лайлои Дилшоди Ҳалимаи Исомиддин:**

Лайло – 1997
Хусрав – 1990

**Оилаи Садоқати Ҳанифаи Исомиддин**

Садоқат –1991
Раҳмоналº – 1989

**Фарзандон:**

Еқубалº – 2012
Аҳмадалº – 2014

Сурайё – 1995
Шўҳрат – 1990

**Фарзанд:**

Шоҳїаҳон – 2015

**Оилаи Абдумаїиди Шаҳлои Ҳанифаи Исомиддин**

Абдумаїид –1992

Кимё – 1994
Фарзанд:
Самандар – 2015

**Оилаи Абдуқодири Шаҳлои  Ҳанифаи Исомиддин:**

Абдуқодир – 1994
Ситора – 1996

**Оилаи Зарнигори Фирӯзи Ҳанифаи Исомиддин.:**

Зарнигор – 1992
Эгамбердº – 1989

**Фарзандон:**

Ширин – 2012
Рухшона – 2014

**Оилаи Алишери Бунафшаи Ҳанифаи Исомиддин**

Алишер – 1994
Гулноза – 1995

Фарзанд :
Зафар – 2016

**Оилаи Мӯнисаи Дурдонаи Фарҳоди Исомиддин:**

Мӯниса – 1997
Абдугафор-1992

# Намунаҳо аз эъїодиёти фарзандони шоир

## Анвари Исомиддин

**Анвари Исомиддин соли 1941 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашти вилояти ҳозираи Суғд дар оилаи марди аҳли зиё, шоир Ороми Понғозº ба дунё омадааст.**

**Духтур-равоншиноси тойифаи олº, доктори фанҳои тиб, доктори фалсафа ва алтернативии тиббии колледїи Зардуштшиносии шаҳри Бомбейи Ҳиндустон. Профессори кафедраи Табобати Шарқи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоїикистон, ба номи Абў Алº ибни Сино.**

**Муаллифи зиёда аз 300 мақола, монография, ва китобҳои илмº-маърифº. Муаллифи зиёда 140 корҳои илмº ва китобҳо аст.**

**Китобҳои оригиналº ва кашфиётиҳои зерин ба қалами ў мансубанд:**

**1. Гипноз и медицина (1976), 2. Сон и сновидения (1978),**

**3. Здоровье человека (1984), 4. Пределы наших возможностей (1987), 5. Феномен на лечителна доктор Анвар Исомиддин – бо забони булғорº нашр шудааст (1991), 6. Справочник по лечебной физкультуре (1991), 7. Чжень-Цзю Иглотерапия (1996), 8. Гипноз и психотерапия (1997), 9. Биоэнерготерапия (2009). Китоби зери рақами 9 зикршудаи муаллиф дар соҳаи тибби їаҳонº бо хусусиятҳои ба худ хоси худ ва навгониҳои соҳаи тибби муосир, ки таїрибаи хоси сисолаи муаллифро дарбар мегирад, дар соҳаи тибби замонавº беқиёс аст.**

**Доктор Анвари Исомиддин ў бо баромадҳои психотерапевтии умумии худ на танҳо дар Тоїикистон балки дар дигар кишвару мамлакатҳо низ машҳур аст, аз їумла: Дар Қазоқистон, Ўзбекистон, Югославия (Белград, Ниш), Булғория (Варна, Шумен, Толбухин, Велико-Тирново, София), Ҳиндусон (Бомбей) 1989-1996.**

**Доктор Анвари Исомидин асарҳои худро бо забони русº эъїод кардааст, лекин бо забони тоїикº дубайтиҳо, қитъаҳо ва маснавию достонҳо офаридааст. Дар зер намунаҳои онҳоро ба ҳукми хонандагон ҳавола мекунем.**

# Достони сухан

Қалам гуфто, ки ман шоҳи чахонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.
*(мақоли халқӣ)*

Сухан зодаи сеҳру вакили замин, дар осмон,
Оинаест сухан, ки дар он акси тамоми кайҳон.
Сухан пардаи ҷодуи ноаёну оҳанги равон,
Аз худо мӯҷизаест, сухани инсон, чу нишон.
Ки мебарад одамро ба сирру асрори замон,
Мекунем ифода, бо сухан ҳазор замону макон.
Ки он калиди ангезиши рангоранги ин ду чаҳон,
Буд роҳи ақлу фаросат дар ҳама давру замон.
Сухан сояи дунё, дар хар забону ҳар макон,
Сеҳри сухан дар рӯи қогаз чун мӯрча давон.
Дар фазо оҳанги дили падару модари равон,
Гардад мутаҳид сухан филро кунад нотавон.
Дар дин сухан дуоест, ки фарояд аз сӯи Худо,
Асоест дар дасти Яздон бо шакли оҳангу нидо.
Дар тиб сеҳри сухан унсурҳо медорад ҷо ба ҷо,
То нагардад ягона ҷисм пароканда ва ҷудо.

2

Бе сухан ҷисм шохест бегулу дарахти фано.
Сухан қудратест хуфта дар ҳар як овозу нидо,
Дар як порчаи сухан мекунем ифода ҷону, ҳиҷо.
Сухан ниҳон аст чун сипеҳру тиру ҳам камон,
Бинед, яке суханро чун сипеҳр ба кор мебарад.
Дигаре, чу камон бо қасди ҷони касе мекашад,
Сеюмин чун тур, ба сайду шикори дӯсте мебарад.
Сухан зодаи алку ғуломи чор хоҷаи тан бувад,
Решаи он дар макони забону дилу ақл бувад.
Сухани забонӣ нишонаи ҳиллаю найранг бувад,
Вакили ақлу нияти зериманишии инсон бувад.
Сухани меҳрдор аз гирдбоди ҳису ҷону дил бувад,
Сафири эҳсосу нияти дили пурошӯби Худо бувад.
Сухани сеҳрнок аз ҳикмати кайҳонӣ беохир бувад,
Дарахти сеҳрнок самари кишти инсонӣ бувад.
Чор унсури фариштагон аз дунёи ҷовид бувад,
Ҳар унсур кишварест, ки пора аз он дон бувад.
Дар он ҳам шоҳу ҳам вазиру ҳам чаллод буванд,
Чор унсур муттаҳид дар ҷисми инсон ҷон буванд.

3

Сеҳри сухан нишонаи рӯҳу нафаси ҷон аст,
Чун чор тори рубоби сеҳре аз кайҳон аст.
Навозандаи рубоби ақл сирре аз одам аст.
Сухан аз кишвари об оташи маризӣ хомӯш мекунад,
Фикри шайтонию тарсу ваҳмро аз сар дур мекунад.
Сухани бодӣ ҷисмро сокиту ғамро аз дил сур мекунад,
Чун бод сухан ҷисмро аз дард озоду сабук мекунад.
Замини сухан одамро орому ботамкин мекунад,
Қувваи ҷозибааш дӯстонро ҳамкор мекунад.
Сухан аз қаҳри оташ мулкҳо вайрон мекунад,
Гавҳари ноёб дар биёбони тарсу ваҳм сухан шавад,
Ба қогази сапед афтад, китоб аз пайамбар шавад.
Ба табиб дар роҳи саломатӣ ,сухан Сино шавад
Барои нобино ду чашми уқоби бино шавад.
Ба гуши маризи фалач расад вай бар по шавад
Ҳарфҳои сухан гашта як дафтари достон шавад,
Аз дафтар ба дили куӯдак расида чун Симурғ шавад.
Ба парвоз шуда, ба сӯи кайххон раҳсипор шавағ,
Гар ба коғази сапед сухан афтад китоб шавад.

4

Сухан гавхари ноёб дар биёбони инсон шавад,
Дар роҳи саломатº табиби їону Сино шавад.
Гар нобино сухани хирад бишнавад бино шавад,
Бар ба гўши шахси фалаї расад бар по шавад,
Чун харфҳо муттаҳид, дар китоб достон шавад.
Гардад Симурғу ба сўи каторкўҳи Қоф равад,
Шоир шеърро чу дастаи гул аз сухан созад,
Сухан бо ў чун шере дар майдон бозад.
Шир шеър аст дар хиёбони ҳаёти замон,
Шир об аст бар тифл дар батни модари їон,
Тифл шеър аст дар вирди ҳар як забон.
Шир шеър аст дар асрори олами зиндаи їаҳон.
Шир бошад шеър парад чу Анвар ба осмон,
Шеър камону тирдон аст, шир тир дар он.
Тир парад бо меҳри сухан сўи осмон,
Бо сеҳри шир сухан гашт,шеър гашт макон.

5

Шир модар аст, шеър фарзанд, ин яқин,
Шеър зодаи равонии инсон дар замин.
Дар даҳони авлиё шир шеър гардад,
Шоир шеър асту шири ў салом гардад.
Гар қатрае аз шир резад бар сияҳ замин,

Бемисл гул барояд, дар боғи замин.
Е чун шеъре чаҳад аз ïангали хирад, камин,
Барояд оҳе чун тундур аз қаьри замин.
Қатрае гар бар сари мўрча чакад аз он,
Гардад бузург чун филу хам паҳлавон.
Чун сафедии ин шир бар сари инсон расад,
Пайдо яке аз он пайгомбарон шавад.
Шери бешаи ноайони инсон сухан аст,
Шири модари ïовиду шери инсон сухан аст.
Шер подшоҳи бешаю сухан малики одам,
Дар решаи ақл сухан шеър аз шири одам.
Шир дар даҳони инсон хирад аз шеър аст,
Ба одам шеър дар диёри хирад шири фалак аст,
Шири калом одамро сарболо ба малак аст.

6

Мон° донаи сухан зери забон, ба ҳикмат барад,
Сухан кишт ба саҳрои ïисм кун° ба боғи хоҳиш барад.
Ба дили сапеди дил кишт кун° ба виïдон барад,
Як донаи сухан зи лонаи фикр аз зери дор барад.
Ïўяндаи ҳикматро равон ба кайҳони хирад барад,
Ҳикмати сухан доноро ба кайҳони асрор барад.
Дониш модари сухан фарзанди сеҳр зодаи вай,
Харфу ïумлаю калима дар сухан ïодаи вай.
Гарчи ҳаст ҳазорҳо хирадманд дар роҳи рўзгор,
Ҳаёт ба онҳо сухан мисли шоҳ ҳаст омўзгор.
Қисса чун аст сухан, зодаи тафаккуру фикр,
Лаïом зад атомро бо қувваи ноаёни асбоби зикр.
Сухан инсонро кунад муттаҳиду шайтонро ҳайрон,
Намонад, то ки бахти хуши одам шавад вайрон.

8

Сухан зодаи кулбаи фикри одами ночиз,
Дар байт ширро мекунад бо шеър ҳофиз.
Сухан дар торикии зикр ҳаст бебаҳо ïило,
Дар андешаи фикр сухан алмосест мутлақ бурро.
Зодаи фикр сухан пайдо созад асбобро,
Мешканад нестию лаïом занад атомро,
Мешавад қаноту пар фазоро мекунад ҳайрон,
Гар нагўяд сухан онро гўем махлуқу ҳайвон.
Сухан ба воя расад одам сарболо шавад,
Сухан калиди ҳама сирру асрори малак,
Дар роҳи нек сухан одамро кунад фалак.

Донае бигир аз сухан зери забон   дор,
Донаи дигар кишт кун дар  дили нор.
Саввум дона ба лонаи фикр дар охири кор,
То расад қомати хирадат  ба сирру асрор.
Сухан чун донаи ақл дар майна реша гирад,
Солҳо бигзарад то сухан дар дил їой гирад.
Ҳаст сухангўе, ки чун норасида чормағзи пуч,
Ҳикматїўй  аст зодаи сухан чун мағзи луч.

9

Хонаи сухан  майна  аст,  онро тоза  нигаҳ дор
Вай аст кишвари ақлу   дониши  бўстони гулзор.
Намон, ки ба он їо  чангу хоки гумон резад,
Аз андешаи он туфони кайҳон хезад.
Самар аз ҳикмати сухан на ҳама гирад,
Гар одам шоҳи сухан аст, ҳеї дигар намирад.
Сухан ба осмон равад дар дилҳо нависанд,
Гар ба замин равад болои  сангаш нависанд.
Як сухан садҳо ҳазор одамро дўсту накў кунад,
Дигаре  мардумро бо якдигар душман кунад.
Сухандонро  шоир ва ё пайғамбар гўянд,
Суханчинро сароянда ва ё хабарбар  гўянд.
Чун сухан шеър аст, онро ширину  шир гўед,
Гар  дар гулбоғи инсон шеъру сухан оҳиста гўед.
Сухан оташпораест аз домани беохир їаҳон,
Дар дасти инсон  ҳам сипеҳру тиру камон.
Сухан сафири рониву ҳикмати дарвозабон,
Ҳам ғуломи одаму ҳам дарси хиради достон.

10

Дар истгохи аввал  сухан  меояд чун садо,
Ба сўи инсон меояд чун  овозу нидо.
Аз сухани мулло меояд бўи Шариат,
Сухани авлиё гўяд нишоне аз Тарикат.
Табиб суханро  чун дору дар камар оварад,
Шоир онро  дар дили худ чун самар оварад.
Сухан заҳру хам позаҳру  ҳам дармон,
Мекунад  ҳам ободу ҳам вайрон макон.
Сухан дар майнаи инсон  лона мегирад,
Фикри солим ҳам  дар он хона мегирад.
Деҳкони сухан донаи ақл аз реша мегирад,
Одам аз нав хурраму бо худ їон мегирад.
Сеҳри сухан хам шеър асту ҳам калиди дилҳо,
Ҳам сайқалдиҳандаи  ақлу ҳикмати дилҳо.

11

Аз забони шоир сухан чун булбул парад,
Сеҳр чун шер ба бешаи дилҳо расад.
Дар дасти сеҳргар сухан кимё мешавад,
Чун чӯбе, ки дар дасти Мӯсо аждар мешавад.
Шеър тифл аст, дар биёбони ноайёни равон,
Тифл шер аст дар вирди ҳар як забон.
Шеър оташпораест аз їангали сухан парад,
Нурест, ки аз гулхани сухан ба одам расад.
Чун табобат аз даҳони Исо шавад,
Аз табиб їон ба їисми нотоб шавад.
Чун донаи гандум ки дар шиками замин равад,
Гашта сабза чун дору ба дармон равад.
Сухан пироҳани ҳафтранг бар бисоти инсон
Калидест, ки кушояд ҳама куфлҳои замон.

9

Забон шуда восита дар сухани кордон,
Сухан чун донаи ақл кард одамро ҳайрон.
Гирифта макон дар дилу решаи забон,
Ифода кард сири пушидаи кайҳон ба инсон.
Дар мариз$^{о}$ сухан ба рӯҳ дору шавад,
Аз дуои сухан ранїи мариз дур шавад.
Ғам зи сеҳри сухан аз дили ранїур гум шавад,
Фикри равшан аз зарби он бедор шавад.
Куваи їимсу хоби ширин аз нав пайдо шавад,
Тору пуди солим$^{о}$ аз риштаи унсурҳо шавад.
Иллати норомии дилро сухан аз дил мебарад,
Шикасти ақлро хирад бо роҳат мебарад,
Калиди ҳар куфлро яздон ба одам додаст,
Қисмати беморро ба дасти табиб додааст.

12

Дарди їисм тарси їону ваҳмро бедор мекунад,
Ваҳми їон шайтонро аз хоб бедор мекунад.
Ҳарфҳо гар ба коғаз афтанд маън$^{о}$ зоянд,
Ба донишманд роҳи илоїу халос$^{о}$ гӯянд.
Гар садо дар майдони ақл бо боз$^{о}$ оянд,
Ҳарфу садо илоїро ба болову бо қувва оранд.
Сояи сухан ҳаст худою дар ин дунье ғояе.
Баҳр аст сухан, он низ дорад ду соҳиле,

13

Чун зиддият байни бародар Ҳобилу Қобиле.
Чеҳраи зебо дар руй зид бо зишт сояе,
Бархурад оби даре бар ҳарду соҳиле.
Зиддият шабро бо рўз ифода мекунад,
Дўстро душман дар ҳаёт ифода мекунад.
Дар табобат сухан тилисми сеҳраст,
Чу ноне, ки дар беша мисли шер аст.
Дар мариз° сабр либоси беҳтар аст,
Їамъбаст кунад табобат дар дида аст.

14

Одам мўъїиза аз хоки гўуянда аст,
Сухан дар он ғояи їўянда аст.
Ин хок бо дигар хокон машғул аст,
Сухан дар їисми одам  соҳир аст.
Хирад сеҳраст меҳмон аз кайҳон,
Ақл  аст дар шеър, дар биёбони равон.
Сухан гул орад чу чўбе гул аз бўстон.
Чу сухан омад ба забон дар он замон,
Дар як сухан  чамъ омад кулли кайҳон.
Хама донишу илму амалу меҳру хирад,
Дар он сухан  чу тоїе сари инсон гирад.
Сухан торест, ки гўяд савол аз номи їон,
 Сухан обест дар  чўи ҳаёти  инсон.
Гар сухан бо осмон бароядяздон фарояд,
Яқин, ки ҳама мўїизаҳоро ба замин фарорад.
Як сўзан чанд паҳловонро нобуд кунад,
Сўзани дигар одами мурдаро зинда кунад.

15

Ақлро  садову сухан забон кунад,
Сухан майнаи инсонро макон кунад.
Ақл ин тифли хираду  мазмуни сухан аст,
Ақл гўяд бо кадом роҳ рафтан рост аст.
Ақл хорзорро корзору  гулистон мекунад,
Мардро кордону паҳлавон мекунад.
То нагардад зишту вайрон ин замин,
Кай гардад бўстон  хоки  сияҳи ин замин.
Эй одам, фонуси ақли хешро дар сўз дор,
Тори їисму эҳсоси худро дар соз дор.
Дилро аз ҳирсу кинаю хашм тоза дор,
Косаи эҳсосро аз захри  їисмат берун дор.
Ақл посбони равони тану пайкар аст,
Соябони ақл тану їону дили инсон аст.

Ҳар яки онҳо посбони якдигаранд,
Дар хаёти инсон бо хам пайраванд.

## Яздон

Кард гузар деҳқони пурмехр дар кайҳон,
Басо хираю тира дид,ин беохир майдон.
Дар он ҳамегаштанд зеру забар ниҳон,
Яке аз дигар тарсу ваҳм доштанду гумон.
Об бо  оташ душман буду хурсанд  шайтон,
Ҳаво бо об гиря мекарданду дар азоб Раҳмон.
Бо андешаи дуре  дар фазову кайҳон  Яздон,
Дар фикри  сохтори  инсон дар кайҳон.
Донаҳои ақлу равон аз унсурҳо бигрифт,
Кашида ба риштаи ҳикматтасбеҳгирифт.
Чор чаманро бо хирад  ба ҳам дӯст  овард,
Чун панїум унсур вақтро ба сахнаи кайҳон овард.
Пайваста онҳоро бо ришати вақту фалак,
Аз паси ақрабаки вақт бо ракс овард малак.
Аз вақт умр баркашид ба ҳар як унсур дод,
Вақт дар ин саҳнаи  қисмат шуд рӯзи  зод.
Имрӯз, ки Яздон чархи худро дар кайҳон мересад,
Аждари вақт торҳои  давлату їони одам мелесад.
Саволе дар ин бора суду баркаш надорад,
Дар як даст їоми Хайёмуҳама бирақсад.
Бо дигар  даст  гирифта   дасти Їалол,
Накарда аз гузаштаю оянда  дигар  хаёл.
Бигиред дарси хикмаат аз умри Хайёму Їом°
Аз ин раксу мо бозии вакту фалак шавад роз°.
Унсури   нав панїум мӯїизае чун їон мегардад,
Рустан°  мӯїизаи дигаре  байни унсурҳо месабзад.
Рустан° аз меҳри унсурҳо бо ҳамдигар  месабзад,
Ақл аз меҳри рустан°  ба  унсурҳо їон мебахшад.
Чор унсур як чизи нав овард аз кайҳон,
Бигрифт чангол хоке аз замин Яздон.

# Рубоиҳо

Аз шир сер  фарбеҳу сурху нордон мешав°,
Бо шир хамроҳ шав° чун булбул гўё шав°.
Гар  осмон сеҳру  донишу  ҳикмат дихад,
Дар ҳаёти худ, хуб сеҳрангез мешав°.

***

Бо  баду зишт биншини яқин каїукилеб мешав°,
Ба шикорч° камону тиру туфанги сайд мешав°.
Гар ниҳон аз душман донаи  ақл биншон°,
Реша бигирию гули ҳикмати боғбон мешав°.

***

Аз ғайб, ту ба ман їисму їон аз нест° дод°,
Чашму гушу бин°,  ба чаҳони хаст° дод°.
Дар ин макону мақому пардаи ҳайрат,
Чи ақли кучаки ночиз аз  барои ч° дод°?

***

Пиёла дар даст доштам буд,дар он майи ноб,
Хамидам болои он бидидам, чеҳрае хоб,
Кушод чашму гуфт биё боз° кунем дар ин тоб,
Ман бо ту шаваму ту ба маншав°боб.

***

Чи мўїиза ин сару майнаи маконе,
К° мекунад ҳазор маън° аз он баёне.
Фасона мезояду аз гузашту ҳозиру пагоҳ замоне,
Бигунїонад бо худ ҳазор осмону замину їахоне.

***

Гирифтам пиёла  ба даст май аз он, ба ман гуфт:
Ман хўшае дар ангур будам пойе маро куфт.
Гуфтам ману ту имрўз бандаем бояд, бода хурд,
Гуфт мекунем муҳориба то кунем кайҳон суфт.













**Намунае чанд аз мулоқоти интернетии писарони шоир:**

Анвар: – Агар ман гӯям, ман Анвар, ту гӯ°, ҳа равшан,
Ч°їоду° ин Анвар, гар соли нав гӯям, ман.

Фарҳод: – Агар гӯед, ки ман Анвар, бигӯям дуруст аст,
Чунки, Фари Ҳод°, паси рӯшно° равон аст.

**Анвар:** – Фалак аз Фар ҳоли ӯ бишнав,
Ки Анвар аз қазо орзуе бишнав.

**Фарҳод:** –Фалак бо мо сару коре надорад,
Фақат аз аҳволи мо огоҳ° дорад.

**Анвар:** –Фалак калоба ва мо дар он риштаем,
Дар кайҳон чун тори анкабут гаштаем.

**Фарҳод:** –Чун анкабут дар сайди шикорем,
Лекин худ тӯмаи зоғон гаштаем.

**Анвар:** –Сайду сайёд дар як маконанд,
Бо риштаи вақт дар як замонанд.

**Фарҳод:** –Сайёд дар їӯстуїӯи сайд аст,
Лек ӯ худ гирифтори қайд аст.

**Анвар:** –Сайду қайд ин бофтаи хаёл аст,
Бозии кайҳону ин макон аст.

**Фарҳод:** –Қайд ин бофтаи хаёл нест,
Дар ин манзилу макон нест.

**Анвар:** –Қайд нуқтаест дар роҳи Каҳкашон,
Чун офтобе, ки меравад маҳкашон.

**Фарҳод:– Қайд адр фазои бекарон аст,**
**Ки офтобу маҳтаб он їо аст.**

**Анвар: – Мо ҳам дар ин дунё ва он дунё бандаем,**
**Дар зери назорати ситорагон мавзӯи хандаем.**

**Фарҳод: – Хоҳем, ки набошем боиси ханда,**
**Нашояд, ки кунем кори ганда.**

**Анвар: – К° донад, ки табиат назди ӯ монд,**
**Ё шайтоне, ё кайҳоне дар нази ӯ монд.**

**Фарҳод: – Агар бошем ба шайтон ёре,**
**Он вақт Раҳмон наояд боре.**

**Анвар: – Раҳмону шайтон дар китфону росту чапанд,**
**Ҳолоти ту аз онҳо дар дастони қисматанд.**

**Фарҳод: – Кироман котибин барҳақанд,**
**Ду роҳи мо ҳам қисматанд.**
**Лекин интихоби роҳҳо,**
**Ҳамчунин дар дасти бандаанд.**

**Анвар: – Бигӯй, ки к° хато накард, магар ӯ бо шайтон буд,**
**Бигӯй, ки к° ато накард магар бо Раҳмон буд.**
**Дар дасти ману ту аз азал тарозуи ақл аст,**
**Дар дили мо тарозуи хоҳишу эҳсос аст.**

**Фарҳод: – Гарчи тарозуи ақл дар дасти мост,**
**Зиёда ихтиёраш дар дасти шайтонҳост.**

**Анвар: – Дар дасти мо ҳаст ду тарозу,**
**Яке тарозуи ақл, дигар дил тарозу.**

**Фарҳод:– Кош тарозуи диламон кушод мебуд,**
**Кош тарозуи ақламон дароз мебуд.**

**Анвар: – Худатро бо ақли худ баҳо деҳ,**
**Худоро аз талабот раҳо деҳ.**
**Худо ба ту аз ҳама зиёд дод,**
**Боз ҳам ба ту Фарҳод ном дод.**

**Фарҳод: –Худамро худам, баҳо додам, кам додам,**
**Хостам Худо кунад, хатоям донистам.**

**Анвар: – Баҳо доимо тасаввур аст, хато аст,**
**Худо чанд рӯз умр дод, баҳо аст.**

**Фарҳод: – Надонам, ки Худо баҳрам чанд рӯз дода,**
**Надонам, ки тақдирамро бад, ё нек дода?**

**Анвар: – Қисмат се сарчашма дорад,**
**Рӯзшумор° фойида надорад.**
**Як рӯз дар дасти хирад ҳазор аст,**

**Ҳазор соли  бахти ношукр бекор аст.**

**Фарҳод: – Шукри он мекунам, ки ман солро хўрда,**
**Шукри он мекунам, на сол маро хўрда.**

**Анвар:  – На сол туро хўрда на ту солро,**
**Туву сол ин мувозинати фол.**

**Фарҳод: – Ҳафтод соле баҳрам дод Худо,**
**Аз умри додаи ў шудам ризо.**
**Бо фазилат умр диде шумо,**
**Аз Худованд бошед шодо.**

**Анвар:  – Раҳмат ба ту  барои ҳамин,**
**Бисмиллоҳир Роҳманир Роҳим**

**Фарҳод: – Ибтидои кор бошад раҳим,**
**Интиҳои кор бршад Омин.**

**Анвар:  – Бисёр хуб калимаи омин дар давр аст,**
**Дар охир, ки омад номаш сабр аст.**

**Фарҳод: – Ҳақиқат биҳишт дар пеш аст,**
**Оқибатҳои дили реш аст.......**

**Намунаҳо аз эїодиёти фарзанди шоир Фарҳоди Исомиддин**

**Фарҳоди Исомиддинсоли 1944 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашти вилояти ҳозираи Суғд дар оилаи марди аҳли зиё, шоир Ороми Понғозº ба дунё омадааст.**

**Муаллими тойифаи олº, номзади фанҳои филологº, профессори Академияи Илмии Байналхалқº.Соли 1969 бахши Забон ва адабиёти тоїикии донишгоҳи кунунии Хуїандро хатм кардааст. Мудири қисми илмии мактаби № 36 ноҳияи Ашт, мудири қисми илмº, їонишини директори мактаби № 17-и шаҳри Анген. Директори "Бюрои Саёҳат ва экскурсияи Ангрен"- 1980-1984, Мудири бахши Маданияти Ҳокимияти шаҳри Ангрен - 1985-1986. Эксперти Маркази таълими Ўзбекистон, 1986-1995. Сарметодисти Маркази таълими халқи Ўзбекистон, 1994-1995. Мудири кафедраи "Забон ва адабиёти тоїик", соҳои 1997-2008, мудири кафедраи "Забонҳои Шарқ", 2008-2012.**

**Эксперти маркази тестии давлати Ўзбекистон солҳои 2010-2014.**

**Муаллифи зиёда аз 150 мақолаҳои илмº, илмº-маърифº ва китобҳои дарсии синфҳои 5, 8, 9 дар ҳаммуаллифº. Китоб ва рисолаҳои "Унвонҳои адибон"-2012. Китобҳои "Ўзбек адибларининг унвонлари"-2013, "Зулисонайн адиблар"-2013, "Гулчини абёти баргузида"-2014, "Чеҳраҳои Ангрен"-2014, " Алифбои шавқовр", "Пандномаи Розҳо" дар ҳаммуалифº. "Пандрезаҳо"-2016 ва ғайраҳо мебошад.**

**Фарҳоди Исомиддин дар вақтҳои берун аз эїодии худ ба навиштани таронаҳо машғул аст.**

**Инак чанд намунаи таронаҳои ўро бароятон пешкаш мекунем.**

# Баҳор

Ай арўсаки сол, баҳори нозанин, ин қадар ноз дорº. Ноз дорº, ки Наврўзи нозанин дорº? Ошиқонат беқароранд, омадани туро интизоранд. Ту бошº, парвое надорº. Гўиё аз ин интизории муштоқонат шавқи хосае дорº, ононро сахт мунтазир месозº. Гоҳо чун офтоби тобон хандон-хандон меоº, гоҳо чун абрҳои гурезон гирён-гирён меоº. Ба ҳар ҳоле, ки меоº, ту маҳбуби дилҳоº. Баъди сармои қаҳратун, ки табиат дар ҳарос аст, ту бо гармии худ ба їунбиши табиат ибтидо мегузорº. Бо меҳри рўзафзунат рўзгори офаридагонро тозаву озода, гулбуну гулгун месозº. Кош ҳамин тароватҳои ту, шукуфтанҳои ту абадº мебуд!

Беғуборº, зебоº, сафокорº, їилогарии ту аз биҳишти барин дарак медиҳад.Накўкории офаридаҳои Офаридгор аз ту илҳоми тоза мегиранд.

Эй баҳори нозанин, ту он маскани орзуро мемонº.

Беғашº, покизагº, мусафогии ту дар ҳаёти инсонº тифлаки навзодро мемонад, ки аз табассуму хандаҳои ў бўи биҳишт меояд.

Ай баҳори нозанин, биё! Марҳабо, ба баҳористони зиндагонº!

# Борон

Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,
Дар боғ лола рӯяду дар шӯразор хас.
Саъдº

Борон, Ай борон, раҳмати Худо, мӯъїизаи осмонº. Барҳақ туро раҳмати Худо номидаанд, чунки барангезандаи эҳёи табиат ҳастº. Ҳангоме, ки ту маҳин ва майда меборº, қабат-қабати заминро нарм месозº, барои сабзиши рустаниҳо замина мегузорº, ҳаво соф, табиат дилкаш, ҳама їо сабзу хуррам мегардад. Барои фараҳу шодº. замина мегузорº. Ин амали туро ба одамоне, ки табиати гарму мулоим доранд, дар олам тухми некº мекоранд, монанд кардан мумкин аст.

Эй борон, гоҳо туро ғазаби Худо меноманд, ки ин ҳам барақ аст. Чунки гоҳо тундº мекунº, қаҳр менамоº ва дар ғазаб шуда, бошиддат меборº аз новаҳо, їӯйборҳо тез равон мешавº, селе шуда ҳар чизе, ки садди раҳи ту мегардад, ҳамроҳ мебарº, кӯчаву хиёбонҳо, киштзору хонаҳоро вайрону валангор месозº. Одамон ба даҳшат меафтанд ва аз ту гурезон мешаванд.

Эй борони тунд, туро ба саркардаҳо, подшоҳони бадқаҳр ва серїаҳл монанд кардан мумкин аст, чунки онон ҳам ҳангоми қаҳрашон шаҳрҳоро вайрон, одамони зиёдеро ба қатл мерасонанд.

Ай борони маҳин, чун раҳмати Худо, мо ҳамеша хоҳони туем ва туро доимо мунтазирем.

# Гул

Ҳама олам ба тамошои ту шоданд,
Ту маҳи идию рӯи ту гули наврӯзист.
Камоли Хухандº

Эй гул, неъмати беҳтарини заминº, дар зебоº назир надорº. Офаридгор хама їило ва рангҳои беҳтаринро ба рӯи ту дода. Дар табиат ранге нест, ки дар рӯи ту акси худро наёфта бошад. Асли ту аз їаннат, макони ту чаманистону гулистонҳо, мақоми ту волост, мароми ту дар қалбҳо.

Ай гули алвон, дар малоҳат, назокат, асолат ба худ назир надорº.

Ай гули хандон, ранги воло, накҳати дилїӯ дар туст.

Ай гули рангин, дидани ту дидаҳоро мадор, қалбҳоро завқ, табиати одамонро шавқ мебахшад.

Ай гули зебо, мутаассифона бо ин ҳама таровату назокат, ва асолатат умри кӯтоҳе дорº. Лекин афсӯс макун, ки дар дар давоми умри кӯтоҳи худ, ҳаёти одамонро їозибаноку мунаввар сохтаº.

Ай гули авранг, ҳама хислатҳои наїиби туро ба он инсонҳое, ки бо умри кӯтоҳ ва бобаракати худ, бо нек° ном гузошта рафтаанд, монанд кардан мумкин аст.

Ай гули рангин, туро беҳуда рамзи ошиқ° наномидаанд. Дар ҳақиқат ту яке аз беҳтарин офаридаҳои Офаридгор ҳаст°.

# Тобистон

Ай тобистон, фасли гармиву гармо, хуш омад° ба баҳористони зиндагон°.

Эй тобистони пухтарасон, ин қадар қалби гарму хўшон° дор°. Самарҳои тобистонаро бо шира таъмин месоз°, їиллоҳои алвон медиҳ° ва пухта мерасон°. Шояд ту дӯсти обу обод°ҳаст°, ки аз гармии ту офаридаҳои илоҳ° дар лаби обу сояҳои дарахтон аз гармии ту паноҳ мебаранд. Вақте ки дар қаҳр мешав° бо гармселат їонзодҳову рустаниҳоро озор медиҳ°.

Ононе, ки доманакеҳҳо, талу теппаҳо, ҳамвориву даштҳо зиндаг° доранду барои худ долу дарахте напарваридаанд, раҳму шафқат намекун°. Ҳатто гиёҳу рустаниҳое, ки дар баҳорон руста буданд, то офаридаҳои илоҳ° озуқа намоянд, бераҳмона сӯхта мепарто°. Лекин ба туфайли ту аз файзу баракоти ту деҳқонон ҳсили фаровон мегиранд ва шукронаи неъмат мекунанд. Ҳангоми хушнудият їонзодҳоро бо боди сабоят навозиш мекун°. Беҳуда нест, ки фасли туро ба фасли дуюми умри инсон°, ки аз бистсолаг° оғоз гардида то чилсолагиаш давом дорад, монанд мекунанд.

# Зимистон

Ай зимистон, ғамгусори олами мавїудот. Агар рӯз барои меҳнату заҳмат бошад, шаб барои фароғат офарида шудааст. Агар баҳорон мардум ба кишту кор машғул гарданд, тобистон самараи меҳнати баҳоронаи одамон ширандӯз° гардад, тирамоҳ самараи меҳнати одамон гирд меояд, дар зимистон кишоварзон ба истороҳат мепардозанд.

Фасли зимистон субҳи содиқ аз хоби ноз чашмонамро боз намудам, атроф дар назарам ғайриодд° намуд. Аз тиреза берун нигоҳ кардам, ҳама їо сап-сафед, аввал ҳайрон гаштам, сипас аз хаёлам гузашт, зимистон аст, шояд барф борида бошад. Аз хоби ноз батамом бедор гаштам, берун нигариста фаҳмидам, ки барфи бисёре боридааст ва тамоми табиат либоси сафед пӯшидааст. Ҳатто дарахтону хонаҳо ҳам дар либоси сафед буданд. Хаёл кардам, ки кош ҳаёт ҳам ҳамин тавр сафеду беғубор мебуд. Соате чанд аз зебогии зимистон чашм наканда дар орзуҳои ширини худ ғӯтавар будам.

Одамон аз хоби ноз бедор гаштанд, ҳама аз пайи зиндаг°. Аз дудаҳо дудҳои ғализ берун шуданд, зебоии табиатро олуда сохтанд, дигар он таровати нахустини илоҳ° намонд. Боз аз хаёл гузаронидам, ки табиати зебои офаридгорро мо бандагони ношукр олуда месохтаем.

Дар ин барфу сармо ду чиз аст Лоиқ,
Шароити мураввағ, рафиқи мувофиқ.
***Адиб Собир***

# Барф

Барф, ай барфи сафед, резаҳои осмон°, инқадар ïисми сафеду беғубор, беғаш ва покиза дор°. (Кош бо ин ҳама софию беғубориат қалби гарму нарм медошт°). Ғайрате дорам, ки бо ин ҳама назокатат одамон аз ту даргурезанд. Шояд сардии ту одамонро дар ҳарос меандозад. Бо ин ҳама сардиат манфиати зиёде дор°, зери кўрпаи сафеди ту табиат ба хоби роҳат меравад. Дарахтон дам мегиранд, ки ба баҳори дигар қувват зам кунанд, то баҳри моён меваҳои шаҳдбор оранд. Замин ҳам дам мегирад, бофароғат хобида, то кишти дигар ғизо, шира ғун мекунад, то самархез гардад.

Эй барфи сафеду беғубор, ҳар зимистон бо ташрифи худ моро шод гардон,мо туро дест медорем ва мунтазир хоҳем шуд.

# Китоб

Китоб, эй китоб, ганïинаи бебаҳои давру замон. Шояд ту беҳтарин армуғони Офаридгор ба бандагон бош°. Ту мисли пири кўҳан ҳар вақт аз гузаштаву ҳозир ва ояндаи давру замон нақлу ривоятҳо мекун°. Чун пирони хирад, сабақи ҳикмату мантиқ медиҳ°. Гоҳҳо чун файласуфон дарси маърифат мегузарон°. Борҳо мисли донишмандони ном° аз адаб сабақ меомўз°. Дар байни миллатҳои гуногуни дунё ба ҳамагон таълими забон менамо°. Гуиё ки навïавони донишманд ҳаст°, аз пешрафти илму техника башоратҳо медиҳ°. Борҳо чун боғбони кордида аз сабзиши рустаниҳо ҳикоятҳои ïозиб менамо°. Чун дарёнавардон гаштаву баргашта, аз ҳаёти ïонзодҳои зериоб° нағлҳои ïаззоб менамо°. Чун шоирон аз шеъру шоир° сухан мерон°. Гоҳҳо мисли нависандагон нақлу ривоятҳо мекун°. Гоҳҳо мисли сайёҳони моҳир хонандаро бо аïоиботи дунё шинос менамо°. Мисли маъданшиносони соҳир ҳамагонро бо боигарии табиат шинос менамо°. Гўиё ïуғрофидони пурдида ҳаст° ва хонандагони худро бо мамлакатҳову шаҳрҳо шинос менамо°. Чун меъмори моҳир бо нақшаву лоиҳаҳои пурарзиш ҳаёти одамонро рангин менамо°. Гоҳҳо чун дўзандаи пурмаҳорат одамонро бо олами мўд шиносо месоз°. Гоҳҳо чун рассоми мўйқалам аз рангу санъат нақшҳо намоиш медиҳ°. Гўиё чун мусиқашиноси бомаҳорат ҳаст°, ки аз суруду таронао нақлҳои ïаззоб менамо°. Ин ҳама ҳунару маҳорати ту ҳамаро ба ғайрат меандозад.

Эй китоб, ин ҳама донишу маҳорат ва фазилатҳои хуби замин° дар ту аз куïхо пайдо гашта, магар ту сеҳргари замин° ҳаст°? Не! Ин ҳама фазилатҳои хубро аз ту аз Уммулкитоб-Қуръони аъзимушшанъ гирифта°. Ана, ҳурмату қиммат ва азизии ту аз куïост.

Эй китоб, мо туро дар ҳар шаклу ҳаїм, дар ҳар рангу їило дӯст медорем.

## Ҳаёт, ҳаёт, ҳаёт...

Эй бародарон, ҳаёт хело кӯтоҳ аст, барои чӣ мову шумо вайро боз кӯтоҳтар мегардонем. Шабу рӯз дар пайи молу сарватғункунӣ ҳастем. Ғам мехӯрем, аз дигарон меранҷем, бо ҳамдигар меҷангем, рӯзу шабро бо ғаму андӯҳ ва гиряву нола мегузаронем, дигаронро хафа мекунем. Барои чизҳои майда-чуйда талошу тафтиш мекунем. Баъзеҳоро барои камбудиҳояшон масхара мекунем. Худро баландмартаба ҳисобида такаббур мекунем. Ақидаи худро дуруст ҳисобида, бо дигарон баҳсу талошҳои доманадор мекунем, гӯё гуфтаи мо дурусту гуфти дигарон нодуруст, гӯё мо донову дигарон нодон ҳастанд.

Эй бародарон, магар аз асли хеш бехабар шудем. Магар Парвардигор, моро аз хок наофарид, барои чӣ мисли ҳаво парвоз дорем, бандаи хокӣ бояд хоксор бошад.  Парвардигор моро барои бандагӣ офарид, бояд бандагӣ ба ҷой орем.

## Хомӯшистон

( Илҳом ва маъно аз ду байти Маъдан)

Ба чашми имтиҳон аввал дар ин гулшан назар бикшо,
Сари озодагӣ  дорӣ, чу анқо болу пар бикшо...

***Маъдан***

Эй макони одамони фаногашта,
Эй макони одамони шаҳидгашта,
Эй макони одамони нокомгашта,
Эй макони одамони аз ҳаёт сернагашта,
Эй макони одамони хомӯш.

Чаро рӯзҳо хомӯшу шабҳо дар хурӯшӣ. Чаро ин қадар сирру асрори ҷаҳонро дар худ ниҳон медорӣ?  Шояд дар ду олам фақат ту мизбони одилтаринӣ, ки шоҳу гадо, пиру барно, мардону занонро як сон қабул дорӣ. Ба ҳама меҳмонҳоят як хел хона ато менамоӣ.  Хонаҳои ту барои меҳмонҳое, ки дар зиндагиашон тухми некӣ мекоштанд,  амалҳои нек мекарданд,  каме фаррохтару бофароғаттар аст. Лекин меҳмонҳое, дар зиндагиашон тухми бухлу адоват мекоштанд, бо дасту забони худ дигаронро озор медоданд, тангу ториктар буда, то рӯзи Қиёмат дар азобу шиканҷа қарор мегиранд.

Онҳое, ки дар ин дунё кушку қасрҳо, хонаҳои боҳашамат доштанду аз такаббур пеши пои худро намедиданд, либосҳои фохира мепӯшиданду худнамоӣ  мекарданд, мисли ҳама одамони хокӣ дар либосҳои оддии ҳафтгаза назди ту бо сари хам, чеҳраҳои маъюсона ҳозир мегарданд. Ту

онҳоро низ мисли он одамоне, ки дар зиндагиашон, нони шикамсерӣ надида, танашон либоси хуберо надида буд, ҳамаро яксон қабул менамоӣ.Бояд ба онон ҳасад бурд, ки дар ҳаёти заминии худ роҳатрасони мардумон буданд, дар замин тухми некӣ мекоштанду амалҳои солеҳа мекарданд, бо фазлу адл ҳаёт ба сар мебурданд, фарзу воҷибу суннатро тарк надоштанд, бо забони нарми худ мардумро навозиш медоданд, бо саховатмандии худ, ночоронро силлаи раҳм менамуданд аз онон ҳама шоду мамнун буданд.

Бояд ҳазар аз онҳое намуд, ки дар зиндагии худ фарзу воҷибу суннатро ба гӯшаи хаёли худ намеоварданд, тухми ҷавру ситам мекоштанд, ба дигарон муштзӯрӣ, забондарозӣ, дилозорӣ менамуданд. Алҳазар, алҳазар, алҳазар аз ин гуна амалҳои зишт.

Парвардигоро, мо ҳама бандаҳои осиву рӯсиёҳ ҳастем аз ту умеди бахшиш дорем, аз фазлу карамат ҷурмҳои моро бибахшой, ба роҳи некиву ростӣ ва растагорӣ ҳидоят намо.

**Дар ин олам гунаҳпарвардаи деҳқони исёнам,**
**Ки фардо аз зуроои шафоат хушҷабинам кун.**
***Маъдан***

# Кори занҳо ла-ла-ла...

Мегӯянд, ки ҳаёти занҳо ла-ла-ла... аст. Саҳар аз хоб бедор мешаваду мехезад. Ба ҳавлӣ об зада ҳавливу хонаро мерӯбад. Чою нон оварда дастархон меорояд. Ҳамаро бедор карда сари дастархон менишинонад. Шавҳарро ба кору бачаҳоро ба хондан равона мекунад. Баъд ба ғунучини хона машғул мешавад. Либосҳои чиркинро гирд оварда ба шустушӯй мепардозад. Либосҳоро хушконида сари дарзмол менишинад. Ба соат нигоҳ мекунад, ки вақти хӯроки нимирӯзӣ шудааст. Бачаҳоро пешвоз мегираду паси дастархон шинонида хӯроки нисфирӯзӣ медиҳад. Сипас дастурхонро ғундошта паси корҳои чаламондаи худ машғул мешавад. Ҳамин тариқа бегоҳӣ шуда мемонад. Боз аз паси омода сохтани хӯроки шом мегардад. Баъди хӯрдани хӯрок дастархонро меғундораду ҷою ҷогаҳоро мешӯяд. Мебинад, ки вақти хоб шудааст, аз пайи рахти хоб мешавад, барои аҳли оила ҷой тайёр мекунад ва нафаси тоза кашида ӯф, монда шудам, мегӯяд, ки аз он тараф овози шавҳараш баланд мешавад, чӣ кор карданат таъин несту ӯф мекунӣ, тамоми рӯз корат ла-ла-ла...

# Чанд намунаи китобҳои Фарҳоди Исомиддин


Ф. ИСОМИДДИНОВ, М. КАБИРОВ
ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
8


Ф. ИСОМИДДИНОВ
А. АХМАДОВ
И. БЕГМАТОВ
ЧЕҲРАҲОИ
АНГРЕН


ФАРҲОД ИСОМИДДИНОВ,
ЖОНМИРЗО МИРЗОЕВ
ЗУЛЛИСОНАЙН
АДИБЛАР


ФАРҲОД ИСОМИДДИНОВ
ЎЗБЕК
АДИБЛАРИНИНГ
УНВОНЛАРИ


ФАРҲОД
ИСОМИДДИНОВ
УНВОНҲОИ
АДИБОН


ФАРҲОД ИСОМИДДИНОВ
ПАНДРЕЗАҲО


Фарҳоди Исомиддин
Тоҳири Исомиддин
Пандномаи
розҳо


ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
9

# Ҳанифаи Исомиддин

**Ҳанифаи Исомиддин соли 1947 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт дар оилаи Исомиддини Ором ба дунё омадааст. Мактаби миёнаи ба номи Маъдани деҳаашро бо баҳоҳои хубу аъло тамом кардааст. Дар вақти мактабхониаш ба фанҳои забон ва адабиёти тоїик ва забони англисº рағбати калоне дошт. Муаллимонаш итминони комил доштанд, ки баъди хатми мактаби миёна ў бемамониат ба факультаи забонҳои хориїº, алалхусус ба шўъбаи забони англисº дохил хоҳад шуд. Падараш ҳам ба хондани ў зиддият надошт, лек шароит фароҳам нашуд, чунки ду бародари Ҳанифа ҳоло донишїў буданд, бинобарон имкони хонондани Ҳанифа худ аз худ барҳам хурд. Баъди хатми синфи ёздаҳум ўро мувофиқи қисмату қазояш ба шаҳри Ангрен ба шавҳар доштанд. Соли 1967 баъди таваллуди нахустфарзандаш Фирўз хоҳишу орзуи таҳсил аз дили ў берун гашт. Ҳанифа вақтҳои берун аз кору бори рўзгор ба мутоилаи шеъру асарҳои бадеº машғул гашт. Їудоº аз падару модар, хешовандон илҳоми шеърнависиро дар қалби ў їойгир намуд. Ҳаракат мекард, ки ба мактубҳои падари дурафтодааш бо шеърҳои шогирдона їавоб гардонад. Ҳамин тариқ ў ба шеърнависº машғул шуд. Агарчанде ў шоираи забардаст нагашт, лек шеърҳои хонданº навишта тавонист. Шеърҳои ў асосан дар рўзномаҳои “Шўҳрати Ашт”, “Овози тоїик” ва борҳо дар ҳафтавори “Ховар” ба табъ расиданд. Ў ният дорад, ҳамаи шеърҳои худро гирд оварда маїмўъаеро дар яке аз нашриётҳои даврº ба табъ расонад.**

**Намунаи шеърҳои духтари шоир Ҳанифабону**

**Муждаи баҳор**

Омад фасли навбаҳор,
Шукуфаҳои бисёр.
Гулу райҳони хушбў,
Боғу чамани хушрў.
Хониши мурғи чаман,
Лолаи кўҳу даман.
Резиши боду борон,
Тобиши тиру камон.
Офтобаки зарринрў,
Майсаҳои зарринмў.
Дашту кўҳсор лолазор,
Шохи дарахтон пурбор –
Ин баҳори зарнисор,
Ин муждаи навбаҳор.

**Навбаҳор**

Бо гулу гулзор биё, навбаҳор,
Бо булбули зор биё, навбаҳор.
Интизори ту будем, эй баҳор,
Бо тарабу тор биё, навбаҳор!

Домани сабзат кашида биё,
Лола ба кӯҳсор дамида биё,
Мушку абир аст дар оғӯши ту,
Оғуши мушкин такида биё!

Ноз ту дар қалби ҷавонам бидеҳ,
Шеъри навине ба забонам бидеҳ.
Тоқии гулдор ниҳода ба сар,
Бо гули бодом саломам бидеҳ!

**Падар**

Падар, ёд мекунам боғи баҳорат,
Баҳори дилкушо, сози дуторат.
Миёни кӯҳсорон хонаи ту,
Чу гулзори биҳишт кошонаи ту.

Дари хона, ки ҷӯйборе равон буд,
Ба боғат навниҳолон гулфишон буд,
Гуландом модари ширинзабон буд,
Ба чашмонам ҳама олам ҷавон буд.
Вале бигзашт даврони ҷавонӣ,
Гаҳе бо ғам, гаҳе бо шодмонӣ.

**Дӯст**

Ду чашми интизорам бар раҳи дӯст,
Дили меҳрпарварам парвонаи ӯст.

Зи рӯи дӯст гирад чашми ман нур,
Дилам неруву бозувони ман зӯр.

Ман умре дарду озораш набинам,
Ба роҳи ӯ агар хорест, бичинам.

Чу бо дӯст биншинам, парвона гардам,
Фаромӯш мекунам дунёи дардам.

Худовандо, кунам ҷонам фидоят,
Ба дӯстам ҳадя кун аз некиҳоят.

Ҳанифа некхоҳи некхоҳон,
Ҳамеша зинда бошанд ёру дӯстон!

**Шифокор**
**(Ба бародарам Анвари Исомиддин)**

Эй шифокору табиби меҳрубон,
Лафзи ширинат шифои рӯҳу ҷон.

Дасти ёриат бипурсанд одамон,
Хаставу дармонда, рӯҳафтодагон.

Қудрати некӣ ба ту додаст Худо,
Хаставу бечора бинмоӣ даво.

Илму олимӣ бувад болу парат,
Мурғи бахт биншаста болои сарат.

Қадри ту болост, болотар шавад,
Обрут волову волотар шавад.

Дар ҷудоиҳо ба ёдат сӯхтам,
Бо дили пурмеҳр Оромдухтам.

**Муаллим**
(Ба бародарам Фарҳоди Исомиддин)

Муаллим раҳнамо, устоди дониш,
Сазовор аст бар мадҳу ситоиш.

Ба шогирдони худ омӯзгор аст,
Ба халқу бар Ватан пайваста ёр аст.

Китобу дафтарат раҳбар бароят,
Қалам ифшогари фикру хаёлат.

Зи нури маърифат фикри ту солим,
Муқаддас номи ту: олим – муаллим.

Кашидӣ заҳмати бисёр, муаллим,
Наёёбад қалби ту озор, муаллим.

Сурур дар дил зи номи ту, бародар,
Ба меҳри ту бичӯшад қалби хоҳар.

**Хуш аст**

Қалби худ бо илм афрухтан хуш аст,
Хатти Қур'он хонда омӯхтан хуш аст.

Панду ҳикматҳо бихонда аз ҳадис,
Лафзи ширин бар касон гуфтан хуш аст.

Ин ҷаҳони имтиҳон баҳри адам
Тавба гуфтан, қалби пок ҷустан хуш аст.

Гиря кардан ҳар саҳар баҳри Худо,
Ишқи пок аз қалби худ ҷустан хуш аст.

Тавбагӯён, розгӯён бо Худо,
Бо дили осудае хуфтан хуш аст.

**Куҷо рафтӣ?**

Фалак меларзад аз оҳу фиғонам,
Куҷо рафтӣ, аё сарви равонам?

Накардӣ шафқате бар ҳоли зорам,
Зимистон карда ту фасли баҳорам.

Ҳамесӯзад зи ҳасрат устухонам,
Хазон бинмудӣ орзуи ҷавонам.

Дилам аз оташи ҳасрат кабоб аст,
Ҷавон мурдан магар кори савоб аст?

Бигӯ, то таскине ёбад дили ман,
Намирад то чароғи манзили ман.

**Ризо мехоҳам**

Гаҳе ақлу дилам бо ҳам ситезад,
Сиришки ҳарду чашмонам бирезад.
Куҷо рафт, умри бекора, куҷо рафт,
Ки фардо хоки қабрамро бибезад?!

Равонему равон аз ин ҷаҳонем,
Куҷо фардо равем, аммо надонем?
Биё, акнун бихонем панду ҳикмат,
Ки дар зери хиҷолатҳо намонем.
Аз бехирадӣ чашми хирад чанг нагирад,
Оинаи дил зи карам занг нагирад.
Эй Ёр, имону танам покиза бидор,
Виҷдон ба раҳат номусу нанг нагирад.
Ё Раб, ба дилам нуру зиё мехоҳам,
Дар роҳи худат сидқу сафо мехоҳам.
Ман зори Ту, дилдори Ту, бемори Ту,
Ё Раб аз ту ризо, ризо, ризо мехоҳам.

**Навбаҳор**

Бо гулу гулзор биё, навбаҳор,
Бо булбули зор биё, навбаҳор.
Интизори ту будем, эй баҳор,
Бо тарабу тор биё, навбаҳор!

Домани сабзат кашида биё,
Лола ба кӯҳсор дамида биё,
Мушку абир аст дар оғӯши ту,
Оғуши мушкин такида биё!

Ноз ту дар қалби ҷавонам бидеҳ,
Шеъри навине ба забонам бидеҳ.
Тоқии гулдор ниҳода ба сар,
Бо гули бодом саломам бидеҳ!

**Падар**

Падар, ёд мекунам боғи баҳорат,
Баҳори дилкушо, сози дуторат.

Миёни кӯҳсорон хонаи ту,
Чу гулзори биҳишт кошонаи ту.

Дари хона, ки ҷӯйборе равон буд,
Ба боғат навниҳолон гулфишон буд,

Гуландом модари ширинзабон буд,
Ба чашмонам ҳама олам ҷавон буд.
Вале бигзашт даврони ҷавонӣ,

Гаҳе бо ғам, гаҳе бо шодмонӣ.

**Дӯст**

Ду чашми интизорам бар раҳи дӯст,
Дили меҳрпарварам парвонаи ӯст.

Зи рӯи дӯст гирад чашми ман нур,
Дилам неруву бозувони ман зӯр.

Ман умре дарду озораш набинам,
Ба роҳи ӯ агар хорест, бичинам.

Чу бо дӯст биншинам, парвона гардам,
Фаромӯш мекунам дунёи дардам.

Худовандо, кунам ҷонам фидоят,
Ба дӯстам ҳадя кун аз некиҳоят.

Ҳанифа некхоҳи некхоҳон,
Ҳамеша зинда бошанд ёру дӯстон!

**Шифокор**
(Ба бародарам Анвари Исомиддин)

Эй шифокору табиби меҳрубон,
Лафзи ширинат шифои рӯҳу ҷон.

Дасти ёриат бипурсанд одамон,
Хаставу дармонда, рӯҳафтодагон.

Қудрати некӣ ба ту додаст Худо,
Хаставу бечора бинмоӣ даво.

Илму олимӣ бувад болу парат,
Мурғи бахт биншаста болои сарат.

Қадри ту болост, болотар шавад,
Обрут волову волотар шавад.

Дар ҷудоиҳо ба ёдат сӯхтам,
Бо дили пурмеҳр Оромдухтам.

**Муаллим**

(Ба бародарам Фарҳоди Исомиддин)

Муаллим раҳнамо, устоди дониш,
Сазовор аст бар мадҳу ситоиш.

Ба шогирдони худ омӯзгор аст,
Ба халқу бар Ватан пайваста ёр аст.

Китобу дафтарат раҳбар бароят,
Қалам ифшогари фикру хаёлат.

Зи нури маърифат фикри ту солим,
Муқаддас номи ту: олим – муаллим.

Кашидӣ заҳмати бисёр, муаллим,
Наёёбад қалби ту озор, муаллим.

Сурур дар дил зи номи ту, бародар,
Ба меҳри ту бичӯшад қалби хоҳар.

**Хуш аст**

Қалби худ бо илм афрухтан хуш аст,
Хатти Қур'он хонда омӯхтан хуш аст.

Панду ҳикматҳо бихонда аз ҳадис,
Лафзи ширин бар касон гуфтан хуш аст.

Ин ҷаҳони имтиҳон баҳри адам
Тавба гуфтан, қалби пок ҷустан хуш аст.

Гиря кардан ҳар саҳар баҳри Худо,
Ишқи пок аз қалби худ ҷустан хуш аст.

Тавбагӯён, розгӯён бо Худо,
Бо дили осудае хуфтан хуш аст.

**Куҷорафтӣ?**

Фалакмеларзадазоҳуфиғонам,
Куҷо рафтӣ, аё сарви равонам?

Накардӣ шафқате бар ҳоли зорам,
Замистон карда ту фасли баҳорам.

Ҳамесӯзад зи ҳасрат устухонам,
Хазон бинмудӣ орзуи ҷавонам.

Дилам аз оташи ҳасрат кабоб аст,
Ҷавон мурдан магар кори савоб аст?

Бигӯ, то таскине ёбад дили ман,
Намирад то чароғи манзили ман.

**Бе ту**

Бе ту қалби ман намеёбад қарор,
Ҷисму ҷони ман ба роҳат интизор.

Бе ту дунёи дилам рангин нашуд,
Қалъаи уммеди ман сангин нашуд.

Бе ту гулҳои чаман беранги бӯ,
Мурғи дил беболу пар дар ҷустуҷӯ.

Бе ту ин кошонаам обод не,
Аз қафас мурғи дилам озод не.

Бе ту дил бе мунису бечора шуд,
Қалби ман бо тири ғам садпора шуд/

## ЧОРГОНИҲО

Боз ба дил мурғи сабо пар мезанад,
Боз қалам бар сафҳаҳо сар мезанад.
Дар гулистон ғунчаҳо бишкуфта боз,
Боз ба рӯям мушку анбар мезанад/
***
Ин рӯзи баҳор ба ман сафо мебахшад,
Гулҳои чаман рангу баранг мерахшад.
Ин накҳати гул, боди сабо, фасли баҳор
Оромӣ ба дил, ба ҷисм шифо мебахшад.
***
Аз ҳусни гулҳои чаман
Мурғи дилам наво кунад,
Оби равону сабзааш
Чашму дилам даво кунад.
***

Ин дидаву дил майли тамошои ту дорад,
Ин бод ба дилам сила зада бӯи ту дорад.
Сад шукри Худованд, ки ба Наврӯз расидем,
Сад ранги баҳор сабзаву гулҳои ту дорад.
***
Гаҳе ақлу дилам бо ҳам ситезад,
Сиришки ҳарду чашмонам бирезад.
Куҷо рафт, умри бекора, куҷо рафт,
Ки фардо хоки қабрамро бибезад?!
***
Равонему равон аз ин ҷаҳонем,
Куҷо фардо равем, аммо надонем?
Биё, акнун бихонем панду ҳикмат,
Ки дар зери хиҷолатҳо намонем.
***
Аз бехиради̅ чашми хирад чанг нагирад,
Оинаи дил зи карам занг нагирад.
Эй Ёр, имону танам покиза бидор,
Виҷдон ба раҳат номусу нанг нагирад.
***
Ё Раб, ба дилам нуру зиё мехоҳам,
Дар роҳи худат сидқу сафо мехоҳам.
Ман зори Ту, дилдори Ту, бемори Ту,
Ё Раб аз ту ризо, ризо, ризо мехоҳам.
***
Анисиқалбимаҳзунамкуҷорафт?
Равон аз ӯ парид, аз ман раҳо рафт!
Чи̅ чора, ҳукми тақдили Илоҳи̅:
Маро сӯзондаву аз ман ҷудо рафт!
***
Аёфарзанд, бадӯстонмеҳрубонбош,
Сухан санҷида гӯву хушзабон бош.
Агар хоҳи̅ ризои волидонро,
Накукор, тозавиҷдон, некном бош!
***
Эй писар, бо амри виҷдон кор кун,
Ақли солимро ба виҷдон ёр кун.
Қимати умри ҷавони̅ бошумор,
Некро дар ин ҷаҳон бисёр кун!

# Тоҳири Исомиддин

Тоҳири Исомиддин соли 1952 дар оилаи шоир Ором ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидо° ва миёнаро дар зодгоҳаш гирифтааст. Соли 1968 ба донишкадаи политехникии Душанбе дохил шуда, бо тахассуси муҳандис-иқтисодч° соли 1973 донишкадаро хатм намудааст. Солҳои 1973-1976 бо роххати донишкада дар "Душанбесохтмон" ба ҳайси муҳандис-иқтисодч° фаъолият намудааст.

Аз соли 1976 то соли 1979 дар ПМК-9 ноҳияи Ашт ба ҳайси сармутахассис кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 1979 то соли 1986 дар Ҳокимияти ноҳияи Ашт дар вазифаи Назоратчии халқ° адои вазифа намудааст. Аз соли 1986 то ҳоло дар вазифаи Раиси сохтмонсохтори ноҳияи Ашт кор ва фаъолият намуда истодааст.

Оиладор соҳиби ҳафт фарзанду даххо набераву аберахо мебошад.

Дар вақтҳои холигиаш ба хондани китобҳои баде° ва аз худ кардани шеърҳо машғул аст. Хусусан ашъори Бедил, Маъдан ва Ороми Понғозиро бо шавзу завқ мутоила ва азбар менамояд. Вай дилдодаи пандҳои ин адибон аст. дар ҳамкор° бо бародараш Фарҳоди Исомиддин аз хазинаи бебаҳои адабиёти тоїик рисолаеро бо номи "Пандномаи розҳо" ба табъ расонидааст. Китоб соли 2016 дар нашриёти Хуїанд бо теъдоди 500 нусха аз чоп баромад. Дар зер намунаеро аз пандҳои гирдовардаи Тоҳири Исомиддин пешкаши хонандагон мегардонем.

## Аз пандномаи Маъдан:

Ба ҳар номаҳраме зинҳор манишин, шарҳи ғам макшо,<br>
Ба қалбноошноён қулфи асбоби ҳарам макшо.

***

Зи қайди мову ман бигсил, сари озодаг° во кун,<br>
Таалluқ душмане дор°, ба ислоҳаш мадоро кун.

***

Ба чашми имтиҳон аввал дар ин гулшан назар бикшо!<br>
Сари озодаг° дор°, чу анқо болу пар бикшо!

***

Аз аттибои ïаҳон марҳами ин ранï махоҳ,
Нафаси софдилон бину шифое дарёб!

***

Ба гўши дил мубарро соз, маъдан, пунбаи ғафлат,
Ба гўристон гузар кун, дида бар хоки падар бикшо!

## Аз пандномаи Ороми Понғоз$^{o}$:

Макун гарданкаш$^{o}$, мисли шайтон,
Агарч$^{o}$ ҳамчунон бош$^{o}$ Фалотун.

***

Макун асло сарафроз$^{o}$ зи мансаб,
Сарафрозон їудо аз роҳи мансаб.

***

Одам$^{o}$ ҳама як їинс аз замин аст,
Баргард зи маниҳо, к-ин кори лаъин аст.

***

Гар ту хоҳ$^{o}$ санїишат ёбад зафар,
Дар давоми таҳсили худ ранї бар.

***

Машав ман-ман писар чу боди сар-сар,
Сараш боло ҳамеша дарахти ар-ар.

***

Машав чу їоҳиле, кимёназар шав,
Ба сони нотиқон дида ба сар шав.

***

Куїо бош$^{o}$ фарзанд машав беадаб,
Магў дар нишаст лофу беҳуда гап.

***

Сухан чин, ки нек сухан гавҳар аст,
Набояд шикаст гавҳарат бесабаб.
***

Ба некº қадам неҳ, саховат бикун,
Бихону бидону ҳунар пеша кун.

***

Кº дўсту кº душман їудо кун,
Зи макри рақибон андеша кун.

***

Ба ту халқ боварº дорад, ҳаё кун,
Ҳама касбу кори худро бериё кун.

***

Чуқур андеша кун їону їигарбанд,
Макун обруфурўшº сахт камар банд.

***

Қанот бозкушо парвози соз кун,
Ба лутфу эҳсон дастат дароз кун.



Дар расм панї фарзанди шоир, аз чап ба рост: Фарҳод, Ҳанифа, Анварїон, Ҳалима ва Тоҳирїон

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ ВА МАЪОХИЗ

1. Ороми Понғозӣ. Дафтари якум. Бо алфавити форсӣ-тоҷикӣ. / Дастнависи муаллиф. Дар бойгонии шахсии Фарҳод Исомиддинов нигаҳдорӣ мешавад.
2. Ороми Понғозӣ. Дафтари дуввум. Бо алфавити форсӣ-тоҷикӣ. / Дастнависи муаллиф. Дарбойгонии шахсии Фарҳод Исомиддинов нигаҳдорӣ мешавад.
3. Ороми Понғозӣ. Дафтари севвум. / Дастнависи муаллиф. Дар бойгонии шахсии Фарҳод Исомиддинов нигаҳдорӣ мешавад.
4. Ороми Пунғазӣ. Меҳррезаҳои Ором. Шеърҳо (Макети маҷмӯъа, барои истифодаи хонаводагӣ). – Ангрен, 2007.
5. Ороми Пунғазӣ. Фараҳангез. Ба истиқболи 100-мин солгарди зодрӯзи шоир (Макети маҷмӯъа, барои истифодаи хонаводагӣ). – Ангрен, 2010. 64 саҳифа.
6. Фарҳод Исомиддинов. Унвонҳои адибон. – Т.: “Янги нашр”, 2012. – С.109.
7. Фарҳод Исомиддинов, Жонмирзо Мирзоев. Ўзбек адибларининг унвонлари. – Т.: “Янги нашр”, 2013. – Б.101-102.
8. Фарҳод Исомиддинов, Жонмирзо Мирзоев. Зуллисонайн адиблар. – Т.: “Истиқлол нури”, 2013. – Б.85-87.
9. Рӯзномаи “Шӯҳрати Ашт” – Ш. Ҳайдар°, Н. Мирзоматов, “Равшангари дилҳо” – соли 1990
10. Рӯзномаи “Шӯҳрати Ашт” – Ю. Сиддиқов “мероси пурбаҳое аз Ороми Понғоз°” – 21 феврали соли 2016.
11. Рӯзномаи “Ҳақиқати Суғд” – Рустами Ато “Ороми Понғоз° кист?” – соли 2016.



Оилаи Ӥамилаи  Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Парвини Ӥамилаи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Ҳилолаи Ïамилаи  Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Ситораи Ïамилаи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Фарзонаи Їамилаи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Замираи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Некрӯзи Замираи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Сӯҳроби Замираи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Манучеҳри Замираи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Рухангези Замираи Ҳалимаи Исомиддин



Оилаи Шӯҳрати Ґалимаи Исомиддин



Оилаи Муҳаммади Ҳалимаи Исомиддин



**Оилаи Далери Ҳалимаи Исомиддин**




Анвари Исомиддин бо оилааш




**Анвари Исомиддин бо оилааш**




**Анвари Исомиддин бо оилааш**



**Оилаи Фарҳоди Исомиддин**



**Оилаи Фаррухи Фарҳоди Исомиддин**



**Оиали Дурдонаи Фарходи Исомиддин**



Оилаи Мӯнисаи Дурдонаи ФарҳодиИсомиддин



Оилаи Фарзини Фарҳоди Исомиддин



**Оилаи Фирдавси Фарҳоди Исомиддин**



**Оилаи Рахшонаи Фарҳоди Исомиддин**




**Оилаи Фаридуни Фарҳоди Исомиддин**



**Оилаи Ҳанифаи Исомиддин**



**Оилаи Фирӯзи Ҳанифаи Исомиддин**



**Оилаи Гавҳари Ҳанифаи Исомиддин**



**Оилаи Шаҳлои Ҳанифаи Исомиддин**



**Оилаи Бунавшаи Ҳанифаи Исомиддин**



Оилаи Гулнози  Ҳанифаи Исомиддин



Оилаи  Гулрӯи  Ҳанифаи  Исомиддин



Оилаи Парвизи Ҳанифаи Исомиддин



Оилаи  Тоҳири Исомиддин



Оилаи Шоҳини Тоҳири Исомиддин



Оилаи Муқаддаси Тоҳири Исомиддин



Оилаи Наврӯзи Тоҳири Исомиддин



Оилаи Беҳрӯзи Тоҳири Исомиддин



Оилаи Райҳонаи Тоҳири Исомиддин



Оилаи Маликаи Тоҳири Исомиддин